**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 3 (37), 2024**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва таррох:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

### ДОНИШҲОИ ИЛМӢ, ИРТИБОТОТИ ФАРҲАНГӢ ВА НИҲОДИНАСОЗИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҶТИМОӢ

**Ятимов С**. Ба дониш гарою бад-ӯ шав баланд.................................. 5

**Давлиёрова Сафаргул.** *Муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон реша дар умқи таърих доранд……………………………..* 20

**Махшулов Муҳаммадсалом.** *Саҳми донишмандони тоҷик дар рушди улуми табиӣ ва риёзӣ дар олами ислом......................................* 36

**Нуров Нозим.** *Осебшиносии равобити фарҳангии Эрон ва Осиёи Марказӣ тайи асрҳои мутамодӣ: тавсиф ва таҳқиқи куллӣ..............* 48

### ҲАДАФМАНДӢ ВА ПАЁМИ БЕДОРӢ

**Бекзода Комил.** *Ваҳдати миллӣ ва фарҳанги Ҷамшедӣ (мулоҳизаҳои куллӣ дар мавзуи идеяи ваҳдати миллӣ ва мафҳумҳои истиқлолият ва дунявият дар Тоҷикистони соҳибистиқлол).............* 61

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Фирдавсӣ – шоири паёмрасон.....................* 65

**Суфизода Шодимуҳаммад.** *Адабиёт – виҷдони бедори худшиносии миллӣ..........................................................................................* 77

**Баротов Лутфулло.** *Таъсири гурӯҳҳои ифротии динӣ ба тафаккури муҳоҷирони меҳнатӣ..........................................................* 95

**Зиёева Зебонисо.** *Маъно ва ҳадафи зиндагӣ аз назари мутафаккирони тоҷику форс.................................................................* 106

### БАРДОШТУ ХОТИРОТ

**Нидозода Мирзодавлат.** *Зинда бошӣ, эй ҳакиму файласуфи номдор! (Хотироте дар заминаи истиқболи 80-солагии файласуфи миллӣ устод Комил Бекзода)...................................................................* 117

## ТАҚРИЗ

**Хоҷамуродов Олимҷон.** *Бозхонии мактаби формализми русӣ (Нигоҳи иҷмолӣ ба дарсгуфторҳои Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ "Растохези калимот". Муқаддима, тасҳеҳ, шарҳ, тавзеҳот ва замимаи Ш. Суфизода. -Душанбе, 2023. -400 саҳ.)*.................................. 130

# ДОНИШҲОИ ИЛМӢ, ИРТИБОТОТИ ФАРҲАНГӢ ВА НИҲОДИНАСОЗИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҶТИМОӢ

**С. ЯТИМОВ**
*профессор*

## БА ДОНИШ ГАРОЮ БАД-Ӯ ШАВ БАЛАНД

### Муқаддима

**«Фаромӯш накунед, ки танҳо илму дониш ва сатҳи баланди маърифат ба шумо қобилияти расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, давлату давлатдорӣ, падару модар, забон, таърих, фарҳанг, расму оинҳо ва дигар арзишҳои бебаҳои миллиро фароҳам месозад»** (аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шаҳри Душанбе, 1-уми сентябри соли 2024).

Дар ин **иқтибоси кӯтоҳ мантиқ ва таъйиноти илм тафсири барҷастаи энсиклопедию функсионалӣ дидаанд.**

Ҳамзамон бо ин, истифодаи мафҳуми таъкидии фардикунонии «танҳо», шарҳи духӯраи масъалаҳои барои давлат ва ҷомеа ҳаётан муҳимро дар баробари дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ истисно кардааст. Роҳ ва усули ғайримуқаррарии дарки онҳоро маҳдуд намудааст. **Илмро бар мартабаи воло - субъекти ҳалкунанда ва довари воқеияти ҳастии ҷомеа нишондааст.**

Дар ин манзалат, дониш ба сифати маҷмуи тасаввуроти инсон дар бораи муҳити атроф, мундариҷаи тафаккур ва маънавиёти ҷомеа муқаррар гардидааст. Ҳамчун ҷузъи асосии

муайянкунандаи хосият, муносибатҳо ва қонунмандиҳои пайдоиш, рушд ва тараққиёти зуҳуроти ҳастӣ қаламдод шудааст. Яъне истилоҳи мазкур, сирф ба маънои илм шарҳу тафсир ёфтааст.

Аз лиҳози дигар, дар тамоми давру замон тавоноӣ, арзишмандӣ ва шоистасолории фард дар алоҳидагӣ ва миллат дар маҷмуъ, ба дараҷаи дониш ва маърифати ӯ баробар дониста шудааст.

Ҳамин тариқ, мавзуи мақола дар бораи мавқеи муайянкунандагии илм дар шинохти раванд, тазод ва воқеияти ҷамъиятӣ мебошад.

## Илм ва ҳақиқати воқеӣ

Ҷараёни расидан ба илму маърифатро назарияи «***абадӣ ва беохири тафаккур ба дарки моҳияти масъала***» номидан мумкин аст. Маҳз он ***муҳиммият, асоснокӣ, хосиятҳои бунёдӣ, муайянкунандагӣ ва қонунмандии*** ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро доварӣ мекунад.

Яъне бидуни илм, донистани ҳақиқати воқеӣ дар кулли соҳаҳои ҳаёти инсонӣ – сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, маънавиёт ва ғайра имкон надорад.

Ибни Рушд бо итминони қавӣ ва хеле асоснок таъкид кардааст: «***Чун дониш нест, пас дар олам чизе дониста намешавад. Агар чизе дониста пиндошта шавад ҳам, дар асл гумон аст***».

Ҳақиқати илмӣ зуҳуроти мустақил аст. Аз хоҳиш,ирода ва муносибати шахс вобастагӣ надорад.

Дониш аст, ки тавассути азхуд кардани қонунмандиҳо, омил, сабабҳои вуҷуд, рушду тараққии зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккур, инсон имконоти дастрасӣ ба воқеиятро пайдо мекунад. Барои беҳбуди зиндагӣ аз онҳо истифода менамояд.

Илм инсонро аз тасаввуроти хаёлӣ нисбат ба муҳити атроф бозмедорад. Дар натиҷа, ашё – ҳамон тавре, ки мадди назар ҳаст, намо пайдо мекунад. Асрори он ошкор ва барои истифодаи иҷтимоӣ мувофиқ кунонида мешавад. Аниқтар агар гӯем, **«Омӯхтан, донистан, аз худ кардан ҷараёни ворид гаштани ақл ба умқи табиати ғайриорганикӣ ба хотири мутеъ гардонидани он ба субъект аст»** (Ф.В. Гегел).

Ин хосияти илм танҳо марбути табиат нест. Балки бо зарфияти имконоти масъалаҳои ҷамъиятӣ, яъне «сирри ҷомеа» – «асрори одамӣ» низ, сахт «даргир» аст.

Бидуни илм донистани муҳтавои физиологӣ ва маънавии майнаи инсон, гузашта, имрӯза ва ояндаи он ҳамчун ҷузъ ва маҳсули фаъолияти маводи офаридаи табиат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон аст: **«Илм чизи дигаре нест, ғайр аз дастрасӣ ба воқеият ва дарёфти ҳақиқат»** (Френсис Бекон).

Вазифаи илм интихоби мавзуъ, масъалагузорӣ аз ***зуҳурот*** то ***моҳияти*** масъала, яъне рӯйи кор овардан ва ҳаллу фасл намудани зиддиятҳоест, ки байни ***ду категорияи фалсафӣ*** арзи ҳастӣ мекунанд.

Маълум аст, ки воқеияти объективӣ, сарфи назар аз шакл, намуд, миқдор, сифат ва айният, навъи субъективии инъикос дар майнаи шахс аст.

**Ба хотири он ки инсон баробарвазни ҳақиқат хулоса бардошта, дар фаҳми воқеии масъалаҳо орӣ аз раҳгумӣ, зарар ва хиҷолат бошад, мебояд ба илму маърифат такя кунад.**

Аммо аз бар намудани дониш кори саҳл нест. Зеро «**Дар илм роҳи тахту ҳамвор вуҷуд надорад. Ва танҳо касе ба қуллаҳои дурахшандаи он баромада метавонад, ки аз хасташавӣ натарсида, масири пурпечу тоби сангини онро бо нохунҳояш часпида гузарад»** (К. Маркс).

Дар тамоми ҳолат, **ҳеҷ имкон надорад, ки инсон наомӯхта, дониш наандӯхта, хун аз ҷигар нарехта донишманд гардад.** Гарчанде кам нестанд одамоне, ки худро чунин вонамуд кардани мешаванд.

**Аммо чунин кӯшиш монанд ба он аст, ки шахси бемор худро сиҳат нишон доданӣ мешавад. Дар воқеъ, худи инсон бояд саломат бошад.**

Суоле матраҳ аст, ки чаро дар рӯёрӯйи аз бар намудани дониш зиндагӣ сахтгир аст?

Посухи онро ҳикмати «**диалектикаи ҳаёт, диалектикаи идеяҳоро тавлид мекунад»**, дода метавонад.

**Инсон дар маркази ҳадафҳои мақсадгузорӣ ва натиҷаи онҳо – таъсиргузориҳост. Маълумот (*суҳбати рӯ ба рӯ, хабари одӣ, талқину ташвиқҳои васоити ахбори умум (интернет)* барои маълумот нест. Шакли амалӣ кардани мақсадҳо, раҳбарӣ ва раҳнамоиҳост.**

Асосгузори фалсафаи реалистӣ В.Ф. Гегел барои аз дараҷаи содагӣ ва зудбоварӣ баровардани яке аз дӯстонаш, ба ӯ бо чунин мазмун нома менависад: «**Амалкарди мақсад ба худи он нигаронида нашудааст. Баръакс, ба хотири нобуд кардани баъзе аз қисмҳо, ҷиҳатҳо, хосият ва аломатҳои фазои беруна равон гардидааст. Барои он ки ҷойи онҳоро нишонаҳои мавриди назари мақсадгузор бигирад. Ҳамин тариқ, нақшаҳои ӯ дар фазои беруна таҷассум ёбанд. Амалӣ гарданд».**

Сухан дар бораи он меравад, ки муҳтавои мақсад аз чӣ иборат аст. Хосияти созандагӣ дорад ё хайр.

**Мавзуи маркази дониш, дар баҳри беканори маълумот, расидан ба воқеияти объективӣ, аз ҷумла фарқ карда тавонистани некӣ аз бадӣ мебошад.** Ба ҳамин хотир, маҳсули илм хосияти ҳамагонӣ дорад. Дар шакл гирифтан, инкишоф ёфтан, рушди абадӣ ва беохири илм беҳтарин

фарзандони инсоният ширкат меварзанд. Ҳастӣ, қудрат, тавоной, муҳтавои зеҳнӣ ва маънавии худро ба намоиш мегузоранд. Дар сабқати шоистасолории, ба ном, назарияи шинохти моҳият, қонунмандӣ ва шакли донистанҳо мавқеи худро муайян месозанд.

Фарзонагони илму адаби тоҷик муддати беш аз ҳазор сол қимати донишу хирадро сутуда, онро дар арши аъло баровардаанд. Ба ҳамин хотир, ба шумули нобиғагони олам ворид гаштаанд.

Барои тасниф ва тафсири масъала дар ҳаҷми як мақола, маҷол танг аст.

Аммо зарур мешуморем, ба хотири боз ҳам **асоснок кардани сархати муқаддамотии ин навишта,** намунаҳоеро аз афкори донишгарой, ситоиши илм, маърифатпарварӣ, тарғиби ақлу хирад, афкору андешаи созандаи ниёкон, бо такя ба адабиёти классикӣ мавриди ёдоварӣ қарор бидиҳем.

## Ҳамосаи илму маърифат

Абумансурӣ, пеш аз оғози «Шоҳнома»-и пурарзиши худ, ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи ихлосмандонаш ба масъалаи дарки ҳастӣ, фармудааст: **«То ҷаҳон буд, мардум гирди дониш гаштаанд... Чӣ дар ин ҷаҳон мардум ба дониш бузургвортар ва моядортар»**.

Аз ҷумлаи нобиғагони адабиёти форсу тоҷик шахсияти нотакроре, ки бар мартабаи дониш, хирад ва илму маърифат таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад, ки дар ашъори манзалат ва маъруфияти мардумӣ касбкардааш хотирнишон мекунад:

**То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,**
**Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.**
**Одамони бихрад андар ҳар замон,**
**Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.**

**Гирд карданду гиромӣ доштанд,**
**То ба санг андар ҳаме бингоштанд.**
**Дониш андар дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**

Бузургтарин шоири ҳамосасарои тоҷику форс Абулқосими Фирдавсӣ, ки аз нобиғагони бани Одам эътироф гардидааст, дар баробари санъати фавқулодаи ҷангноманависӣ, асари ҷовидонае рӯйи саҳнаи башарӣ овардааст, ки ҷавҳари онро тарғиби илму маърифат ва тарбияи инсон дар бар мегирад.

Ба қавли ин бузургмарди ориёӣ, инсон мебояд ҳамеша дар талоши илм, донишу маърифат бошад. Ягон лаҳзаи ҳаёти хешро аз он чашмаи зоянда ва давлати поянда фуругузор нанамояд:

**Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,**
**Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.**

Бо ҳамовозӣ ба ин масъалагузории судмандона ва бузургворона, дар пайравии сухани мутаззакираи «Шоҳнома», баъд аз ҳафтсад сол зарурати омӯхтани донишро барои мардумони ҳама синну сол, касбу кор ва ҷоҳу ҷалол, шоир, мутафаккир ва файласуфи машҳури англис – Гёте дар поварақи байти болоӣ бо таъбири зер таъкид кардааст: «**Don't miss a second**».

Пайғомбари донишу хирад ва нангу набард муътақид аст, ки асоси маънавиёти одамиро руҳи ӯ ташкил медиҳад. Ва дар ин истилоҳ мафҳумҳои *«ҷаҳонбинӣ», «тафаккур», «ақл»-у «хирад»*-ро мадди назар мегирад.

Фирдавсӣ ҳамрадифи Арасту руҳи қавиро қобилият, тавоноии худкифо ва басандаи зиндагии шоиста мешуморад, ба шарте ки он аз нури дониш ва ҷавҳари хирад баҳраварӣ дошта бошад:

**Ба дониш равонро тавонгар кунед,**
**Хирадро бад-ин бар сар афсар кунед**.

Муҳиммияти масъала дар замони пуртазод ва воқеоти ҳамарӯзаи пурпечу тоби минтақа ва ҷаҳон, муҳтавои фоҷебарангези маънавиёти қисми ҷавонон, ки нисбат ба давлату миллат вазъи нохушоянд ва суолбарангез эҷод карданӣ мешаванд, боз ҳам рӯзмарра мегардад.

Ба қавли Фирдавсӣ, соҳиби ному нанг будан ва эҳсоси масъулият кардан аз дараҷаи маърифатнокӣ вобастагӣ дорад. Дониш ангезаи мувофиқ будани фаъолияти маънавии инсонро ба масъулият ва иҷрои қарзи ватандорӣ муайян мекунад, самти муборизаро роҳнамо мегардад. Ба андешаи ӯ, зиндагии инсон бояд мубориза ва пайкори ҳадафмандона барои манфиати ҷомеа бошад:

**Чу бунёди дониш биёмӯхт мард,**
**Сазовор гардад ба нангу набард**.

Дар таълимоти Фирдавсӣ дониш ҳамеша ба маънои илм истифода мешавад. Зеро он хосияти офариниш, созандагӣ, амалӣ ва худкифоии инсонро дар зиндагии ҳаррӯзааш инъикос менамояд. Воситаест, ки одам тавассути воридшавӣ ба моҳияти ашё, қобилияти аз он истифода карданро пайдо мекунад. Дониш самаранокии фаъолият ва ба рӯзи нек расидани инсонро таъмин месозад:

**Ба дониш бигравӣ, коми дил ёфтӣ,**
**Расидӣ ба ҷойе, ки биштофтӣ**.

Дар ин маврид, шоир дигар ҳама гуна кӯшишҳои «ба коми дил расидан осон»-ро тавассути даст сӯйи осмон ё кумак аз мавҷудоти тахайюлӣ, ки то ҳанӯз ашхоси содаву гумроҳ орзу

мекунанд, ғайримаҷоз мешуморад, истисно менамояд, ба масъала нуқтагузорӣ мекунад.

Адиби озодагуфтор ва мутафаккири комгор дар тафсири аҳаммияти амалии дониш чанд аср аз замони худ пештар рафта, муътақид аст, ки ҳаракат ба сӯйи илму маърифат тавассути таҷриба, ба тағйири миқдорӣ ва сифатии ашё оварда мерасонад. Маҳсули арзишманд ва барои инсоният судманд тавлид мекунад. Ба қавли мутафаккири воқеиятшинос **«Ҷараёни омӯхтан ва ҳамзамон таҷриба андӯхтан, мафҳуми абстрактиро ба ҳақиқати ба воқеият мубаддалгашта табдил медиҳад»**.

Мутаассифона, аз замони шоир то ба имрӯз, ки зиёда аз ҳазор солро дар бар мегирад, сарфи назар аз кӯшишу талошҳои ҳамагонӣ, масъалаи «хӯрданӣ» ва «оварданӣ» мубрам ва боиси таассуф боқӣ мемонад. Шоири ватанпарвар ва бо нангу ор мефармояд:

**Дигар дониш он аст, ки аз хӯрданӣ,**
**Фароз оварӣ рӯйи оварданӣ**.

Яъне дараҷаи илму дониш ва маданияту маърифат, тавъам бо таҷрибаи амалӣ, ки маҳаки озмоиши ҳама гуна саводнокӣ аст, мебояд ба ҳамон дараҷаи рушду тараққӣ бирасад, ки ҷомеа аз дастнигарии истеъмолкунанда (***воридотӣ***) ба афзалияти истеҳсолкунанда (***содиротӣ***) мубаддал гардад.

Шоири донишманди пешбин, пухтакор ва ҳамосасарои ба ҳама тавсиф сазовор, тавассути эҳсос ва истилоҳоти бадеӣ масъалаи алоқамандии илму донишро дар таъмини амнияти ҷомеа фурӯгузор накардааст.

Натиҷамандии чунин ҳамкорӣ ва таносубро дар эътимоднокии ҳимояи қаламрав ва манфиатҳои кишварҳои гуногун, алалхусус дар Шарқи Наздик, дар алоқамандӣ бо

захираҳои инсонӣ ва табиии тарафҳои даргир ҳамарӯза мебинем.

Адиб муҳиммияти вобастагии дуҷонибаи илм ва дифои мамлакатро бо дарки тахассусмандона ва абзори шоирона дар шакли зер қаламдод кардааст:

**Ки дониш ба шаб посбони ман аст,**
**Хирад тоҷи бедори ҷони ман аст**.

Муллифи «Қуръони Аҷам», ин абармарди порсӣ, ки дар масъалаи ҳимояи манфиатҳои Ватан бо тору пуди танида рӯзгор мебурд, муътақид буд: кишвар ҳамон вақт дар оромиву осудагӣ ва рушду тараққӣ зиндагӣ мекунад, ки ҷомеа аз нури илму маърифат, вожаномаҳои хирад, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти бозпаснигариву ояндабинӣ, ҳикмату ибрати таърих огаҳии эътиқодмандона ва хулосабарангез дошта бошад. Аз ҷумла, шоир ба ҳамватанони хеш омирона муроҷиат мекунад:

**Нигаҳ кун ба ҷойе, ки дониш бувад,**
**Зи дониш кишвар ба ромиш бувад**.

Андешаи ғолиб он аст, ки адабиёти тоҷику форс дар мавзуи алоқаи ногусастании донишу хирад, аз пешсафони адабиёти ҷаҳон аст.

Дар маҷмуи хосияти семантикӣ ва полисемии истилоҳи хирад, аз ҷумла, мантиқи дараҷаи баланди дониш, маърифатнокӣ, фарҳангсолорӣ, ахлоқу маънавиёти шоиста баҳри рӯзгори неки ҷомеа, ангезаи эътиқодмандонаи накукорӣ, таҷрибаи бойи рӯзгор, фасеҳгуфторӣ, балоғатсолорӣ ва монанди инҳо дар назар дошта мешаванд.

Фирдавсӣ нисбат ба ин сифат ва дараҷаи олии нишони маънавиёти инсонӣ дидгоҳи мушаххас дорад. Онро дар алоқамандӣ, пайвастагӣ ва вобастагӣ бо дониш мешуморад. Яъне бидуни илму дониш, хирад, ки бештар ҷанбаи маънавӣ

дорад, сифати нокомил аст ва баръакс. Ҳакими маъниофарин ҳушмандона, бо дарки масъулият ин ду хислатро чун гӯшту нохун тафсир мекунад. Ба он ҷанбаи муайянкунандагӣ, меъёрӣ ва арзишманд мебахшад:

**Хирад об асту дониш замин,**
**Бидон, к-ин ҷудо в-он ҷудо нест аз ин.**

Моргентау, яке аз асосгузорони илми муносиботи байналмилал дар замони нав, аз нуҳ афзалияти бузурге, ки онро «неруи миллӣ» ном мебарад, дар баробари қаламрав, мавқеи ҷуғрофӣ, канданиҳои фоиданок, воситаҳои истеҳсолии мамлакат ва ғайра, дараҷаи касбияти дипломатӣ – сифати мутахассиси пешбарандаи сиёсати хориҷиро низ дар қатори онҳо ёдовар мешавад.

Абулқосими Фирдавсӣ ҳанӯз ҳазор сол қабл ин масъаларо мадди назар гирифта, нисбат ба он ишораҳои қобили таваҷҷуҳи маҳз кардааст:

**Фиристода гуфт: он ки доно бувад,**
**Ҳамеша бузургу товоно бувад.**

Ё:

**Фиристода бояд, ки доно бувад,**
**Ба гуфтан далеру товоно бувад.**

Дар ин росто, месазад бори дигар хотирнишон кард, гарчанде дар назарияи дониш ва гносеология кулли адабиёти бадеӣ ва сиёсии Ғарб таъбири «***Knoledge is power***» («Дониш неру аст»)-ро мансуби олими англис Френсис Бекон (асри XVI) медонанд, – Абулқосими Фирдавсӣ садсолаҳо пеш аз ӯ, бо ҷумлаи пайрави шарт *(вобастагӣ, пайвастагӣ)* ва пуркунанда *(мансуб ба субъекти мавриди назар)* бузургии фиристодаро тавзеҳ медиҳад. Сифати шахсияти марбут ба иҷрои вазифаҳои

давлатиро дар хориҷи мамлакат, ба донишу маърифати ӯ марбут медонад.

**Иммануэл Кант дар масъалаи илм ва зарурати тадқиқоти илмӣ таъкид ба амал меорад, ки ниёз аз қалам гирифтан, таҳқиқ кардан бояд қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии ҷомеа бошад. Дар дигар ҳолат, он амали худкомае беш нест.**

Чунин зарурат ба ҳама гуна жанрҳои бадеӣ, бидуни қайду шарт, дахл дорад. Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ байте омадааст, ки аҳаммияти он дар ҳазор соли гузашта ва имрӯз ҳам, чун зарурати ҳаётии Офтоб ба Замин садо медиҳад:

**Чу фарзанд бошад, ба фарҳанг дор,**
**Замона зи бозӣ бар-ӯ танг дор**.

### Андар мазаммати бедонишӣ

Мутафаккирони бузурги тоҷик дар ҳар давру замон ба танқид ва маҳкум кардани бедонишӣ он қадар кӯшидаанд, ки он гоҳо баробарвазн ё зиёдтар аз тавсифи донишандӯзӣ ва донишмандӣ аст.

Дар ин маврид, аз сахттарин сифот ва бадтарин тавзеҳот нисбат ба бесаводӣ, нодонӣ, ҳамзамон камҳавсалагӣ дар баробари азхуд кардани дониш истифода кардаанд.

Барои мисол, Асадии Тӯсӣ ба чунин хулоса омадааст:

**Ба дониш андар ҷаҳон ҳеҷ нест,**
**Тани мурдаву ҷони нодон якест.**

Фирдавсӣ бо ин бузургиву солорӣ ва таҳаммулпазирӣ, дӯстӣ варзидан бо ашхосе, ки аз илму маърифат баҳравар нест нохушоянд ва ғайри қобили қабул мешуморад:

**Чӣ нохуш бувад дӯстӣ бо касе,**
**Ки моя надорад зи дониш басе.**

Дар ҷойи дигар донишманди Тӯс **душмании шахси доноро аз дӯстии ҷавонмарди нодон афзалтар медонад:**

**Чу доно туро душмани ҷон бувад,**
**Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад.**

Хосияти фарқкунандаи инсон эътибор пайдо намудан дар назди ҷомеа аст. Бо ин афзалият, шахс метавонад ба афкор, рафтор ва фаъолияти одамон таъсиргузор бошад.

Фирдавсӣ маҳз донишро омили соҳиби обрӯй ва манзалат гаштани одам ҳисобида, ҳамзамон, фосилагириро аз бедонишӣ аз фазилатҳои инсони комил шуморидаст:

**Ба дониш бувад мардро обрӯй,**
**Ба бедонишӣ, то тавонӣ, мапӯй**.

Абулқосими Фирдавсӣ чун бузургтарин ҳамосасарои бани Одам, ҷонбахшандаи ҳазорон паҳлавони порсӣ, нигоранда ва вассофи қаҳрамонзанони эронзамин нисбат ба бедонишони заифи фурӯмоя ба ҳеҷ ваҷҳ назари манфии худро пинҳон карда наметавонад. Бадтарин сифатҳои одамӣ, аз қабили суханчиниву чорагариро сабаби бедонишиву беҳунарӣ ва воситаи рӯзгузаронии пастфитратон мешуморад. Онҳоро қотеона зери тозиёнаи танқиду мазаммат қарор медиҳад. Чунин падидаҳоро маҳкум месозад. Бо таъкид ба нафарони солор маслиҳат медиҳад, ки аз тамос ва ҳамнишинӣ бо чунин афрод худдорӣ намоянд. Ҳушдор медиҳад, ки нишаст бо мардуми фурӯмояву бадгуҳар, суханчину музтар ва дар амри муфид нотавонгар, ба ҷуз бадӣ чизи дигареро интизор шудан мумкин нест:

**Суханчину бедонишу чорагар,**
**Нашояд, ки ёбанд пешат гузар.**
**Зи нодон наёбӣ ба ҷуз бадтарӣ,**
**Нигар, то ба бедонишон нангарӣ.**

Ин ҳикмати ҷовидона ба гуфтаи Аристотел, ки баъдан олимони дигар бо сад забон онро такрор кардаанд, мувофиқ меояд: **«Одами бесавод берун аз сиёсат аст. Аввалан ӯро ҳарф бояд омӯхт. Бидуни он сиёсат вуҷуд дошта наметавонад. Бидуни он метавонанд овозаҳо, бадгӯйиҳо, афсонаҳо ва хурофот вуҷуд дошта бошад. Аммо на сиёсат».**

Сарлашкар ва мутафаккири қадими чинӣ Сун Цзи, ки бо эҷодиёти фалсафиаш машҳури олам гаштааст, дар ин радиф таъкид ба амал овардааст: **«Дониш он аст, ки ҳақиқатро тасдиқ ва дурӯғро маҳкум мекунад. Ва баръакс. Бесаводӣ он аст, ки дурӯғро тасдиқ ва ҳақиқатро маҳкум месозад».**

Донишмандон ва мутафаккирон бо далел, асоснок, эътиқодмандона ва фаҳмо сухан гуфтанро намуна ва василаи илмомӯзӣ шумоaccording.

Аз худ кардани ҳақиқати илмиро заҳмати пурқимати навъи «хуни ҷигар хӯрдан» номидаанд. Бо ин, «санҷида сухан гуфтан»-ро бо беҳудагӯйӣ дар муқоиса гузоштаанд.

Чунончӣ Фирдавсӣ дар навъи пиндор ва сифати гуфтор мутафаккири сахтгир ва қотеъ будани худро бори дигар таъкид месозад:

**Чу гӯйӣ ҳамон гӯй, ки омӯхтӣ,**
**Ба омӯхтан дар ҷигар сӯхтӣ**.

Мазаммати бедонишӣ аз арзиш ва таъбирҳои маъмули умумибашарӣ маҳсуб мегардад. Барои мисол, Буддо дар як ҳикматаш гӯяд: **«Доно ҳаргиз намирад. Нодон ҳамакнун мурдааст».**

Айни чунин тафсир ва қиёс марбути қалами Фирдавсӣ низ ҳаст:

**Тани мурда чун марди бедониш аст,**
**Ки нодон ба ҳар ҷой беромиш аст**.

Нисбат ба шахсе, ки имкони дониш омӯхтан, комил гардонидани манзалати илму маърифат ва ҷаҳонбинии хешро дорад, аммо аз он сар мепечад, майл бар коҳиливу нотавонбинӣ ихтиёр мекунад, Фирдавсӣ – бузургдорандаи таърихи Аҷам мефармояд:

**Тани марди нодон зи гил хортар,**
**Ба ҳар некуйӣ носазовортар**.

Фирдавсӣ шахси бедонишро бо ҳазор сифат тафсири нохушоянд мекунад. Хулосаи худро бо афсӯсу ҳасрат нисбат ба чунин ашхос эълон менамояд ва ҳамзамон, ҳушдор медиҳад:

**Чунин гуфт дастури бо фарру зеб,**
**Ки бедониш сабуктар пазирад фиреб**.

Аммо муаллифи «Қуръони Аҷам», оне ки «рутбаи пайғамбарӣ ӯрост» *(таъбирҳои Малликушшуаро Баҳор)* – Фирдавсии Тӯсӣ ҳамчун ягона роҳи халосӣ аз раҳгумӣ, мардумро ба омӯхтани илму адаб даъват мекунад ва афрӯхтани ҷони башарро натиҷаи баҳраварӣ аз донишу маърифат мешуморад:

**Ҳама гӯш доред панди маро,**
**Сухан гуфтани судманди маро:**

**Замоне маёсой аз омӯхтан,**

**Агар ҷон ҳамехоҳӣ афрӯхтан!**

## Хулоса

Он зуҳуроте, ки расидан ба моҳияти табиат, ҷамъият ва тафаккур, фаҳми дирӯз, дарки имрӯз ва пешгӯйии дақиқи фардо аз он вобаста аст, илму дониш мебошад.

Дар ин маънӣ Шаҳидии Балхӣ фармуда:

**Донишо, чун дареғам ой аз он-к,**
**Бебаҳой, валекин аз ту баҳост**.

Яъне ченаки ягонаи зиндагии Инсон аз назари қимат ва шоистасолорӣ, арзишмандӣ, моявари ахлоқӣ, маъмурияту масъулиятшиносӣ дар масъалаи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, донистани он, ки ҷаҳон **«Сар ба сар ибрату ҳикмат аст»,** дар алоқамандӣ ва вобастагӣ ба дараҷаи донишу маърифат мебошад.

Дониш шарти аслии такомули инсон, суботи ҷомеа, замонати обрӯ, рушди миллат ва бақои давлат аст. Бузургии илму маърифат баробар аст бо бузургии Ватан.

**Сафаргул ДАВЛИЁРОВА**
*ходими пешбари илмии*
*Институти омӯзиши масъалаҳои*
*давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

## МУНОСИБАТҲОИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН РЕША ДАР УМҚИ ТАЪРИХ ДОРАНД

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикону ӯзбекон ҳамчун ҳамсояҳои қадим расму ойин, урфу одат, анъанаҳои неки дӯстона ва башардӯстона доранд. Пӯшида нест, ки ин робитаҳо аз умқи таърих сарчашма гирифтаанд. Айни замон робитаҳои фарҳангии ин ду ҳамсоякишвар тайи солҳои соҳибистиқлолии Ватан мустаҳкамтар гардида истодааст. Баргузории рӯзҳои фарҳангии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон шаҳодати ин гуфтаҳо мебошанд. Муносибатҳои фарҳангии ин ду кишвари ба ҳам дӯсту бародар дар замони муосир бо шарофати сиёсати хирадмандонаи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам қавитар гардида истодааст. Метавон гуфт, ки фарҳанг оинае аст, ки дар он тамоми паҳлуҳои ҳаёти зиндагии инсоният нақш бастааст. Муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаи фарҳанг ҷиҳати тақвият бахшидани пояҳои дӯстиву бародарӣ ва ташаккулу рушди робитаҳои бисёрсамта заминаи мусоидро ба миён меоварад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчун яке аз шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масоили муносибатҳои илмӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Ёдовар шудан мавриди зикри хос аст, ки ҳамасола дар ин самтҳо  нишастҳо, конфронсҳо, симпозиумҳо, мизҳои

мудаввар, баргузории рӯзҳои фарҳангии ҳар ду кишвар дар сатҳи зарурӣ ҷиҳати таҳкими табодули таҷриба баргузор мегарданд. Метавон гуфт, ки умумияти ҳамзистии таърихӣ ва муштаракоти санъат, мусиқӣ, рақс, овозхонӣ, адабиёт, кино ва меъморӣ муносибатҳои поки дӯстонаю бародаронаи ин ду миллати тамаддунсозро боз ҳам наздиктару қавитару мустаҳкам менамояд. Президентҳои ҳар ду кишвар борҳо ба кишварҳои ҳамдигар сафарҳои расмӣ ва корӣ анҷом додаанд. Қобил ба зикр аст, ки тамосҳои мунтазам дар сатҳи роҳбарони ду давлат ва ҳамкориҳои фаъоли сиёсӣ ба таъмиқи равобит байни ду кишвар саҳми назаррас мегузоранд.

4 январи соли 1998 бино ба даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон боздид намуд. Сафари мазкур ба раванди тақвияти муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон такони тоза бахшид.

Хотиррасон менамоем, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 октябри соли 1992 барқарор шуданд. Чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст, таҳаввулоти дар соли 2018 дар муносибатҳои ду кишвар рухдода ҳамкориҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро боз ҳам ба сатҳи сифатан нав баровარданд, ки ин ҳам ба манфиати ҳамсоякишварҳо мебахшад.

Бояд тазаккур дод, ки нахустсафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 9-10 марти соли 2018 ба вуқуъ пайваст, ки дар ҷараёни он тақрибан ҳамаи масъалаҳои ҳалталаби муносибатҳои дуҷониба ҳаллу фасл шуданд.

Ҳамзамон сафари давлатии ҷавобии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзҳои 17-18 августи соли 2018 баргузор гардид ва он тавофуқоти қаблан ҳосилшударо устувортар

намуд. Дар рафти сафари мазкур Созишномаи шарокати роҳбурдӣ ба имзо расид, ки он дурнамои муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ба сатҳи сифатан нави ҳамкорӣ баровард.

Дар чаҳорчӯбаи ду сафари таърихӣ сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-10 марти соли 2018) ва сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон (17-18 августи соли 2018) ҳамагӣ 53 санади дуҷониба ба имзо расид.

Ҳамчунин рӯзҳои 10-11-уми июни соли 2021 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, метавон иброз намуд, ки чунин сафарҳои расмӣ барои таҳкими муносибатҳои ҳамаҷониба ва шарикии стратегии байни ду давлат аҳамияти хоса дорад.

Дар ҳошияи ин сафар сарони давлатҳо дар рӯҳияи анъанавии ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва ошкорбаёнӣ гуфтушунидҳои муфассал анҷом дода, вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро муҳокима карданд ва оид ба масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи тарафайн мубодилаи афкор намуданд.

Умуман, ҷараёни рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон нишон медиҳад, ки ҷонибҳо ба таъмиқи робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва гуманитарӣ ва таҳкими робитаҳои сиёсии байни ду давлат манфиатдоранд.

Дар ҳамин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст минбаъд низ муносибатҳои дуҷонибаро бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар рӯҳияи эътимоди мутақобил, бародарӣ ва шарокати роҳбурдӣ таҳким бахшад.

Рӯзҳои 18-19-уми апрели соли 2024 сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст. Дар ҷараёни мулоқоти сарони давлатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев масъалаҳои таҳкими робитаҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ муҳокима гардид.

Таъкид гардид, ки Ӯзбекистони ҳамсоя шарики стратегӣ ва ҳампаймони боэътимоди Тоҷикистон аст ва муносибатҳо бо он бар пояи усулҳои ногусастании дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар асос ёфтаанд.

Ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, нақлиёт, энергетика ва кишоварзӣ аз самтҳои муҳими робитаҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошад.

Президенти кишвар Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи баланди робитаҳои сиёсӣ, рушду густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, фарҳанг ва амният изҳори қаноатмандӣ карданд.

Нақши Комиссияи муштарак оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ дар таъмиқи муносибатҳои ду давлат назаррас арзёбӣ гардид.

Ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти рақамӣ, таҳқиқоти технологӣ, тиҷорати электронӣ ва хизматрасонии замонавии саноатӣ самтҳои наву ояндадори робитаҳо дониста шуд.

Дар рафти мулоқот таъкид гардид, ки бастаи нави санадҳои дуҷонибаи имзошаванда, аз ҷумла ҳуҷҷати таърихии Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ заминаи ҳуқуқии ҳамкориро ба таври назаррас тақвият мебахшанд.

Масоили ҷалби сармоя, рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорат, саноат, мошинсозӣ, коркарди муштараки маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маводи доруворӣ ва бунёди неругоҳҳо аз мавзӯъҳои дигари музокироти ду ҷумҳурӣ буд.

Рушди ҳамкорӣ дар сохтмони муштараки неругоҳҳои бодию офтобӣ аз самтҳои судовари робитаҳои ояндаи ду кишвар номида шуд.

Дар рафти вохӯрӣ масъалаҳо оид ба густариши робитаҳо дар соҳаи нақлиёт, боркашонӣ, таъсиси хатсайрҳои нав байни минтақаҳои ду мамлакат ва идомаи талошҳо ҷиҳати сохтмони роҳҳои оҳан, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистону Ӯзбекистон имкон доранд ҳаҷми гардиши молро ба 2 миллиард доллари амрикоӣ расонанд. Дар раванди рушду густариши муносибатҳо ҳамкории байни минтақаҳо, тавсеаи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, ҷудо кардани квотаҳо барои шаҳрвандони ду давлат ва чопи муштараки китобҳои дарсӣ амри муҳим арзёбӣ гардид. Ҷонибҳо ҳамчунин масъалаҳои таъмини амният дар минтақа, таҳкими фаъолияти сохторҳои марбута дар самти мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, зуҳуроти ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои кибериро баррасӣ намуданд. Дар рафти мулоқот ҳамчунин масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ муҳокима гардид.[1] Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар Қасри миллат маросими табодули санадҳои нави имзошудаи ҳамкорӣ баргузор гардид. Дар маҷмуъ аз рӯи натиҷаҳои вохӯрӣ 28 санад ба имзо расид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Аҳдномаи ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон имзо гузоштанд.

[1] Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj. Санаи муроҷиат: 20.04.2024с.

Сипас, дар ҳузури Сарони давлатҳо аз тарафи намояндагони ҳайатҳои расмӣ табодули санадҳои нави имзошуда доир гардид.

Аз ҷумла, ҷиҳати рушди муносибатҳои байни минтақавии ду мамлакат 6 созишнома оид ба ҳамкории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Хатлону Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вилоятҳои Хоразм, Фарғона, Сирдарё, Намангон ва Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расид.

Созишномаҳо, протокол, ёддошти тафоҳум, харитаи роҳ ва барномаҳои ҳамкорие, ки дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, рушду густариши ҳамкориро дар соҳаҳои барои ҳар ду ҷониб муҳимму афзалиятноки сарҳад, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, саноат, алоқаи ҳавоӣ, алоқаи байналмилалии автомобилӣ, сохтмони пул, комплекси агросаноатӣ, байторӣ ва бехатарии озуқаворӣ, фарҳанг, китобдорӣ, тайёр кардани кадрҳо дар соҳаҳои вирусология, микробиология, биологияи молекулавӣ, эпидемиология, биотехнология ва фармакология, аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ, сайёҳӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзиро танзим менамояд.

Бо итминон метавон гуфт, ки санадҳои нави имзошуда заминаи ҳуқуқии самтҳои гуногуни ҳамкории бисёрҷанбаи ду ҷумҳуриро ба таври назаррас таҳким мебахшанд.

Баъди анҷоми маросими имзои санадҳо Сарони давлатҳо Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олиро барои таҳкиму тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамҷаворӣ неку назаррас арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки ба имзо расидани шумораи зиёди санадҳои нави

ҳамкорӣ, ба хусус, Аҳдномаи ҳампаймонӣ миёни ду кишвари ҳамсоя барои густариши бесобиқаи робитаҳо роҳи васеъ боз менамояд.[2]

18 апрели соли 2024 дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори бошукуҳи Кохи Борбад барномаи фарҳангии арбобони санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо номи «Дӯстии ҷовидон» баргузор гардид.

Дар чорабинии фарҳангӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳмони олимақом Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев иштирок намуданд.

Макони баргузории чорабинии фарҳангӣ - толори Кохи Борбад бо иштироки Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз самимияту дидори мардумони ба ҳам дӯсти ду давлати ҳамсоя фазои тозаи идона дошт.

Баргузории барномаи фарҳангии арбобони санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо номи «Дӯстии ҷовидон» намунаи олии ҳамкории фарҳангӣ, идомаи анъанаи неки муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ, ҳамҷаворӣ ва омили муҳими рушду густариши робитаҳои гуногунҷанба ба манфиати мардумони ҳар ду давлат мебошад.

Консерти ҷаззоби «Дӯстии ҷовидон» бо барномаи рангину пурмуҳтавои аҳли фарҳангу санъати ду давлат, ки

[2] Санадҳои имзошуда байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон табодул карда шуданд. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj. Санаи муроҷиат: 22.04.2024с.

тараннумгари дӯстии мардумони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мебошад, хушу хотирмон баргузор шуд.[3]

18 апрел дар Қасри миллат дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими супоридани мукофотҳои давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба як гурӯҳ ҳунармандони ду давлат баргузор гардид.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарфарозгардонӣ, бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар рушди ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон чор нафар, аз ҷумла, Озодбек Назарбеков, Муножатхон Юлчиева, Ағабай Сабиров ва Юлдуз Усмонова бо унвони фахрии Ҳофизи халқии Тоҷикистон ва Ёдгор Сагдиев бо унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Ҳамин тавр, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи сарфарозгардонии гурӯҳи арбобони санъат ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми назаррас дар рушди ҳамкории стратегӣ, ҳампаймонӣ, дӯстии чандинасра ва ҳамсоягии наку, ҳамчунин барои пешбурди фаъолияти самарабахш ҷиҳати ҳифз ва инкишофи ҳунар, арзишҳои маънавӣ ва мероси таърихӣ, нақши муассир дар самти таҳкими дӯстӣ байни мардумони ба ҳам бародар Миралӣ Достиев, Исмоил Назриев, Фурқат Саидов, Тулқин

---

[3] Президентҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар барномаи фарҳангии арбобони санъати ду давлат бо номи «Дӯстии ҷовидон» иштирок намуданд.Манбаи электронӣ: https://khovar.tj. Санаи муроҷиат: 22.04.20922с.

Тоҷибоев ва Раҳматулло Ҳошимов бо унвони Ҳофизи халқии Ҷумҳурии Ӯзбекистон сарфароз гардонда шуданд.[4]

«Мо, шарикони иқтисодӣ ва ҳамсояҳои нек аз пешрафту дастовардҳои Тоҷикистони ҳамсоя самимона шод ҳастем. Дар ҳама ҳолат мо дар паҳлуи шумо ҳастем ва ин воқеияти бебаҳс аст, ки мо ҳамеша бо шумоем»,- иброз намуд Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев 18 апрел зимни нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар идома ӯ тазаккур дод, ки мардумони бародари тоҷику ӯзбекро риштаи мустаҳками дӯстии бисёрасра, таърих, урфу одат ва фарҳангу маънавиёти муштарак бо ҳам мепайванданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамчунин гуфт, ки «дар робита ба ин мехоҳам бори дигар иброз намоям, ки Тоҷикистон барои Ӯзбекистон шарики боэътимоди стратегӣ ва дӯсти наздик дониста мешавад».

Сарвари давлати ҳамсоя ба натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баҳои баланд дода, таъкид дошт, ки ба имзо расидани шумораи зиёди санадҳои нави ҳамкорӣ, бахусус Аҳдномаи ҳампаймонӣ байни ду давлати ҳамсоя барои густариши бесобиқаи робитаҳо роҳи васеъ боз менамояд.[5]

«Дар ҷаҳони ноустувор ва ноором, дар шароити торафт афзудаистодаи зиддият ва фишори афзояндаи берунӣ Ӯзбекистон минбаъд низ китф ба китф дар паҳлӯи Тоҷикистон меистад ва бо саъю кӯшиши самимона мардуми шариф ва

---

[4] https://mfa.tj/tg/main/view/14864/marosimi-suporidani-mukofothoi-davlati-ba-yak-guruh-hunarmandoni-tojikistonu-uzbekiston. Санаи муроҷиат: 20.04.2024с.

[5] Шавкат Мирзиёев: «Тоҷикистон барои Ӯзбекистон шарики боэътимоди стратегӣ ва дӯсти наздик дониста мешавад». Манбаи электронӣ: https://khovar.tj. Санаи муроҷиат: 22.042024с.

меҳнаткаши тоҷикро дастгирӣ ва кумак менамояд». Ин нуктаро, ки бори дигар далели дӯстиву бародарии ду миллати бо ҳам дӯсту ҳамсоя-тоҷикону ӯзбекон мебошанд, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев зимни нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев таъкид намуд, ки «итминон дорам, ки дӯстӣ ва ҳамкории зичи халқҳои мо, ки ҳазорон сол аз як дарё об нӯшида, дар файзу баракати рӯзгор шарик буданд, душвориҳоро якҷоя бартараф ва мушкилотро якҷоя ҳал карда буданд, абадию вайроннашаванда боқӣ мемонад. Чунонки дар зарбулмасали хирадмандонаи тоҷикӣ гуфта шудааст: «Дӯстони вафодор беҳ аз хешовандон».

Ёдовар мешавем, ки 18 апрел Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Дар доираи сафари давлатӣ дар Душанбе мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор шуда, дар ҷараёни мулоқот сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев масъалаҳои таҳкими робитаҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳамкориро муҳокима намуданд. Баъди анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар Қасри миллат маросими табодули санадҳои нави имзошудаи ҳамкорӣ баргузор гардид, ки дар маҷмуъ аз рӯи натиҷаҳои вохӯрӣ 28 санад ба имзо расид.

Ҳамзамон дар ҳошияи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як гурӯҳ ҳунармандони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мукофотҳои давлатӣ супорида шуданд. Инчунин Президентҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар

барномаи фарҳангии арбобони санъати ду давлат, ки таҳти унвони «Дӯстии ҷовидон» дар «Кохи Борбад» шоми 18 апрел доир гардид, иштирок намуданд. [6]

19 апрели соли 2024 сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 18-19 апрел ҷараён дошт, ба анҷом расид. Аз рӯйи натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 28 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид. Дар доираи ин сафар дар «Кохи Борбад» барномаи бошукуҳи консертии устодони санъати Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва дар Маркази ЭКСПО намоиши молу маҳсулоти корхонаҳои саноатии Ӯзбекистон баргузор гардида, ба хотири рушду густариши муносибатҳои дипломатӣ дар шаҳри Душанбе бинои нави Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ифтитоҳ ёфт.[7]

19 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Душанбе бо молу маҳсулоти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар маркази ЭКСПО шинос шуданд. Дар Намоишгоҳи миллии маҳсулоти саноатии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон 200 ширкати истеҳсолию тиҷоратӣ 1500 намунаи маҳсулоти мошинсозӣ, моводи кимиё, саноати сабук, нассоҷӣ, дорусозӣ, инчунин масолеҳи сохтмонӣ, атриёт, ашёи рӯзгор, 60 намуди техника, маҳсулоти полиграфӣ ва техникаи электронии маиширо ба маърази тамошо гузоштанд.

---

[6] Саидзода М. Шавкат Мирзиёев: «Ӯзбекистон минбаъд низ дар паҳлуи Тоҷикистон меистад». Манбаи электронӣ: https://khovar.tj. Санаи муроҷиат: 22.04.2024с.

[7] Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфт. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj/2024/04/. Санаи муроҷиат: 24.04.2024с.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар намоишгоҳ бо намунаҳои молу маҳсулот ва иқтидори истеҳсолии корхонаҳои кишвари ҳамсоя шинос шуданд.

Баргузории намоишгоҳи молу маҳсулот омили муҳимми дарёфти шарикони нав ва густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ арзёбӣ гардид.

Густариши ҳамкории дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ самти авлавиятноки муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дониста мешавад. Ин аст, ки барои устуворсозии риштаҳои ҳамкории тоҷирону соҳибкорон асосҳои воқеӣ муҳайё мебошад. Иродаи қавӣ ва иқдоми хирадмандонаи сарони давлатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо устуворсозии решаҳои дӯстиву бародарӣ ҷиҳати тавсеаи робитаҳои дуҷониба, ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, мустаҳкам гардонидани робитаҳои дӯстии мардумони тоҷику ӯзбек, афзун намудани гардиши мол, истифодаи самаранок аз захираҳои ҳарду давлат ва дар маҷмуъ ба беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии шоиста заминаи воқеӣ мегузорад. Дар заминаи тавсеаи ҳамкорӣ ҳоло 400 корхонаи муштараки саноатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон фаъолияти пурсамар доранд. Соҳибкорону сармоягузорони ду давлат бо истифода аз захираву имконоти мавҷуда ҳамкории тиҷоратиро зина ба зина густариш медиҳанд.[8]

19-уми апрели соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

[8] Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев бо маҳсулоти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар маркази ЭКСПО-и шаҳри Душанбе шинос шуданд. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj/2024/04/. Санаи муроҷиат: 25.04.2024с.

муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи бинои нави Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Душанбе иштирок намуданд. Чорабинӣ дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев аз маҷмааи сафорат боздид ба амал оварда, дар китоби меҳмонони олимақом бо орзуву ниятҳои нек ба хотири таъмиқи муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамҷаворӣ байни ду кишвар соядаст гузоштанд.

Дар шаҳри Душанбе сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар шаҳри Тошканд сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Аҳдномаи ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон имзо гузоштанд. Сипас, дар ҳузури Сарони давлатҳо аз тарафи намояндагони ҳайатҳои расмӣ табодули санадҳои нави имзошуда доир гардид. Аз ҷумла, ҷиҳати рушди муносибатҳои байни минтақавии ду мамлакат 6 созишнома оид ба ҳамкории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Хатлону Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вилоятҳои Хоразм, Фарғона, Сирдарё, Намангон ва Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расид. Созишномаҳо, протокол, ёддошти тафоҳум, харитаи роҳ ва барномаҳои ҳамкорие, ки дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, рушду густариши ҳамкориро дар соҳаҳои барои ҳар ду ҷониб муҳиму афзалиятноки сарҳад, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, саноат, алоқаи ҳавоӣ, алоқаи байналмилалии автомобилӣ, сохтмони пул, комплекси агросаноатӣ, байторӣ ва бехатарии озуқаворӣ, фарҳанг, китобдорӣ, тайёр кардани кадрҳо дар

соҳаҳои вирусология, микробиология, биологияи молекулавӣ, эпидемиология, биотехнология ва фармакология, аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ, сайёҳӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзиро танзим менамояд. Бо итминон метавон гуфт, ки санадҳои нави имзошуда заминаи ҳуқуқии самтҳои гуногуни ҳамкории бисёрҷанбаи ду ҷумҳуриро ба таври назаррас таҳким мебахшанд. Баъди анҷоми маросими имзои санадҳо Сарони давлатҳо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев барои доираи васеи хабарнигорон нишасти матбуотӣ ороста, натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олиро барои таҳкиму тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, бародарӣ ва ҳамҷаворӣ неку назаррас арзёбӣ намуда, таъкид доштанд, ки ба имзо расидани шумораи зиёди санадҳои нави ҳамкорӣ, ба хусус, Аҳдномаи ҳампаймонӣ миёни ду кишвари ҳамсоя барои густариши бесобиқаи робитаҳо роҳи васеъ боз менамояд.

Ҳоло дар қаламрави ду кишвар қариб 400 корхонаи муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон фаъолият менамоянд. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаҳои то имрӯз дар ин самт бадастомада ҳадди ниҳоӣ нестанд. Дар доираи сафари давлатии Шавкат Миромонович имрӯзҳо дар Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Ӯзбекистон ва як силсила чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ ва илмиву амалӣ баргузор гардиданд. Ин чорабиниҳо намунаи воқеии дӯстӣ ва наздикии мардумони ба ҳам бародари моро ба намоиш гузоштанд.

Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев бо маҳсулоти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар маркази ЭКСПО-и шаҳри Душанбе шинос шуданд.

19 апрел дар кинотеатри «Ватан» маросими ҷамъбасти Рӯзҳои синамои ӯзбек дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Намоиши филми ҳунарии «Зинда бод, ҳамсар!» -и коргардон

М. Матчанов хотимабахши Рӯзҳои синамои ӯзбек гардида, алоқамандони синамо ба маҳсули эҷодии синамогарони ӯзбек аз наздик ошноӣ пайдо намуданд. Таъкид гардид, ки Рӯзҳои синамои ӯзбек дар Тоҷикистон дар фазои дӯстӣ ва сулҳу суббот дар сатҳи муносиб доир гардида, омили асосии рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи синамо ва фарҳанг мебошад.

Синамогарони ӯзбек бобати дар сатҳи баланд баргузор намудани Рӯзҳои синамои ӯзбек ба мардуми меҳмоннавози тоҷик ва ба роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуданд.

Ёдовар мешавем, ки дар ҳошияи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 то 20 апрел дар шаҳри Душанбе Рӯзҳои синамои Ӯзбекистон баргузор гардиданд. Рӯзҳои синамои Ӯзбекистон ба таври расмӣ 16 апрел дар кинотеатри «Наврӯз»-и шаҳри Душанбе бо намоиши филми ҳунарии «Абдулло Орифов» ифтитоҳ шуд. Тибқи барнома, филмҳои Ӯзбекистон дар шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб намоиш дода шуданд.

17 апрел дар кинотеатри «Ватан» намоиши филми ҳунарии «Ситораи Улуғбек», ки дар он Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дорандаи нишони «Ситораи Президенти Тоҷикистон» ва унвони фахрии «Арбоби ҳунари Тоҷикистон» Ҳошим Гадоев нақш офаридааст, манзури мухлисону ҳаводорони ин ҳунарпешаи асил гардонида шуд.

Дар доираи ин рӯзҳо дар кинотеатрҳои шаҳри Душанбе ва коху қасрҳои фарҳанги шаҳрҳои Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Варзоб барои алоқамандони синамо филмҳои ҳунарии

«Абдулло Орифов», «Судя», «Таҳаввулот» ва «Зинда бод ҳамсар!» намоиш дода шуданд. [9]

Айни замон заминаи қарордодиву ҳуқуқии ду кишвар беш 200 созишнома ва шартномаро дар бар мегирад, ки дар сатҳи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ имзо шуда, поягузори онҳо Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000 ва Шартнома дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 17 августи соли 2018 мебошанд.

Мавриди зикри хос аст, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 октябри соли 1992 барқарор шудаанд. Дар шаҳри Душанбе Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар шаҳри Тошканд Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Дар ҳақиқат метавон гуфт, ки тоҷикону ӯзбекон гузашта ваояндаи умумӣ доранд. “Хусусан тоҷикону ӯзбекҳо халқҳои дорои умумияти зиёди таърихӣ буда, ба ҳамдигар зич алоқамананд”.[10] Дар ҳамин замина хулоса намудан ба мақсад мувофиқ аст, ки минбаъд низ ҳамкориҳои гуногунҷанба дар таҳким ва густариши дӯстию бародарӣ ва ҳамсоягии нек барои ҳар ду кишвар муҳим мебошад.

---

[9] Рӯзҳои синамои Ӯзбекистон дар Тоҷикистон бо намоиши филми ҳунарии «Зинда бод, ҳамсар!» ҷамъбаст гардид. Манбаи электронӣ: https://khovar.tj. Санаи муроҷиат: 24.04.2024с.

[10] Ниг.: Оймаҳмадов М. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. Душанбе-2018, саҳ. 203.

**Мухаммадсалом МАХШУЛОВ**
*ходими пешбари илмии*
*Маркази синошиносии*
*Институти фалсафа,*
*сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ*

## САҲМИ ДОНИШМАДОНИ ТОҶИК ДАР РУШДИ УЛУМИ ТАБИӢ ВА РИЁЗӢ ДАР ОЛАМИ ИСЛОМ

Ба таври куллӣ метавон гуфт, ки раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди улуми ақлиро дар ҷаҳони ислом бидуни мушорикати фаъолу созандаи тоҷикон ва куллан мардуми эронитабор наметавон тасаввур кард. Аъроб таъсири маънавии марудуми эронитаборро ҳануз дар замони Ҳахоманишиён ва сипас ба таври густурдатар дар даврони Сосониён эҳсос намуда буданд. Масалан, Фарҳангистони маъруфи Гунди Шопур - маркази зеҳнии Империяи Сосонӣ, ки дар он омӯзишу таълим дар бахшҳои тиб, фалсафа, илоҳиёт ва тамоми дигар илмҳои замон ба роҳ монда шуда, дар даврони ҳукумати Хусрави I Анушервон (531-579) ба авҷи аълои шукуфоии хеш расида буд, дар ривоҷу равнақи минбаъдаи илм дар минтақа ва куллан дар ҷаҳони мутамаддини даврони бостон ва авоили қуруни вусто нақши муҳиме дошт.[1] Дар он даврон бар асари фишору таъқиби императорҳои Бизонс (Руми Шарқӣ) бархи зиёде аз фалосифаи Юнон ва масеҳиёни настурии сурёнизабон ба Эрон фирор намуданд. Анушервон ба донишмандони фирорӣ

[1] The Cambridge History of Iran: Vol. 4. Cambridge University Pressp, 1975, p. 396. – 747p.

фармуд, ки матнҳои илмиро аз забонҳои юнонӣ ва суёнӣ ба паҳлавӣ баргардонанд. Сипас ӯ ба Шарқ рӯй овард ва Барзуя ном табиби саршиносеро фиристод, то донишмандони ҳиндию чиниро ба Гунди Шопур даъват намояд. Ва ин донишмандон матнҳои муҳимеро роҷеъ ба нуҷум, толеъбинӣ, риёзӣ ва тиб, инчунин матнҳои чиниро дар мавриди рустаниҳои доруӣ ва шинохти адён тарҷума карданд. Ҳамин тавр, Фарҳангистони Гунди Шопур ба маъруфтарин маркази илмии он даврон мубаддал гардида, муҳимтарин дастовардҳои илмии эрониён, юнониён, ҳиндуҳо ва чиниёнро гиродварию мутамарказ намуда, барои равнақи онҳо шароити мусоид фароҳам овард. Дар баробари ҷорӣ намудани низоми мураттаби муолиҷа ва равнақи донишҳои илмӣ, донишмандони фарҳангистони мазкур тамоми раванди омӯзиши тиббиро тағйир доданд ва фориғуттаҳсилини он дар саросари ҷаҳони мутамаддин ба унвони беҳтарин пизишкон эътироф гардида буданд. Донишмандони ин маркази илмӣ дар равнақи улуми табиатшиносӣ ва риёзӣ низ дастовардҳои бузург доштанд.[2]

Пас аз ба сари қудрат омадани Аббосиён ва афзудани нуфуз ва таъсири эронитаборон дар дастгоҳи хилофат, бавижа дар даврони ҳукумати халифа Маъмун (813-833) соли 820 дар Бағдод маркази илмие бо номи «Байт ал-Ҳикма» таъсис ёфт, ки дар он усулҳои омӯзишию пажуҳишӣ ва куллан суннатҳои илмии Фарҳангистони Гунди Шопур мавриди истифода қарор гирифтанд. Яъне эронитаборон аз ин роҳ дар шукуфоии илму фарҳанг дар ҷаҳони ислом саҳми боризе гузоштанд.

Метавон гуфт, ки мардуми эронитабор дар шаклгирии падидае бо номи «тамаддуни исломӣ», ки яке аз

---

[2] *Joseph, George Gheverghese.* The crest of the peacock: non-European roots of mathematics. — London : I. B. Tauris, 1991. . P.138.

дурахшонтарин даврони таърихи башариятро дар худ таҷассум мекард, нақши бузрге ифо намуданд. Пас аз суқути хулафои Уммавӣ (661-750), ки тамоюли қавмгароии арабӣ доштанд, ва ба қудрат расидани Аббосиён, нуфузи эрониён дар дастгоҳи хилофат ва мутаносибан дар саросари ҷаҳони ислом афзуд. Метавон гуфт, ки ба қудрат расидани Аббосиён то андозае натиҷаи аксуламали эрониён дар баробари қавмгароии Уммавиён буд. Зеро Аббосиёнро маҳз мардуми эронитабор бо сарварии Абумуслими Хуросонӣ сари қудрат оварданд. Дар дастгоҳи хилофати Аббосӣ эрониён то ҳадди зиёде зимоми умурро ба даст гирифтанд. Яке аз ёрону ҳамразмони Абумуслим бо номи Холиди Бармакӣ, ки аз хонаводаи маъруфи ашрофзодагони тоҷики Балх буд, ба мақоми вазорат расида,[3] дар саросари хилофат сохтори давлатдории замони Сосониёнро ҷорӣ намуд. Баъдан аз ҷумлаи намояндагони ин хонаводаи наҷиб, ки дар таърих бо номи Бармакиён (Оли Бармак ё Баромика) маъруфанд, чандин вазирон ва ходимони давлатии сутуҳи мухталиф фаъолият карда, ҷиҳати шукуфоии тамаддуни исломӣ ва пешрафти илм дар марказ ва бузургтарин шаҳрҳои хилофат аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ саҳми бузурге гузоштанд. Яке аз муҳаққиқони шинохтаи таърихи ислом, Ҷурҷи Зайдон, ин даврони таърихи хилофат (аз соли 750 то 850)-ро «давраи эронӣ» номида, эътироф мекунад, ки ҳарчанд ки хулафо араб ва забони дин дар ин давра арабӣ буд, аммо аз лиҳози сиёсӣ ва идораи умур мамлакат дар дасти эрониён қарор дошт. Ба гуфти ӯ, эрониён ба хилофат кумак карданд, онро бар пой доштанду идора намуданд; вазирону амирон, дабирону ҳоҷибон ҳама эронӣ

[3] Абдулѓанӣ Њасан. *Абумуслими Хуросонӣ*, Тењрон, «Сипењр», 1353. С. 17-18.

буданд».[4] Муаррихи маъруфи мисрӣ Ахмад Амин эътироф мекунад, ки «агар эрониён намебуданд, аъроб бо неъмату осоиш ва зиндагии муназзам ошно намешуданд».[5] Ва мутаносибан имкони омӯхтани улуми мухталиф ва пешрафти фарҳангӣ низ ба онҳо даст намедод.

Аз тариқи эҷоди шароити созгори иҷтимоию фарҳангӣ ва тавассути таъсиррасонӣ ба аъроб ва дигар ақвоми мусулмон аҷдоди тоҷикон дар шаклгирии тамаддуни исломӣ ва равнақи илм дар саросари ҷаҳони ислом саҳми бузург гузоштанд.

Дар таърихи илми ҷаҳони ислом вуҷуди созмони махфие бо номи «Ихвон ус-сафо ва хуллан ул-вафа ва ахла ал-адл ва абна ал-хамд» («Бародарони пок, дустони содиқ, аҳли адолат, ва писарони сипосгузор») шуҳрат дорад, ки дар қарни IX шуруъ ба фаъолият намуда, дар қарни X дар авҷи маъруфият қарор дошт.

Бунёнгузорони ин созмони махфӣ (ки ҷанбаи ахлоқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошт) гурӯҳе аз донишмандони мусалмон буданд, ки дар тамоми улуми роиҷи он даврон табаҳҳур дошта, бо нигоҳи вижаи хеш ба эътиқодоти динию масоили ҳуқуқӣ фарқ мекарданд. Ин афрод бо сабабҳои вижае ному насаби хешро пинҳон медоштанд ва ба ҳамин иллат роҷеъ ба теъдод ва зиндагиномаи эшон маълумоти дақиқе дар даст нест. Бархе аз муҳаққиқони муосир онҳоро марбут ба фирқаи исмоилия ва бархи дигаре мансуб ба муътазила донистa, қисме аз муҳаққиқон эшонро аъзои созмони мустақиле мешуморанд. Муҳаққиқи шинохтаи фаронсавӣ Анри Корбен, аъзои гурӯҳи мазкурро пайрави таълимоти исмоилия дониста, бо баррасии

---

[4] Зайдон, Ҷорҷӣ. Таърихи тамаддуни ислом. ҷ. 2, Теҳрон, интишороти «Амири Кабир», 1377, с. 749.

[5] Найирӣ Нурӣ, Абдлҳамид. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон. – Ҷ. 2. – Теҳрон, «Маркази фарҳанг ва интишороти ислом», 1375. –С. 995-996.

қисмате аз афкорашон таъкид месозад, ки дар ин далел тардид нест.[6] Донишмандони "Ихвон ус-сафо" доиратулмаорифи азими тамоми улуми то замони онҳо маълумро дар 52 ҷилд бо номи "Рисолаҳои "Ихвон ус-сафо" гирдоварӣ намуда, низоми муайяни таснифи улумро пешниҳод намуданд. Аз ҷумлаи ин расоил 4 адад ба масоили риёзию мантиқ, 17 адад ба масоили табиатшиносӣ ихтисос гирифта, боқӣ 10 рисола ба масоили илоҳиёт ва 11 рисола ба масоили қавонини динӣ марбут буданд.

Метавон гуфт, ки аъзои ин созмони махфии илмӣ асосан тоҷикон ва дигар эронитаборон буданд. Масалан, файласуфи қарни XI-и араб Абуҳаёни Тавҳидӣ аз панҷ нафар аъзои ин созмон ёд мекунад, ки чаҳор нафарашон мушаххасан тоҷик (эронитабор) буданд.[7] Ва ин далели боризест чиҳати таъйиди он нукта, ки аҷдоди мо дар шаклгирӣ ва равнақи илм ва махсусан, улуми дақику риёзӣ дар саросари ҷаҳони ислом нақши бузурге ифо намудаанд.

Тоҷикон, инчунин ба таври инфиродӣ аз тариқи намояндагони маъруфи худ низ, ки чун ситораҳои равшане дар самои илму фарҳанги ҷаҳонӣ дурахшиданд, дар тарвиҷ ва иртиқои илму дониш дар саросари ҷаҳони ислом тайи тамоми даврони қуруни вусто саҳмгузор буданд. Дар ин росто метавон ба унвони намуна аз чанд фарде ном бурд, ки ҷаҳониён онҳоро ба увнвони бузургтарин донишмандон дар таърихи бани башар эътироф намудаанд. Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мусои Хоразми (783-850) бахши чудогонаи илми риёзӣ, яъне алгебраро бунёд гузошт ва имрӯз илме дар

---

[6] Корбен, Анри. История исламской философии. Перев. с фарнц. А.А. Кузнецова; Научный редакт. Р.М. Шукуров. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 360 с. С. 135.

[7] История социальной мысли в исламе. Учебное пособие для иранских вузов. Перевод Махшулова М, , Москва, издательство «Вече», 2012. С. 80.

риёзиёт бо ҳамин ном ва равише марбут ба қаводи мантиқии ҳалли бархе аз масоил бо номи "алгоритм" ба ному амали ӯ вобастаанд. Донишмандони муосир бар ин назаранд, ки ӯ барои рушди илми риёзӣ беш аз ҳар нафари дигаре дар даврони қуруни вусто мусоидат намудааст.

Ва дигаре Умари Хайёми Нишопурист, ки дар бахши алгебра яке аз бузургтарин донишмандони қуруни вусто маҳсуб мешавад ва таҳқиқоти ҷолибе дар заминаи ҳалли муодилаҳои дараҷаи дуюму сеюм дорад. Хамин тавр, истифода аз алгебра барои ҳалли масъалаҳои ҳандаса ва истифода аз мафоҳими ҳандасӣ дар алгебра нахустин бор аз тарафи Умари Хайём ва дигар донишмандони эронӣ роҳандозӣ шуд, ки ин амал муҷиби шаклгирӣ ва равнақи ҳандасаи таҳлилӣ гардид.[8]

Ҷолиб он аст, ки дар тамоми даврони мавҷудияти Руми Бостон ва пас аз таҷзияи он ба ду бахши шарқию ғарбӣ ва тайи тамоми даврони шукуфоии Руми Ғарбӣ, яъне Бизонс-Византия (то соли 1453), румиён ва куллан аврупоиён таваҷҷуҳи чандоне ба улуми табиатшиносию риёзии юнониёни Бостон надоштанд. Масалан, аввалин тарҷумаи осори Уқлидус (Евклид) аз тарафи аврупоиён дар асри X (ба забони лотинӣ) анҷом шуд.

Таҳқиқоти мусулмонон дар бахши нуҷум низ хеле ҷиддӣ буданд. Донишманди қарни IX тоҷик Абумаъшари Балхӣ бо истифода аз дастовардҳҳои бобулиён, ҳиндуҳо ва эрониён маҷмуи ҷадвалҳои нуҷумиро тартиб дод, ки дар он харакати ситораҳо дар асоси додаҳои ҳиндуҳо ва расадхонаи эронии Гангез ҳисоб шуда буд. Тарҷумаи ин дастовардҳои Абумаъшари Балхӣ чандин бор дар Аврупо бо забони лотинӣ

---

[8] Зарринкуб, Абдулњусайн. Исламская цивилизация, перевод Махшулова М., Москва, изд-во «Андалус», 2004. С. 37.

мунташир шуда, ба муллифашон шуҳрати ҷаҳонӣ овsecurityарданд, аммо на ба унвони ситорашинос, балки ҳамчун мунаҷҷими толеъбин. Дар китобаш бо номи "ал-Мадхал ул-кабир", ки ба масоили нуҷум ихтисос гирифта буд, ин донишманди тоҷик аввалин бор табиати мадду ҷазрро таҳлил кард.

Чун сухан аз нуҷум рафт, бояд аз дастоварди бузурги Хайём, ки бо номи "Тақвими Ҷалолӣ" маъруф аст, ёд кард, ки дастоварди дастаҷамъии чандин нафар донишмандони тоҷик буда, аз лиҳози дақиқӣ тайи чандин садсола беҳтарин тақвим дар ҷаҳон маҳсуб мешуд. Дастовардҳои Шайхурраис Абуалӣ Ибни Сино дар улуми тиб, мантиқ ва риёзӣ (бо истифода аз дастовардҳои Уқлидус) низ ба ӯ шуҳрати ҷаҳонӣ оварданд. Ӯ буд, ки тамоми донишҳои тибби башариро дар шакли муназзаму мураттаб баён намуда, барои рушди фалсафа, ҳандаса ва улуми табиию риёзӣ низ хидматҳои бузурге анҷом дод.

Донишманди дигари тоҷик Абурайҳони Берунӣ бошад, дар улуми табиӣ дастовардҳои ҷаҳоншумул дорад. Ӯ мафҳуми вазни хосро вориди илм намуд, вазни хоси 16 моддаро то дақиқии ҳайратовар ҳисоб кард, куррашакл будани заминро собит намуда, мавҷудияти қитъаи номаълумеро дар самти ғарби Замини мо пешгӯӣ намуда, ба таври нисбатан дақиқ бо истифода аз дастовардҳои илми ҳандаса ва тригонометрия радисуси заминро андозагирӣ кард.[9] Абурайҳон ба унвони муҳаққиқи борикбин ва донишманди нотакрор дар осораш дар баробари андешаи мантиқӣ истифода аз таҷриба ва озмоишҳои муназзами илмиро низ хеле зарур шуморидааст. Ин матлаб, масалан дар асари маъруфаш "Мо лил Ҳинд" ба таври возеҳ ба назар мерасад. Ӯ ба таври одилона, беғаразона ва муҷаз аз дастовардҳои ҳиндувон дар бахшҳои фалсафа,

[9] Њамон ҷо. С. 83.

табиатшиносӣ, риёзӣ, илоҳиёт ва ғайра ёд намуда, онхоро бо тасаввуроти эрониёни бостон ва муслимин муқоиса мекунад. Ин навъи баён дар таърихи илми ҷаҳон як навоварӣ махсуб мешуд.

Пешгузаштаи Берунӣ, Закариёи Розӣ, ки аз тамоми улуми даврони хеш огоҳии комил дошт, дар ихтирои чандин пайвастагиҳои химиявӣ ва минҷумла спирт даст дорад.

Роҷеъ ба таъмини мушорикати фаъоли донишмандони тоҷик дар раванди ташаккул ва такомули улуми исломӣ сухан ронда, набояд аз падидае бо номи “Давлати аламут” сарфи назар кард.

Давлати Аламут дар таърихи мардуми эронитабор як падидаи хориқулоддаест. Забони форсӣ (тоҷикӣ) дар ин давлат ба унвони забони расмии коргузорию давлатдорӣ ва забони илму фарҳанг эътироф гардида буд. То ин замон бо баракати сайъу талоши бузургмардоне аз қабили Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Носири Хусрав ва дигар донишмандони фарҳехта, ки бо забони модариашон осори гаронбаҳое аз худ боқӣ гузошта буданд, забони форсӣ аз пойдевори устувори илмӣ ва корбурдӣ дар бахшҳои мухталифи донишҳои башарӣ бархурдор гардида буд. Ин аст, ки бештари осори илмӣ дар Аламут маҳз бо ҳамин забон, яъне забони форсӣ (тоҷикӣ) офарида шуд. Донишмандони зиёде дар тули таърихи 170-солаи Давлати Аламут аз таъқибу фишори ҳуккоми турку аббосӣ ва руҳониёни мутаассиби бумӣ фирор намуда, ба қалъаҳои кӯҳии он паноҳ мебурданд. Ҳаёти илмӣ тайи ин муддат дар Давлати Аламут ба таври мудовим ва дар шакли фаъол дар ҷараён буду, донишмандон, сарфи назар аз мансубияти мазҳабию эътиқодиашон, ба таври озод ва бидуни монеъа машғули баҳсу мунозираи илмӣ буданд ва бо истифода аз китобхонаи азими Аламут аз дастовардҳои беҳтарини донишҳои башарӣ баҳравар мешуданд. Бисёре аз

донишмандон барои аз нобудӣ наҷот додани таълифоташон онҳоро ба китобхонаи Аламут тақдим мекарданд. Аз ин лиҳоз Давлати Аламут ва қалъаҳои кӯҳии он ба маркази муқтадири илмию фарҳангии он даврон мубаддал гардида буданд.

Дар Аврупо тайи чандин сада аз исмоилиёни низорӣ ба унвони «ҳашшошиюн» («ассасин») ёд мекунанд: гӯё фидоиёни исмоилӣ бар асари истеъмоли ҳашиш ва ваъдаи биҳишт даст ба амалиёти террористӣ мезадаанд. Ва вожаи «ассасин» (ба ҷои вожаи «террорист») дар забонхои аврупоӣ низ реша дар ҳамин тасаввури ботил дорад. Ин гуна тасаввури нодуруст дар заминаи навиштаҳои сайёҳи венезӣ Марко Поло ва он ҳам бар асоси ривоёти бофтае, ки ӯ аз салибиюн шунида буд, ба миён омад. Вале ахиран собит шуд, ки тамоми он ривоёт асоси воқеӣ надошта, фидоиён ҷони худро дар заминаи эътиқоди росих ва тамоюли адолатхоҳию ватанпарастӣ ба хатар мегузоштанд. Ва фидоиёни Аламут, воқеан афродеро ҳадаф қарор медоданд, ки намояндагони ақвоми мутаҷовизу ғосиб, яъне туркони салҷуқӣ ва салибиюни аврупоӣ буданд, ки нисбат ба мардуми бумӣ бо бераҳмии хосе рафтор менамуданд. Аз посухе, ки Ҳасани Саббоҳ ба ҳокими салҷуқӣ Маликшоҳ навишта буд, маълум мешавад, ки фаласафаи низориён ҷанбаи динию сиёсӣ ва ватанхоҳӣ дошта, он аз ҳимояи ҷомеаи мусулмонони бумӣ, аз харобию вайронӣ ва пирӯз шудан бар салҷуқиёни ғосиб ибрат буд.[10]

Таърихи башар намунаи ин гуна ҷоннисориҳоро зиёд дар ёд дорад. Масалан, партизанҳои белорус дар даврони Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм тавассути аз байн бурдани намояндагони бонуфузи душман намунаи ин гуна амалҳоро анҷом медоданд.

---

[10] Тавонофар М. Религиозно-философские и социально-политические воззрения низаритов Аламута. //Вестник Педагогического университета. Издание Таджикского Педуниверситета, № 3, (64-2), Душанбе, 2015. С. 4.

Тибқи «Фарҳанги бузурги ҳақуқшиносӣ», партизан шахсест, ки барои озодӣ ва истиқлоли ватани хеш дар қаламрави ишғолнамудаи душман ихтиёрӣ, ба таври инфиродӣ ва ё гурӯҳӣ фаъолияти низомии ғайрирасмӣ ва махфӣ анҷом медиҳад.[11] Ба ин маъно, Аламут бо бурузи оини ҷавонмардӣ дар баробари ҳифзи шараф ва номуси миллии ақвоми эронитабор дар муқобила бо мутаҷовизони турк ва бегонагони араб, ҳамзамон ба унвони маркази муқтадири илмию фарҳангӣ арзи вуҷуд намуда, дар афзун намудани дастовардҳои илмии мардуми бумӣ ва ҳифзи шарафу ифтихороти онон хидмати бузурге анҷом дод.[12]

Хоҷа Насируддини Тусӣ, ки аз тарафи муҳаққиқони таърихи илм ба унвони «бузургтарин донишманди қарни XIII эътироф гардидааст, маҳз дар Аламут ба сатҳи баландтарини улуми замонаш даст ёфт ва дар фалсафа, риёзӣ ва махсусан, дар бахши тригонометрияи курравӣ осоре таълиф кард, ки дар он замон бехтарин дастовардҳои илмӣ махсуб мешуданд. Бо назари интиқодӣ ба назарияи заминмаркзии Батлимус, ӯ афкоре пешниҳод намуд, ки баъдан дар заминаи онҳо назарияи офтобмарказии Коперник шакл гирифт.

Баршумурдани дастоварҳоди илмии донишмандони тоҷик ва саҳми онҳо дар равнақи тамаддуни исломӣ ҳатто ба таври иҷмолӣ фурсат ва саъю эҳтимоми зиёде мехохад ва дар доираи як мақолаи кӯтоҳ ҳатто ёдоварии сатҳӣ аз онҳо ғайри қобили имкон аст.

Ин ҷо чунин савол бамаврид аст, ки чӣ авомиле боис шуданд, ки падидае бо номи "тамаддуни исломӣ", ки дар

---

[11] Волосов. М.Е., Капинус Н.И., Додонов В.Н. Большой юридический словарь. Москва: ИНФРА-М, 2009., Статья «Партизаны».

[12] Дафтарӣ, Фархад. Кратая история исмаилизма. Москва: "Ладомир", 2003. С. 126 – 163.

шаклгирӣ ва равнақи он тоҷикон саҳми боризе доштанд, аз миён рафт?

Ба ақидаи ин ҷониб, ин ҷо далоили зиёде таъсиргузор будаанд, аммо муассиртарини онҳо ду далел будааст.

1. Лашакаркашиҳои харобиовари салибиюн.

2. Таҷовуз ва ғорату куштор ва амалҳои ҳалокатбору харобиовари кӯчиён (муғулҳо, Темури Лангу бозмондагонаш, Шайбониён, Аштархониён ва Манғитҳо), ки марокизи ободи илмию фарҳангиро хароб менамуданд ва донишмандонро аз миён мебурданд.

Он чи дар боло омад, ишороте чанд буд роҷеъ ба саҳми ҷаҳоншумули аҷдоди тоҷикон дар шаклгирӣ ва рушди улуми табиӣ ва риёзӣ дар ҷаҳони ислом.

**Адабиёт**


1. The Cambridge History of Iran: Vol. 4. Cambridge University Pressр, 1975. P. 396. – 747 p.

2. *Joseph, George Gheverghese.* The crest of the peacock: non-European roots of mathematics. — London : I. B. Tauris, 1991. P. 138

3. Абдулғанӣ Ҳасан. *Абумуслими Хуросонӣ,* Теҳрон: «Сипеҳр», 1353. С. 17-18.

4. Зайдон, Ҷорҷӣ. Таърихи тамаддуни ислом. Ҷ. 2. -Теҳрон: Интишороти «Амири Кабир», 1377. С. 749.

5. Наййирӣ Нурӣ, Абдулҳамид. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон. – Ҷ. 2. – Теҳрон, «Маркази фарҳанг ва интишороти ислом», 1375. С. 995-996.

6. Корбен, Анри. История исламской философии. Перев. с фарнц. А.А. Кузнецова; Научный редакт. Р.М. Шукуров. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 360 с. С. 135.

7. История социальной мысли в исламе. Учебное пособие для иранских вузов. Перевод Махшулова М. Москва: Издательство «Вече», 2012. С. 80.

8. Зарринкуб, Абдулҳусайн. Исламская цивилизация. Перевод Махшулова М. Москва: Изд-во «Андалус», 2004. С. 37.

9. Тавонофар М. Религиозно-философские и социально-политические воззрения низаритов Аламута. //Вестник Педагогического университета. Издание Таджикского Педуниверситета, № 3, (64-2). Душанбе, 2015. С. 4.

10. Волосов. М.Е., Капинус Н.И., Додонов В.Н. Большой юридический словарь. Москва: ИНФРА-М, 2009. Статья «Партизаны».

11. Дафтарӣ, Фархад. Кратая история исмаилизма. Москва, 2003. С. 126 – 163.

**Нозим НУРОВ**
*ходими илмии Шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики*
*Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои*
*Осиё ва Аврупои АМИТ*

## ОСЕБШИНОСИИ РАВОБИТИ ФАРҲАНГИИ ЭРОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТАЙИ АСРҲОИ МУТАМОДӢ: ТАВСИФ ВА ТАҲҚИҚИ КУЛЛӢ

Маълум аст, ки равобити фарҳангӣ ва иртибототи маданӣ дар ҳамаи давру замон бозгӯкунанда ва мушаххассозандаи рушду инкишофи кишвару мамлакатҳо буда, боиси боло рафтани сатҳи тафаккур, андеша, адаб ва ҷаҳоншиносии миллияту ҷомеаҳо гардида, дар танзими муносибатҳои ҳасанаи халқу миллатҳо роҳкори калидӣ маҳсуб мешавад. Аз тарафи дигар, дар натиҷаи равобит ва иртибототи фарҳангӣ танаввуи фарҳангӣ, адабӣ, илмӣ ва тамаддунӣ ба вуҷуд меояд ва роҳи таҳаввулоту тараққиёти миллияту халқиятҳо ҳамвор мегардад. Албатта, таърихи муносиботи байналмилалӣ собит намудааст, ки иртибототи фарҳангӣ ва равобити адабию маданӣ ҳамчун падидаву раванди иҷтимоӣ, усулан бар асари ташрифоти давлатӣ, маросимоти дипломатӣ, диду боздидҳои расмӣ, иштиёқи ошноӣ бо чеҳраҳои маъруфи илмию адабӣ, доду ситадҳои тиҷоратӣ, муносибатҳои бозорӣ, сайру саёҳатҳои даврию фосилавӣ, меҳмоннавозиҳои маъмулӣ ва расму одоти шарқӣ иттифоқ афтода, самараи хубе бар ҷой гузоштааст. Дар зимн, иртибототи фарҳангӣ бо худии худ аз авомили зарурии рушду инкишофи забонию маданӣ маҳсуб меёбад (ниг.: Мартынова Н.А. Культурные контакты как один из факторов развития языка и культуры. //Вестник ТГПУ, 2007. Выпуск 2 (65). Серия: Гуманитарные науки (филология). -С.58).

Ин аст, ки равобиту иртибототи фарҳангӣ густураи адабӣ ва танаввуи маданиро мусоидат карда, дар шаклгирии ҷомеаи адабию фарҳангӣ нақши асосӣ дорад. Бо таваҷҷуҳ ба зарурат, кайфият ва таъсири иртибототи фарҳангӣ ва равобити маданӣ ба зиндагии миллияту халқиятҳо матолиби дархуре дар ҳавзаҳои илмии хориҷӣ аз ҷумла муҳити русӣ интишор ёфтааст (барои иттилооти бештар дар ин замина таваҷҷуҳ шавад ба: Богомолова Е. Культура и общество: вопросы истории и теории. -М., 1978; Головнев А. Сближение национальных культур в процессе коммунистического строительства. Минск, 1979; Гончаренко Н. Взаимообогащение культур как источник духовного прогресса // Современное славянение культуры. Киев, 1982; Злобин Н. Культура и общественный прогресс. -М., 1980; Межуев В. Национальная культура и современная цивилизация// Освобождение духа. -М., 1991; Мартынова Н.А. Культурные контакты как один из факторов развития языка и культуры. //Вестник ТГПУ, 2007. Выпуск 2 (65). Серия: Гуманитарные науки (филология) – манбаи интернетӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/kulturnye-kontakty-kak-odin-iz-faktorov-razvitiya-yazyka-i-kultury).

Ҳамчунин, дар робита бо мазмуну муҳтавои мавзуи мавриди назар тадқиқоту мутолеоти дигаре низ анҷом гирифтааст, ки қобили омӯзиш, таҳқиқ ва мулоҳиза мебошанд (ниг.: Раҳмон, Эмомалӣ. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе: "Андалеб-Р", 2018. -414 саҳ.; Масоили иртибототи фарҳангии Ирону Осиёи Марказӣ дар таҳқиқи кормандони Муассисаи мутолеоти роҳбурдии Шарқ – манбаи интернетӣ: https://www.iess.ir/fa/analysis/2663/; Наврӯзӣ, Ҳусайн. Мушкилоти таърихии равобити фарҳангии Ирон ва минтақа – манбаи интернетӣ: https://ensani.ir/fa/article/79541/-روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی; Мовароуннаҳр ба унвони минтақаи бузурги

таърихию фарҳангӣ – манбаи интернетӣ: https://anjomannaghd.ir/ماوراءالنهر-مادر-شهر-فرهنگی-ایران-بزر/).

Мусалламан, баррасии иртибототи фарҳангии Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ дар се марҳила: мароҳили пешазисломӣ, пасазисломӣ ва баъд аз таъсиси ҳукумати шиаи Сафавӣ ба мақсад мувофиқ аст, чаро ки давраи нави иртибототу равобити фарҳангӣ ба садаи бист тааллуқ мегирад, ки дар ин давраи таърихӣ вазъу ҳол бакуллӣ тағйир мекунад ва фазо дигар мешавад. Ба ин маъно, ки дар ибтидои садаи бист таҳаввулоти фикрию маданӣ ва дағдағаи бедории сиёсию иҷтимоӣ дар тавъамӣ бо хостҳои миллӣ иттифоқ меафтад, ки саранҷом боиси ба вуҷуд омадани ҷунбишу ҳаракати фаъоли машрутахоҳӣ (қонунмадорию мардумсолорӣ) мегардад.

Ба ин тартиб, навъи равобити фарҳангии минтақаро низ метавон тавассути тақсимоти марҳилавии таърихӣ баррасӣ кард. Ҳамчунин, баъзе мушаххасоту вежагиҳои фарҳангию ҳувиятие назири забон, нажод, мазҳаб ва амсоли инҳо, ки миёни мардуми Эрон ва минтақа (манзур Мовароуннаҳр ё ба истилоҳ, Осиёи Марказӣ) вуҷуд доранд, дар таъйини сарнавишти миллияту халқиятҳо ва чигунагии равобиту иртибототи фарҳангӣ нақши калидӣ гузоштаанд. Муҳаққиқон, бар ин назаранд, ки бо ҳамлаи муғулҳо муштаракоти таърихии равобити фарҳангии Эрон ва минтақа то замоне аз байн рафт (ниг.: Наврӯзӣ, Ҳусайн. Равобити фарҳангии Ирон ва Осиёи Марказӣ – манбаи интернетӣ: https://ensani.ir/fa/article/79541/روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی), аммо бо гузашти солҳо аз нав иртибот барқарор гардид ва бо назардошти шароити тозаи таърихӣ ба сатҳу марҳилаи дигар расонида шуд. Барои ошноӣ бо вазъи иртиботӣ ва аносири равобитӣ ба сайри иҷмолии таърихӣ ниёз дорем.

Иртибототи фарҳангии Эрон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки фарогири қаламраву густураи бузурги таърихӣ будааст (ниг.: Фредерик, С. Старр. Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг. /Тарҷума аз забони англисӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдусалом Мамадназаров. – Душанбе: "ЭР-граф". 2016. С.14-15), дар се марҳила: пешазисломӣ, пасазисломӣ ва баъд аз таъсиси ҳукумати шиаи Сафавӣ баррасӣ мешавад. Навъи равобити фарҳангии минтақаро низ метавон тавассути ин тақсимбандии таърихӣ баррасӣ кард. Дар даврони таҳоҷумоти муғулӣ иртибототи фарҳангӣ ва равобити адабию маданӣ қатъ гардид ва як давраи сукути иртиботӣ ҳукмфармо буд. Аммо равобиту иртибот минбаъд бо дар назар гирифтани шароиту фазои иҷтимоию сиёсию фарҳангӣ ҷараён гирифт ва тадовум пайдо кард. Бо таваҷҷуҳ ба даврабандии таърихӣ, вазъи равобиту муносиботи фарҳангиро метавон дуруст баррасию арзёбӣ кард.

**Иртибототи фарҳангии Эрон ва Осиёи Марказӣ пеш аз ислом**

Тибқи сарчашмаҳо, манобеъ ва ахбори таърихӣ, мардуми ориёӣ тақрибан 2600 сол пеш ба сарзаминҳои ҳозираи Эрон, Ироқ ва Мовароуннаҳр муҳоҷират кардаанд. Ақвоми сокин дар Мовароуннаҳр, ки кучӣ боқӣ монда буданд, хонҳои шарқиро аз минтақаи Чини имрӯзӣ ва хонҳои ғарбиро дар минтақаи Осиёи Марказии кунунӣ, Русия ва қисматҳое аз Аврупо поягузорӣ намуданд. Ба раванди шаҳрнишинӣ ва тамаддунофарӣ пайвастан, тадриҷан ташкили ҳукуматҳо ва аз ин тариқ мудирияти кишвару минтақа ақвоми ориёиро миёни соири қавмияту миллиятҳои замон соҳибнуфуз сохта, мақому ҷойгоҳ бахшид. Албатта, онҳо то ҳол ҳамчун қабилаҳои бодиянишин зиндагӣ мекарданд. Сакҳо, ки қабилаҳои эронӣ буданд, дар қарнҳои панҷум ва шашуми пеш аз милод дар ин

минтақа зиндагӣ мекарданд. Масагетҳо дар асрҳои сеюм ва чоруми пеш аз милод бахше аз кавмҳои эрониро ташкил дода, дар зери таъсири фарҳанги эронӣ карор гирифта, дар ин минтака ҳукмронӣ мекарданд. Императории турк тақрибан ба сурати иттиҳодияи ақвоми чодарнишин фаъолият мекард. Ин императорӣ, ки аз 67 соли пеш аз ҳиҷрат то соли 123 ҳиҷрӣ аввалин ҳукумати сиёсии турк маҳсуб шуда, марзҳояш дар шимоли Муғулистону Чин ва дар ғарб то баҳри Сиёҳ тул мекашид, дар ба вуҷуд овардани тамосу алоқаву иртиботот миёни қабоилу ақвоми чодарнишини минтақа нақши асосӣ гузоштааст (ниг.: https://ensani.ir/fa/article/79541/-روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی).

Албатта, роҳу василаи тамосу алоқаву иртиботу равобити байни ақвому миллиятҳои минтақа зарурату амри замон будааст. Яке аз василаҳои иртиботу алоқаву тамоси ду фарҳанг (фарҳанги шаҳрнишинон ва фарҳанги бодиянишинон ё ба истилоҳ, чодарнишинон) бархурди низомӣ буд, ки шаҳрнишинон ҷиҳати ҳифзу ҳимояти худ дар қиболи таҳоҷумоти қабилаҳои чодарнишину кӯчӣ аз тариқи қалъаҳо ва истеҳкомҳои низомӣ истод мешуданд. Воситаи дигари тамосу иртиботу равобит доду ситадҳо ва савдову тиҷорат буд. Тавассути барқарор кардани тиҷорату доду ситадҳо қабоилу ақвоми кӯчӣ ниёзу эҳтиёҷоти рӯзмарраи худро аз ҳисоби муқимиён-шаҳрнишинон таъмин мекарданд. Роҳи дигари тамосу алоқаву иртибот фаъолияти таблиғотии кишварҳои мустақил дар мавриди даъвати қабилаҳои бодиянишин ба дини худ ва ба истилоҳ, “мутамаддин” сохтани онҳо буд. Аз ин роҳу василаи иртиботу равобит руҳониён-мубадони зардуштии императории Сосонӣ истифода бурда, масъули сиёсати “мутамаддинсозӣ” буданд. Ба ин восита бахше аз қабоили кӯчӣ ва ақвоми чодарнишин ба диёнати зардуштӣ

тамоюл пайдо карда, урфу одоти хешро бар мабнои ойину суннатҳои эронӣ тартиббандӣ намуданд.

## Равобити фарҳангии Эрон ва Осиёи Марказӣ пас аз ислом

Аз таърих маълум аст, ки бо суқути сулолаи Сосониён Эрон ва Осиё тақрибан ду қарн дар зери тасарруфи халифаҳои Умавӣ (661-750) ва Аббосӣ (750-1258) қарор гирифта, бо ташкили сулолаи Тоҳириён (821-873) вилоятҳои Хуросон, Табаристон, Кирмон ва Мовароуннаҳр аз тасаллути халифаҳои араб озод шуданд. Шаҳрҳои Марв, Самарқанд, Бухоро, Суғд ва Балх дар он замон ба бузургтарин марказҳои илмию адабии ҷаҳони ислом бадал шуда буданд. Хусусиятҳои ҷуғрофиёи сиёсӣ боис шуда буд, ки ин минтақаҳои мусулмоннишини Осиёи Марказӣ бо дигар қисматҳои ҷаҳони ислом иртиботи доимӣ дошта бошанд ва тайи чанд садсолаҳо таҳти тасаллути ҳамон сулолаҳо қарор гиранд. Равобити минтақаҳо, ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, иртибототи фарҳангӣ ва ҳамгиройии маданӣ аз тариқи Роҳи абрешим, ки аз ин минтақаҳо мегузашт, сурат мегирифт.

## Сафавиён ва марҳилаи иртибототи фарҳангӣ

Бо истиқрори сулолаи Сафавӣ (1502-1736) шукуфоию таблиғи мазҳаби шиъа ва расмият ёфтани он, мардуми ин тарафи Эрон (Эрони Ғарбӣ ва Марказӣ) аз мардуми он тарафи Эрон (Эрони Шарқӣ) дур шуд. Бо мурури замон даргириҳои мазҳабӣ (шиъаву суннӣ) ва сиёсӣ миёни ҳукуматдорони Сафавӣ ва хонону амирони Хуросону Мовароуннаҳр тезутунд шуда, охируламр боиси дурию ҷудошавии мардуме, ки тайи садсолаҳо дар як қаламрав ва густураи бузурги ҷуғрофиёию фарҳангӣ ба сар мебурданд, гардид. Афзун бар ин, муҳаққиқон бар ин назаранд, ки маҳз дар давраи Сафавӣ, новобаста ба шароити ихтилофоти ақидатию мазҳабӣ

таваҷҷуҳ ба иртибототи адабию маданӣ зоҳир мегардад ва барои нигоҳ доштани сатҳи равобиту ҳамшарикиҳои маданӣ, ки аз тариқи забону шеъру адабиёт тақвият меёфт, талошҳо анҷом мегиранд (ниг.: манбаи интернетӣ: https://anjomannaghd.ir/ماوراءالنهر-مادر-شهر-فرهنگی-ایران-بزر/).

Бо зуҳури русҳо бисёре аз минтақаҳои ҷудогона, ки таҳтушшуъои низоъҳои дохилии қабилаҳо қарор доштанд, яке паси дигар зери таъсири ҳукумати подшоҳӣ қарор гирифта, дар доираи хатти машйи сиёсати подшоҳии русӣ фаъолият мекарданд. Дар Осиёи Миёна аморати Бухоро (1756-1920) ва дар қаламрави Эрон ҳукумати Қоҷориён (1789-1925) густураи давлатию иҷтимоию маданиро зери даст гирифта буданд, аммо таҳти чатри сиёсии Русияи подшоҳӣ амал мекарданд. Баъди чанд даҳсола дар Осиёи Миёна мавҷи ҳаракатҳои болшевикӣ бинои муҳташами амирсолориро ба ларза даровадра, тағйироту воқеиёти наверо заминагузорӣ намуд. Воқеиёти нав дар заминаи сиёсати болшевикӣ ва низоми сиёсии сотсиалистӣ-коммунистӣ шакл гирифта, минтақаи бузурги Осиёи Миёнаро фаро гирифт ва охируламр боиси заволи низоми пӯсидаи амирсолорӣ дар Осиёи Миёна (дар соли 1920) ва пирӯзии машрутахоҳони эронӣ (дар соли 1925) гардид.

Албатта, низоми сиёсии сотсиалистӣ ва мафкураи коммунистӣ, ки дар қаламрави Осиёи Миёна таҳким ёфта, қолибҳои нави сиёсӣ-маъмуриеро дар шакли Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистии Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон ва Тоҷикистон ба мерос гузошт, хатти сиёсӣ-идеологии худро устувор карда, убур аз хатмашйи мафкуравиро иҷозат намедод. Ба ин мазмун, бар мабнои манофеи сиёсӣ-мафкуравӣ (мароми сиёсии марксистӣ-ленинӣ ва идеологияи коммунистӣ) равобиту иртибототи фарҳангии мардуми Осиёи Миёна бо ҷомеаи Эрону Хуросон мутавaққиф

гардид. Аз сӯйи дигар, бархурдҳои сиёсию мафкуравӣ ва саҳнасозиҳои геополитикӣ дар манотиқи Эрону Хуросон ҳам тағйир ёфт ва сенариясозону коргардонони бозиҳо, бо истифода аз қудрати бозигарони минтақавӣ тарҳу пружаҳои сиёсӣ-мафкуравиро сохта, мавриди истифода қарор доданд. Ин аст, ки дар садаи бист сиёсатбозиҳо ва манфиатталабиҳо дар ин ду минтақаи ба лиҳози нажодӣ, ирқӣ, миллӣ, ҳувиятӣ, ақидатӣ, ҷуғрофӣ ва маданӣ ба ҳам тавъам рангу мазмуни тоза касб карда, манофеи ду қутб ва ба истилоҳ, ду сангари мутаноқизи сиёсӣ-мафкуравиро ифода мекарданд.

## Равобити фарҳангии мавҷуд байни Эрон ва Осиёи Марказӣ

**<u>А) Талош барои таъсиргузории фарҳангӣ</u>**

Дар давраи пеш аз ислом ақвоми бумии мутамаддин ва муқимӣ барои ҳифзи худ аз ҳамлаҳои ваҳшиёнаи қабилаҳои бодиянишини ин минтақа кушку қалъаҳо сохта, лашкару сипоҳ тартиб дода, манотиқи мавриди назарашонро мудирият мекарданд. Дар баробари ин, чораву тадбирҳо дар заминаи ба истилоҳ, мутамаддин кардани қамиятҳои кӯчию чодарнишин андешида шуда, доманаи равобиту иртибототи иҷтимоию маданию тиҷоратӣ бо соири ақвоми дар манотиқи дуру наздик мустақарбуда густурда гардид. Ба ин маъно, ақвоми бумӣ (эронитаборон) ҷиҳати ба вуҷуд овардани фазои бози маданӣ ва равобити фарҳангӣ бо дигар қавмиятҳо ибтикороти зарурӣ рӯйи даст гирифта, дар ин замина шароити мусоидро фароҳам оварданд (ниг.: Наврӯзӣ, Ҳусайн. Равобити фарҳангии Ирон ва Осиёи Марказӣ – манбаи интернетӣ: https://ensani.ir/fa/article/79541/روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی).

**<u>Б) талош барои султаи фарҳангӣ</u>**

Тавре ки болотар ишора рафт, дар минтақа тули таърих сулолаҳои ҳоким ва табақаҳои пешрави сиёсию маданӣ аз тариқи талошҳои пайгиронаву мудавом дарростои ба

истилоҳ, мутамаддин кардани ақвоми кӯчӣ кӯшишҳое ба харҷ додаанд. Дар ин замина, эронитаборон, ҳамчунин мовароуннаҳриён, ки аксари куллашон аз тоҷиктабор буданд, саъю талоши фаровон ба харҷ доданд.

**В) таъсирпазирии муштараки фарҳангӣ**

Дар натиҷаи муколимоту муносиботу муошироти тулонии таърихӣ дар доираи давлатдориҳои асримиёнагии Тоҳириён (821-873), Саффориён (861-900), Сомониён (819-999), Бувайҳиён (945-1055), Ғазнавиён (977-1186) ва Салҷуқиён (1037-1190) муштаракоти фарҳангие миёни ақвоми минтақа дар шакли ҳувияти муштарак ба вуҷуд омад ва муштаракот дар шароит ва замони нави таърихӣ (манзур садаҳои бист ва бисту як аст) тағйир хурда, даъвиҳоеро дар қолиби миллӣ буруз дод. Бар ин асос, миллиятҳои дар шароити нави таърихӣ қоимшуда, масалан, қазоқ хондани Форобию Хоразмӣ, узбек хондани Мир Алишер Навоӣ, озарбойҷонӣ хондани Ҳаким Низомии Ганҷавӣ аз ҷумлаи талошҳои замони наванд.

Ба ин тартиб, равобити амиқу густурдаи фарҳангии Эрон ва Осиёи Марказӣ, ки реша дар гузаштаи дур ва давраву мароҳили гуногуни таърихӣ дорад, миёни қавму миллиятҳои Эрон ва Осиёи Миёна иртибототи таборию фарҳангӣ ба вуҷуд овардааст. Авлоду аҷдоди ҷавомеъи ҳар ду минтақа (Эрон ва Осиёи Миёна), ки мусалламан, ҳамтабору ҳамхуну ҳамдину ҳамҳувият буда, бар мабнои муштаракоти ҳувиятию забонию фарҳангӣ дар як густураи бузурги ҷуғрофию таърихӣ асрҳои тулонӣ зидагӣ кардаанд (ниг.: Масоили иртибототи фарҳангии Ирону Осиёи Марказӣ дар таҳқиқи кормандони Муассисаи мутолеоти роҳбурдии Шарқ – манбаи интернетӣ: https://www.iess.ir/fa/analysis/2663/;), тайи даврони асримиёнагӣ дар натиҷаи парокандагии қавмҳои ориёӣ, мушкилоти ҳувиятӣ, истибдоди дохилӣ, таассуби динӣ-мазҳабӣ ва тасаллути низомҳои сиёсии ғайрибумӣ аз ҳам ҷудо

шуда, бо чолишҳои ҳувиятию ақидатӣ мувоҷеҳ гардиданд. Қатъи назар аз вуҷуду ҳузури силсиламушкилоту муаммоҳо ва сиёсатҳои истибдодӣ, ки тули асрҳои мутамодӣ ақвоми эронитабори манотиқи бузурги Эрону Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна)-ро ҳамсафар будаву ҳамеша нигаронихоро ба бор меовардааст, равобиту тамосҳои фарҳангӣ миёни табақаҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ, аз ҷумла шоирону нависандагон ва равшангарону тоҷирон вуҷуд доштааст. Бар илова, новобаста ба фишорҳои сахти ақидатию ҳувиятӣ, таҳоҷумоти хориҷӣ ва истибдоди дохилӣ табақоту қишрҳои адабию мадании ин густураи бузурги таърихӣ дар ростои эҳёи фарҳанг ва суннатҳои дерини ниёгон саъю талош карда, барои ҳамзистии фикрию маданӣ ва тавсеъаи фарҳангӣ фазои муносиберо муҳайё намуданд. Ҳатто кашмакашҳои шадиди мазҳабӣ (дар мисоли ихтилофоти шадиди шиию суннӣ) натавонист, роҳи иртибототи маданию фарҳангиро бигирад ва равобитро куллан мутаваққиф созад. Аз ҷумла, тайи таърихи тулонӣ (аз даврони қадимӣ шуруъ карда, то ба даврони асримиёнагӣ ва мароҳили нави таърихӣ) фарҳанги Наврӯз ва маросимоти Наврӯзӣ ба унвони унсури қавии иртибототи иҷтимоию ҳувиятию маданӣ хидмат карда, риштаи васлу пайвандро миёни мардуми Эрон ва Осиёи Марказӣ мустаҳкам намуд. Ҳарчанд ки камрангии иртиботу равобити фарҳангӣ дар асрҳои 15-19 ва ибтидои садаи 20 миёни мардуми манотиқи мавриди назар ба назар мерасад, муколимоту гуфтугӯҳои фарҳангӣ байни қавмҳо, нажодҳо, фарҳангҳо ва забонҳо дар минтақа вазъи куллии маънавиро як дараҷа таъмин менамуд ва самти равобиту иртибототро мушаххас мекард.

Тавре ки мусаллам аст, ки яке аз мушаххасоти пайвандию иртиботӣ ва тамаддунӣ миёни ақвоми минтақа ва густураи таърихии Эрону Мовароуннаҳр ё Осиёи Миёна забон аст. Аз ҷониби дигар, тавассути забону адабиёт иртибототи адабию

маданӣ дар ин густураи таърихӣ таҳаққуқ ёфтааст. Дар зимн, муҳитҳои адабӣ, чи дар асрҳои миёна ва чи дар замони нав пули иртиботию равобити фарҳангӣ миёни ҷомеаҳо будааст. Ин аст, ки дар Мовароуннаҳр ва ба истилоҳ, Осиёи Марказӣ муҳитҳои адабии Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Сурхондарё ва Фарғона фаъол будаанд, ки аз тариқи забони форсии тоҷикӣ матолиби манзуму мансур пахшу нашр карда, ҳалқаи иртиботиро бо ҳамзабонони дигари Осиёи Миёнаӣ таъмин менамудаанд. Илова бар ин, туркони бодиянишин, ки баъдан ба салтанат расиданд, ба забону фарҳанги форсии тоҷикӣ ошнор гардида, суннату ойин ва маданияту сиёсати хешро бо ин забону тамаддун ҷур карданд. Дигар ин ки табодули забонию фарҳангӣ миёни қавмиятҳои эронию туркӣ боиси он гардидааст, ки калимоту вожагони зиёде дар таркиби луғавии забонҳои форсии тоҷикӣ ва туркӣ ҷо гирифтааст. Ҳанӯз аз садаҳои шашуму ҳафтуми мелодӣ таваҷҷуҳи туркону қавмиятҳои туркӣ ба забону фарҳанги эронитаборон афзун мегардад ва бад-ин минвол то асрҳои минбаъда идома ёфта, ҳамзистии тамаддуниро ба вуҷуд меоварад (ниг.: Наврӯзӣ, Ҳусайн. Равобити фарҳангии Ирон ва Осиёи Марказӣ – манбаи интернетӣ: https://ensani.ir/fa/article/79541/-روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی).

Ба ин тартиб, осебшиносӣ, дар маҷмуъ, кӯшиши шинохти мантиқии масъала, мушкилот, муаммо ва уқдаҳои як равобиту тамосу алоқаву иртибот дар замону макони мушаххаси таърихӣ аст. Дар ин замина, осебшиносии равобиту иртибототи фарҳангӣ миёни Эрону Осиёи Марказӣ дар имтидоди асрҳои мутмодӣ мушаххас мекунад, ки равобиту тамосу алоқаву иртибот миёни мардуми манотиқи Эрон ва Осиёи Марказӣ, ки дар шакли истилоҳӣ Мовароуннахр хонда мешавад, одатан дар қолиби муносиботи адабию тиҷоратию хешутаборӣ зуҳур кардааст. Аз тарафи дигар, муштаракоти

хунӣ, таборӣ, ҳувиятӣ, нажодӣ, миллӣ, забонӣ, ақидатӣ, тамаддунӣ ва билохира маданӣ дар шаклгирии ин навъ муносибот нақши асосӣ доштааст.

**Фехристи адабиёт**


1.Агаев А. Социалистическая национальная культура. -Москва, 1974.

2.Балакина Т.И. История культуры Отечества. -Ч. 1. -Москва, 1993.

3. Богомолова Е. Культура и общество: вопросы истории и теории. -Москва, 1978.

4. Головнев А. Сближение национальных культур в процессе коммунистического строительства. -Минск, 1979.

5. Гончаренко Н. Взаимообогащение культур как источник духовного прогресса // Современное славянение культуры. -Киев, 1982.

6. Гумилев Л.Н. Этногенез и биосфера Земли и ее окружение. -Москва, 1989.

7. Джунусов М. Сближение советских национальных культур и развитие общенародного двуязычия // Национальный язык и национальная культура. -Москва, 1978.

8. Злобин Н. Культура и общественный прогресс. -Москва, 1980.

9. Кантор К. Философия и культура в историческом развитии человечества // Вопросы философии. 1983. № 17.

10. Мартынова Н.А. Культурные контакты как один из факторов развития языка и культуры. //Вестник ТГПУ, 2007. Выпуск 2 (65). Серия: Гуманитарные науки (филология).

11. Межуев В. Национальная культура и современная цивилизация. // Освобождение духа. -Москва, 1991.

12. Масоили иртибототи фарҳангии Ирону Осиёи Марказӣ дар таҳқиқи кормандони Муассисаи мутолеоти

роҳбурдии Шарқ – манбаи интернетӣ: https://www.iess.ir/fa/analysis/2663/

13. Мовароуннаҳр ба унвони минтақаи бузурги таърихию фарҳангӣ – манбаи интернетӣ: https://anjomannaghd.ir/ماوراءالنهر-مادر-شهر-فرهنگی-ایران-بزر/

14.Мушкилоти таърихии равобити фарҳангии Ирон ва минтақа – манбаи интернетӣ: https://ensani.ir/fa/article/79541/روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی

16. Наврӯзӣ, Ҳусайн. Мушкилоти таърихии равобити фарҳангии Ирон ва минтақа – манбаи интернетӣ: https://ensani.ir/fa/article/79541/روابط-فرهنگی-ایران-و-آسیای-مرکزی

16. Фредерик, С. Старр. Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг. /Тарҷума аз забони англисӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдусалом Мамадназаров. – Душанбе: “ЭР-граф”. 2016. -692 с.

17. Яршанов В. К вопросу о содержании и форме национальных социалистических культур. //Культура в общественной системе социализма. -Москва, 1984.

## ҲАДАФМАНДӢ ВА ПАЁМИ БЕДОРӢ

**Комил БЕКЗОДА**
*файласуф*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ФАРҲАНГИ ҶАМШЕДӢ

(мулоҳизаҳои куллӣ дар мавзуи идеяи ваҳдати миллӣ ва мафҳумҳои истиқлолият ва дунявият дар Тоҷикистони соҳибистиқлол)

Дар заминаи мавзуи ваҳдати миллӣ ва фарҳанги Ҷамшедӣ чанд андешаро иҷмолан манзур месозем:

**1**. Истиқлол ва дунявият аз нигоҳи фарҳангӣ ба ин маъност, ки мардуми тоҷик дар оянда бояд ба фарҳанги Ҷамшедӣ рӯй оваранд. Чуноне ки Урупоиён дар давраи Ренессанс ба фарҳанги Юнони қадиму Рими қадим рӯй оварда буданд. Ренессанси халқи мо аз андешаҳои Ҷамшедӣ оғоз мегардад, на аз низоми исломӣ ва на аз низоми коммунистӣ.

**2**. Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи Ҷамшедӣ аз нигоҳи устуравӣ ва мифологӣ ҳашт ҳазор соли таърихи халқи моро ташкил медиҳад. Мо баъди 8 ҳазор сол ҳам фарзандони худро Ҷамшед ном мегузорем ва Иди Наврӯзро ҷашн мегирем. Иди Наврӯзе, ки аз ҷониби Ҷамшед ба таври расмӣ иди давлатӣ эълон карда шуда, ҳамзамон фаъолияти руҳониён (котузиён)-ро аз сиёсати дунявии давлати хеш ҷудо карда буд. Идеологияи давлати дунявии Ҷамшед ба фалсафаи воқеъбинона ва реалистии Зарвония такя мекард. Ҳуҷҷати таърихии мо дар ин мавзуъ сарчашмаҳои муътабаре чун Авасто, Ведҳо, Динкард, Яштҳо, Бундаҳишн

ва "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ мебошанд. Миф ё устура, аз нигоҳи муҳаққиқони муосир, ҷавҳари орзу ва омоли ҳар қавму миллатро таҷассум мекунад. Миф кухна шуданӣ нест. Миф амалӣ шуданӣ аст. Чун реша дар ҳаёти моддӣ ва маънавии инсонҳо дорад.

**3**. Истиқлолият ва дунявият аз нигоҳи диншиносӣ ба ин маъност, ки бозгашт ба дини Зардушт, Монӣ ва Маздак барои мардуми мо марҳилаи тайшудаи таърих мебошад. Бозгашти дубора ба ин динҳои миллӣ моро ба бунбаст мебарад. Так ба мафкураҳои бегона низ барои мо зарурияте надорад. Масъалаи эътиқодмандию бовардорӣ дар кишвари мо озод аст ва ҳар шаҳрванд, дар доираи қонун ба кадом бовару эътиқоде, ки майл дорад, мегаравад ва маросимҳои динии худро амалӣ менамояд. Ин аст, ки эътиқоду бовармандӣ дар давлати дунявӣ кори шахсӣ ва хусусии ҳар як шаҳрванд маҳсуб меёбад. Ҳар инсоне дар интихоби дин озод аст. Касе ҳақ надорад, ки ин ё он ақида ва динро ба таври маҷбурӣ ба гардани дигаре бор кунад. Дахолат кардан ба корҳои динии шаҳрвандон ҷавобгарии ҷиноиро дар пай дорад. Зеро дин аз давлат ҷудост. Ва шаҳрвандон масъулиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва давлатиро бар ухда доранд. Дахолати фарди диндор низ ба қонуну қоидаҳои давлати дунявӣ, ки аз тарафи аксарияти кулли ҷомеа қабул карда шудаанд ва дар Конститутсия сабт гардидаанд, қобили қабул нест. Ин як навъ муқобилгузории андеша ва эътиқоди шахсии як фард дар баробари қонунҳои кулли ҷомеа мебошад. Қонунҳои давлатро аксарияти ҷомеаи имрӯза тасдиқ намудаанд, бинобар ин, дар авлавияти умури низоми давлатдории дунявӣ, пеш аз ҳама, озодиҳои инсонӣ қарор доранд. Инсон, дар низоми давлатдории дунявӣ тавассути ақлу мантиқ ва огоҳию шинохт тасмим мегирад ва фаъолияти

худро бар асоси озодиҳои дар Конститутсия пешбинишуда ба роҳ мемонад.

**4**. Истиқлол ва дунявият аз назари сиёсӣ чунин маънӣ доранд, ки мардуми тоҷик дар таърихи тулонии худ аввалин бор давлати миллӣ ва мустақили худро соҳиб гардидааст. Аз байни сохтҳои гуногуни сиёсӣ иродаи ин мардум ба сӯи давлати дунявӣ ҷалб гардид. Чаро ки асрҳои тулонӣ чандин сохтҳои сиёсиро таҷриба карда буд. Охирин сохти сиёсии таҷрибашуда Бухорои амирсолорӣ ва низоми коммунистии Шуравӣ буд. Ин ду сохт чизи ҷолибе аз худ боқӣ нагузоштанд. Ин буд, ки мардуми мо сохти давлати миллии дунявиро интихоб намуд. Дар ин 33 соли истиқлол мушкилоте доштем ва ҳоло ҳам дорем. Бо вуҷуди ин мардуми мо хешро дар низоми демократӣ нисбат ба сохтҳои сиёсии мавҷудаи қаблӣ роҳаттар ва озодатар эҳсос мекунанд. Мо бар ин боварем, ки маҳз ҳамин сохти имрӯзаи давлати миллӣ ва дунявии мо барои амалӣ шудани ормонҳои таърихӣ ва имрӯзаи мардуми мо созгортар аст. Давлати дунявие, ки 8000 (ҳашт ҳазор) сол пеш Ҷамшеди Пешдодӣ асос гузошт, мо имрӯз онро аз нав эҳё намудаем. Сулолаи шоҳони Пешдодӣ, ки Ҷамшед ҳам яке аз онҳост, дар таърихи башарият аввалин шуда адолат, дод, адл, ҳуқуқ ва сохти давлати ҳуқуқбунёдро таъсис додаанд. Яке аз рукнҳои асосии сохти сиёсии давлати имрӯзаи мо низ ҳуқуқбунёдӣ аст. Мо ин хушбахтиро дорем, ки дар замони ҳозир устураи миллии мо доир ба адолати иҷтимоӣ (Адолати Ҷамшедӣ) бо адолати давлати соҳибистиқлоли миллӣ ва дунявӣ ба ҳам пайвастаанд. Мо устураро ба воқеият табдил додем.

**5**. Мо бар ин назарем, ки ояндаи Тоҷикистон иборат аз сохти демократӣ ва дунявӣ мебошад. Бозгашт ба сохтҳои қаблии санҷидашуда ба ормонҳои бостонӣ ва манофеи миллии мо созгор нест. Ин нуқтаназарро хеле роҳату осон

метавон дар тарозуи ақлу дониши илмӣ ва қиёси мантиқӣ санҷиду таҷриба кард. Аз тарафи дигар, Тоҷикистон сохтҳои сиёсию иҷтимоиро дар гузаштаи худ таҷриба карда, ба натиҷаи дилхоҳе нарасид. Дар сию чанд соли охир, ки аз низоми демократӣ ва дунявӣ пайгирӣ мекунад, уфуқҳои наверо дар ҳаёти иҷтимоии худ кашф кардааст.

**Хулоса,** истиқлол ва дунявият маънои низоми демократӣ ва дунявии Тоҷикистонро ифода мекунад. Ин мафҳумҳои калидӣ зиёда аз 33 сол боз идеяи ваҳдати миллии моро дар худ таҷассум намудаанд.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

## ФИРДАВСӢ – ШОИРИ ПАЁМРАСОН

Ба номи накӯ гар бимирам, равост,
Маро ном бояд, ки тан маргрост.
Фирдавсӣ

«Агар мо бихоҳем, ки ҷовидон дар ин сарзамин руҳи Фирдавсиро зиндаву покиза нигаҳ дорем ва худро вориси воқеии ӯ бидонем, бояд ҳамаи андарзҳои ӯро ҳифз намуда, тибқи онҳо амал бикунем, баҳри оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ба ҷон бикӯшем», 1 – мегӯяд Президенти кишвар – Эмомалӣ Раҳмон. Ва ба қавли Ризошоҳ Паҳлавӣ, «эй кош, ҳазорҳо аз қабили Фирдавсӣ дар ин мамлакат пайдо мешуданд, имону ишқ ба ватанро дар мардуми ин мамлакат дар тули аъсору қурун эҷод мекарданд ва чун мамлакати мо ба хотири ҳамин ашъору ривоёту достонҳои таърихӣ зинда аст ва мардум бо шунидани онҳо ба ваҷду сурур дармеоянд ва худро ба аҷнабӣ намефурушанд ва миллияти худро аз ёд намебаранд».2 Воқеан, Ризошоҳ ин абёти Фирдавсиро ҳамвора ва ба таваҷҷуҳи хос гӯш мекардааст:

Чу Эрон набошад, тани ман мабод,
Бад – ин буму бар зинда як тан мабод!
***
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.3

Мусаллам аст, ки Фирдавсӣ шоири паёмрасон аст. Лиҳозо, мо дар «Шоҳнома» ба паёмҳои гуногуни ӯ рӯ ба рӯ мешавем. Ба қавли худи шоир:

Ҳам аз оштӣ рондаму ҳам зи ҷанг,
Сухан гуфтам аз ҳар даре ранг – ранг.4

Дар ҳақиқат, Фирдавсӣ ҳазорон мавзӯъро дар «Шоҳнома» ҷой додааст. Бино бар ин, Файёзи Хуҷандӣ мегӯяд:

Зи «Шаҳнома» он кас, ки дорад хабар,
Бубинад дар он ҷо ҳазорон ҳунар.5

Аммо нахустин паёми Фирдавсӣ аз хирад аст, яъне беҳтарин неъмате, ки Худованд ба инсон арзонӣ доштааст ва раҳнамои ӯ дар ин сарою он сарой аст. Ба андешаи ӯ:

Хирад раҳнамою хирад дилкушой
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.6

Воқеан, «Шоҳнома» бо васфи хирад шурӯъ мешавад:

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К – аз ин бартар андеша барнагзарад.7

Агар мо хирадномаҳои Фирдавсиро дар як ҷо ҷамъ оварем, афзун аз як ҷилд мешавад, аммо мо дар ин мавқеъ бо овардани як намуна иктифо менамоем:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.8

Албатта, васфи хирад дар илму адабу фарҳанги мо суннати дерина дорад. Мо ин мавзӯъро дар осори паҳлавӣ, ба вижа «Пандномаи Бузургмеҳр», «Пандномаи Анӯшервон», «Андарзи Хусрави Қубодон», «Аҳди Ардашери Бобакон», «Минуи хирад» ва ғайра, боздид менамоем. Аммо авҷи хирадситоиро мо дар «Шоҳнома» мебинем. Он хирадномаҳо имрӯз барои сохтани як ҷомаи хирадсолор бароямон маводи фаровон медиҳанд. Бино бар ин, мутолиаи «Шоҳнома», ҳифзи

хирадномаҳои Фирдавсӣ ва дар амал тадбиқ кардани онҳо вазифаи ҷонии мо, ба вижа ҷавонон ва дастури зиндагии эшон, маҳсуб мешавад. Беҳуда Фирдавсӣ нагуфтааст:

Ҳамеша хирадро ту дастур дор,
Бад – ӯ ҷонат аз носазо дур дор!9

Аммо, хирад аз таҷрибаи зиндагӣ ба камол мерасад. Ба гуфтаи шоир:

Ақл комил мешавад аз гарму сарди рӯзгор,
Обу оташ мекунад соҳиббуриш шамшерро.10

Дигар, маҳз ақлу хирад нафси саркашро мусаххар ва мутеъ месозад ва зиндагии инсонро сару сомон мебахшад:

Нафси саркашро мусаххар ақли пуртадбир кард,
Саг чу шуд девона, ӯро метавон занҷир кард.11

Пас аз хирад мо мерасем ба дониш, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» тараннум кардааст. Дар ин замина ӯ идомадиҳанда ва ба авҷрасонандаи ин мавзӯъ дар осори Рӯдакӣ, Абӯшакур ва дигар шоирони пеш аз худ мебошад. Рӯдакӣ гӯяд:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.12

Абӯшакуррост:

Биёмӯз, то зиндаӣ, рӯзу шаб,
Чунин гуфт доно, ки бикшод лаб.13

Аммо авҷи донишситоиро мо дар ин байти машҳури Фирдавсӣ пайдо менамоем, ки ҷанбаи фалсафӣ пайдо кардааст:

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.14

Аз ин хотир, аҳли қалам бедониширо, ки ҷаҳл аст, бадбахтӣ эҷод менамояд ва нокомӣ ба бор меорад, дар осорашон маҳкум кардаанд. Эроншоҳи Абулхайр, ки яке аз пайравони муваффақи Фирдавсист, дар «Баҳманнома», ки дар пайравии

«Шоҳнома» навиштааст, нодониро сабаби ба осонӣ гӯл задани инсон медонад:

Накӯ гуфт дастури бо фарру зеб,
Ки нодон сабуктар пазирад фиреб.15
Носири Хусраврост:
Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон,
Ки бедониш бувад ҷовид ҳайрон.16

Мисолҳои дигар аз осори адибон, ки аз паёми Фирдавсӣ моя мегиранд:

Ҳеҷ нисбат вароидониш нест,
Дониш омӯз, то касе бошӣ.17
Адиб Собир

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо ки равӣ азизу маҳрам бошӣ.
Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,
То тоҷи наберагони Одам бошӣ.18
Мавлавӣ

Аз шукуҳи подшоҳӣ ҳурмати илм аст беш,
Он ки мири корвон бошад, мутеи раҳбар аст.19
Калим

Баъди хираду дониш мо дар «Шоҳнома» ба васфи сухан ва суханварӣ рӯ ба рӯ мешавем, зеро сухан ҷон аст, аслиҳаи набард аст, мекушад, зинда мекунад, яъне чун шамшер аст. Лиҳозо, дар сухан гуфтан бояд эҳтиёт кард, аз неку бади он андеша намуд. Ба қавли Фирдавсӣ:

Пажӯҳиш намою битарс аз камин,
Сухан ҳар чӣ бошад, ба жарфӣ бубин.20

Зеро:

Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.21
Абушакур

Оламеро як сухан вайрон кунад,

Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.22

Мавлавӣ

Дар мақоме ки кунад рӯи киноят ба аду
Зарби шамшер надорад асари зарби масал.23

Урфӣ

Салим, аҳли суханро безабонӣ айб мебошад,
Ки воҷибтар зи ҳар чиз аст шамшере сипоҳиро.24

Салими Теҳронӣ

Аммо асоси «Шоҳнома» – ро паёми ватандӯстӣ ташкил медиҳад. Воқеан, ин абёти Фирдавсӣ ба масобаи гимн дар ин асар садо медиҳад. Бино бар ин, зиёда аз 1000 сол аст, ки дар фазои зиндагии мо танинандоз аст. Ба мо, ба вижа ҷавонон, ҷасорат, далерӣ, меҳандӯстӣ, садоқат, силаҳшурӣ, пайкорҷӯӣ, родмардӣ, паҳлавонӣ, қаҳрамонӣ меомӯзад:

Нигаҳ кун бад – ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.25

Ногуфта намонад, ки аз ин абёти ватандӯстонаи Фирдавсӣ адибони мо дар тули таърих илҳом гирифта, осори зиёди пурарзиши ватандӯстона эҷод кардаанд ва бад – ин тартиб дар парвариши руҳи ватандӯстии ҳаммиллатонамон саҳми бориз гирифтаанд. Хусусан, дар асри гузашта шоирони мо ашъори зиёде дар ин замина эҷод намудаанд, ки мутолиаи онҳо ҳамон шеъри болои Фирдавсиро фарёди мо меоранд:

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.
Ватанро бинозам маро дар канор,
Чу модар гирфту намуд бахтёр.
Ватан ҷони ман ҳам ҷаҳони ман аст,

Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.
Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,
Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунем.26

Ҳабиб Юсуфӣ

Танида ёди ту дар тору пудам, Меҳан, эй Меҳан,
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, Меҳан, эй Меҳан.
Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ ба ҳар мотам,
Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам, Меҳан, эй Меҳан.
Агар мастам, агар ҳушёр, агар хобам, агар бедор,
Ба сӯи ту бувад рӯи суҷудам, Меҳан, эй Меҳан.
Ба дашти дил гиёҳе ҷуз гули рӯят намерӯяд,
Ман ин зебозаминро озмудам, Меҳан, эй Меҳан.27

*Лоҳутӣ*

Ҳар киро меҳри Ватан дар дил набошад кофар аст,
Маънии ҳуббулватан фармудаи пайғамбар аст.
Гар бибояд мурд, боре хезу дар майдон бимур,
Марг дар майдон беҳ аз марге, ки андар бистар аст.28

Маликушшуаро Баҳор

Ба гунае, ки боздид менамоем, ҳамаи ин ашъор як навъ такрори сухани Фирдавсӣ аст дар замони нав ва ба тарзи дигар, аммо мақсад як аст, васфи Ватан, тарғиби ватандӯстӣ, парвариши ишқи ватан ва ҷони худро дар роҳи ҳифзи он дареғ надоштан… Мисолҳои дигар аз Фирдавсӣ дар ҳамин мавзӯъ:

Бигӯяш, ки дар ҷанг мурдан ба ном
Беҳ аз зинда, душман ба – ӯ шодком.29

***

Маро марг беҳтар аз ин зиндагӣ,
Ки солор бошам, кунам бандагӣ.30

***

Ба Эрон туро зиндагонӣ бас аст,
Ки тоҷу нигин баҳри дигар кас аст.31

***

Чу Эрон набошад тани ман мабод,
Бад – ин буму бар зинда як тан мабод.32

Тавре ки дар боло гуфтем, «Шоҳнома» мавзуъҳои гуногунро фаро мегирад ва Фирдавсӣ дар он паёмҳои мухталиф ба инсонҳо, хусусан ҳамватанони худ, медиҳад. Аз сулҳу оштию адлу инсоф сар карда, то ба озор нарасондан ба мӯри донакаш:

Маро оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг,
Набояд гирифтан чунин кор танг.33

***

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст.34

Возеҳ аст, ки Фирдавсӣ як шоири шуубист ва ба бадхоҳони миллат, душманони Эронзамин нафрат дорад. Лиҳозо, ӯ дар «Шоҳнома» бо сароҳат чунин эълом менамояд:

Зи шири шутур хурдану сусмор
Арабро ба ҷое расидаст кор
Ки тахти Каёнро кунад орзу,
Туфу бар ту, эй чархи гардон, туфу!35

Зимнан бояд гуфт, ки Фирдавсиро аҳли илму адаб дар дарозои таърих фаровон сутудаанд ва ҷойгоҳашро баланду рафеъю дастнорас ба қалам додаанд. Намунаҳои зер андаке аз бисёранд:

Офарин бар равони Фирдавсӣ,
Он ҳумоюннажоди Фархунда.
Ӯ на устод буду мо шогирд,
Ӯ худованд буду мо банда.36

Анварии Абевардӣ

Сиккае, к – андар сухан Фирдавсии Тӯсӣ нишонд,
Лоҷарам, гар ҳеҷ кас аз зумраи фурсӣ нишонд.
Аввал аз боли курсӣ бар замин омад сухан,

Ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд.37

Ибни Ямин

Аммо, ба қавли устод Айнӣ, касе мисли худи ӯ натавонистааст «Шоҳнома» – ро васф намояд. Дар ин замина фахрияи ӯ дар шеъру адаби мо беназир аст:

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.
Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Бад – ин нома бас умрҳо бигзарад,
Бихонад, ҳар он кас, ки дорад хирад.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро пароккандаам.
Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,
Пас аз марг бар ман кунад офарин.38

Бино бар ин, мо бояд имрӯз беш аз ҳар вақти дигар рӯ ба «Шоҳнома» биёрем, шоҳномахонӣ кунем, зеро «Шоҳнома» ёдгори беназир, бегазанд ва ҷовидонии миллати тоҷик аст. Фирдавсӣ шоири беҳамто ва нобиғаи адабиёти мост. Ӯ шоири ҳувиятсоз, ифтихорофарин, зиндакунандаи Аҷам ва аҳли он аст. Ӯ худ бад – ин маънӣ гуфта:

Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад – ин порсӣ.39

Инро ҳам бояд донист, ки мо баъд аз 1000 сол орзуҳои Фирдавсиро дар як гӯшаи Эронзамин – Тоҷикистон ҷомаи амал пӯшондем. Аз ин хотир, мо бояд аз миллати худ, кишвари хеш дифоъ бинамоем, онро дӯст дорем, худшиносу худогоҳ бошем, дасти бадхоҳонро аз ватанамон кӯтоҳ намоем. Тавре ки шоир ҳазор сол қабл ба мо дастур додаву васият карда буд:

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.40

***

Набошад ҳаме неку бад пойдор
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.41

Аз ин лиҳоз, мо, пеш аз ҳама, бояд худи «Шоҳнома» – ро бихонем, баъдан, тадқиқотҳоеро, ки дар кишвар ва хориҷ аз он дар бораи он кардаанд, ба даст оварем, биёмӯзем, то битавонем ба дигарон биёмӯзонем. Дар он сурат мо қарзи фарзандии худро дар пеши ин хуршедсавори сухан ва қаламкаши бузург ба ҷо меорем. Аммо мо бояд аз «Шоҳнома» афкореро биҷӯем ва корбаст намоем, ки мутараққӣ бошанд, ба дарди имрӯзи мо ва кишварамон бихуранд. Шоир беҳуда ба мо дастур надодааст:

Қиссаи Заҳҳок, ҳамэдун, бихон,
Номаи Ҷамшеду Фаридун бихон!
Неку бад аз дафтари эшон биҷӯй,
Нек ба хотир куну бадро бишӯй!42

Ва:

Ҳар он кас, ки шаҳномахонӣ кунад,
Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.43

Лозим ба ёдварист, ки миллати мо танҳо дар асри гузашта шоирони миллии худ, аз ҷумла Фирдавсиро шинохт, зеро баъди фурӯпошии давлати миллии Сомониён шоирони миллиамон дар мактабу мадрасаҳо омӯхта намешуд. Шоҳону амирони бегона, шоирони маддоҳ фирдавсисезӣ мекарданд, монеи хондани осораш мешуданд. Аввалин касе, ки бунёди шоҳномаситезиро гузошт, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд. Ӯ баъд аз хондани «Шоҳнома», ки ғояи он дар муқобили сиёсати ӯ буд, гуфт: «Ҳамаи «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст». Дар ҳамин замон буд, ки асарҳое чун «Маҳмуднома», «Тоҷулфутуҳ», «Давлатнома», «Умарнома» навиштанд, то мардум «Шоҳнома» нахонанд. Аммо, баръакс, мардум

«Шоҳнома» мехонданд, ҳатто султонҳои Салҷуқӣ дар майдон разм байтҳои «Шоҳнома» – ро мехонданд ва ҷон ба ҷонофарин медоданд… Аммо, ба ҳар ҳол, Фирдавсӣ маҳз дар асри гузашта зинда шуд. Номаш вирди забон гардид, осораш ба барномаҳо ворид шуд. Ба қавли устод Турсунзода:

Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,
Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун.44

Ниҳоят, маҳз ба шарофати истиқлол ва дастури Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба олимон супориш дода шуд, ки матни «Шоҳнома» – ро омодаю чоп намоянд ва ройгон дар дастраси мардум қарор бидиҳанд. Ин бузургтарин рухдод барои миллати мо маҳсуб мешавад, зеро дар таърихи мавҷудияти миллати мо бори аввал «Шоҳнома» ба ҳар хонадон тақдим мегардад. Лиҳозо, мо ҳақ дорем, ки аз забони шоир ба зодгоҳи Фирдавсӣ, ба Тӯс паём бифиристем ва бо сари баланд бигӯем, ки, эй пайғамбари сухан, Фирдавсии сеҳрофарин, орзуҳоят маҳз дар кишвари мо баъд аз 1000 сол бароварда шуд, руҳи миллӣ ғалаба намуд, адолат тантана кард ва дар фазои зиндагиамон танинандоз гардид:

Аё бод, бигзар суви хоки Тус,
Пур аз нофа кун мағзи ҷонро зи бӯс.
Ба Фирдавсӣ аз ман расон ин паём,
Ки имрӯз гетӣ туро шуд ба ком.
Ба боғат пас аз ҳазору нуҳсаду анд сол
Баромад гулу борвар шуд ниҳол…45

## Пайнавиштҳо

1. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. –Душанбе: Эр – грф, 2016. –С. 232.

2. Ризошоҳ Паҳлавӣ. «Аз Олшутур то Олошт». –Ниёи Ризошоҳ. –Теҳрон, 1385. –С.667.

3. Ҳамон ҷо. –С.661.

4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.4. –Душанбе: Адиб, 1988. –С.181.

5. Файёзи Хуҷандӣ. Ашъори мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1984. –С.27.

6. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.1. –Душанбе: Адиб, 1987. –С.13.

7. Ҳамон ҷо. –С.25.

8. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». –Душанбе: Адиб, 1990. –С.13.

9. Ҳамон ҷо. –С.14.

10. Соиб. Мунтахабот. – Душанбе: Ирфон, 1980. – С.102.

11. Миробид Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1977. –С.266.

12. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. –Душанбе: Адиб, 2007. –С.329.

13. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. –Душанбе: Адиб, 2007. –С.156.

14. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.1. – С.26.

15. Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ шоири паёмрасон. –Душанбе, 2022. –С.40.

16. Носири Хусрав. Куллиёт. Девони ашъор. –Душанбе: Эр – граф, 2003. –С.842.

17. Адиб Собири Тирмизӣ. Осори мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1981. –С.333.

18. Гулшани адаб. –Ҷ.2. –Душанбе: Ирфон, 1975. –С.85.

19. Калими Кошонӣ. Гули хуршед. –Душанбе: Ирфон, 1985. –С.237.

20. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.1. –С.205.

21. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. –С.152.

22. Маснавии маънавӣ. –Теҳрон: Нашри замон, 2001. –С.56.

23. Куллиёти Урфии Шерозӣ. –Ҷ.2. –Теҳрон, 1378. –С.226.

24. Девони комили Салими Муҳаммадқулии Теҳронӣ. –Теҳрон, 1349. –С.19.

25. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». –С.60.

26. Ҳабиб Юсуфӣ. Сатрҳои нотамом. Китоби 1. –Душанбе: Адиб, 1987. –С.18.

27. Абулқосим Лоҳутӣ. Ашъори мунтахаб. –Душанбе: Ирфон, 1984. –С.56.

28. Гузинаи ашъори Баҳор. –Теҳрон, 1370. –С.49 – 50.

29. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.9. –Душанбе: Адиб, 1991. –С.433.

30. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.5. –Душанбе: Адиб, 1989. –С.25.

31. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.9. –С.427.

32. Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ шоири паёмрасон. –Душанбе, 2022. –С.209.

33. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». –С.78.

34. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.1. –С.165.

35. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.9. –С.428.

36. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». –С.4.

37. Гулшани адаб. –Ҷ.2. –Душанбе: Ирфон, 1975. –С.339.

38. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.1. –С.5.

39. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». –С.205.

40. Ҳамон ҷо. –С.72.

41. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. –Ҷ.3. –Душанбе: Ирфон, 1973. –С.302.

42.Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ шоири паёмрасон. –С.164.

43. Дурдонаҳои наср. –Ҷ.1. –Душанбе: Ирфон, 1987. –С165.

44. Мирзо Турсунзода. Шеърҳо. –Ҷ.1. –Душанбе: Ирфон, 1981. –С.190.

45. Мирзо Муллоаҳмадов. Лирикаи Адибулмамолики Амирӣ. –Душанбе: Дониш, 1985. –С.122.

**Шодимуҳаммад СУФИЗОДА**
*адабиётшинос*

# АДАБИЁТ – ВИҶДОНИ БЕДОРИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Истиқлоли давлатӣ ҳамчун оғози марҳалаи нави ташаккули миллати тоҷик муҳаққиқону мутахассисони соҳаи илму фарҳангро водор менамояд, ки арзишҳову суннатҳои миллиро ҳифз намуда, дар роҳи эъмори ҷомеаи пешрафтаи дунявӣ тамоми талошу кӯшиши худро садоқатмандона сарф намоянд. Барои устувор кардани пояҳои давлати миллӣ бояд аз мероси гузашта ва имрӯзаи фарҳанги пурбору куҳани тоҷикон ончунон кор гирифт, ки андешаи ваҳдати миллӣ, муҳаббат ба Ватан, ҳифзи дастовардҳои истиқлол, ваҳдату худшиносии миллӣ дар саросари ҷомеа таъмин гардад. Ба таъбири Пешвои муаззами миллат, «ин рисолати бузурги ҳамаи афроди бедори Ватан ва қабл аз ҳама, зиёиёни кишвари азизамон мебошад. Аз ин рӯ, зиёиёни моро зарур аст, ки пайваста дар сафи пеши созандагӣ, эҳёи арзишҳои милливу инсонӣ ва густариши илму маърифат қарор дошта бошанд. Зиёиёни мо бояд ифтихор намоянд, ки замона ба дӯши онҳо вазифаи боифтихори ташаккул ва рушд додани афкори ҷомеаро гузоштааст» [4].

Мафҳуми «адабиёт» ба ҳама осори навишташуда гуфта мешавад – аз матнҳои адабӣ то асарҳои илмии техникию табиатшиносӣ ва улуми ҷамъиятшиносӣ. Аммо ин истилоҳ маъмулан дар робита ба асарҳои бадеии манзум ва мансур, драма, очерк ва анвои дигари мутун, ки натиҷаи тахайюли бадеӣ ва оганда аз забони ҳунариянд, ба кор бурда мешавад. Ҳар асаре, ки дар он баёноти эҳсосӣ дар бофтаҳои бадеӣ

бартарӣ дорад, моли адабиёт аст. Сарчашмаи адабиёт зиндагист, аз воқеият ва ҳастӣ илҳому ғизо мегирад ва достони зиндагиро тасвир мекунад. Майдони таҷаллии адабиёт ҳаёти ҷомеа, урфу одатҳо, фарҳанг, муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамаи он чиро, ки ба ҳастии инсон пайванд мехӯрад, фаро мегирад. Адабиёт ҳамчун оинаи тамомнамои воқеият ва бозтобдиҳандаи ҳодисаҳоест, ки дар дохили ҷомеа рух медиҳанд. Зуҳури ҳар асари адабӣ тасодуфӣ нест, ба замони худ пайванди мустақим дорад.

Пайваста ошӯбзадаву бурҳонӣ шудани муҳити сиёсию иҷтимоии сайёра ва бархӯрди харобиовари арзишҳои фарҳангӣ тақозо мекунанд, ки битавонем бо роҳи омӯзиши амиқи мероси адабию фарҳангии гузаштаву имрӯза ҳама гуна эҳтимолоти зиёну зарар ва хавфу хатару таҳдидҳоеро, ки боиси изтиробу ноороми ҷомеа мешаванд, ба осонӣ бартараф бикунем.

Адабиёт бо ҷомеа ҳамеша дар робитаи наздику устувор будааст. Адиб як мавҷуди иҷтимоист, ки дар ҷомеа тарбияву таълим гирифта, бузург шудааст ва дар осори ӯ воқеаҳои рӯзгор рангу бӯйи хос дорад. Пайванди адабиёт бо ҷомеа чунин маъно дорад, ки аз як сӯ, ҳаёти воқеии ҷомеа адабиётро ба вуҷуд меоварад ва аз сӯйи дигар, адабиёт ба зиндагию ҷаҳонбинии афроди ҷомеа таъсир мерасонад, зеро ҷаҳонбинии адиб ва афкори ӯ мутобиқ ба муҳит ва ҳолоти ҷомеа шакл мегирад ва дар сурати ҳунарӣ дар осори ӯ бозтоб меёбад.

Адабиёти беш аз панҷҳазорсолаи мо ҳамвора ҳамчун виҷдони бедори худшиносии миллию фарҳангии мо будааст. Дар ҷаҳонбинии тоҷикон адабиёт, бавежа шеър, ҳамеша аз густараи зебоишиносии хеш берун рафта, ҳамаи соҳаҳои зиндагиро фаро гирифтааст. Шеъри порсии тоҷикӣ дорои донишҳои фалсафӣ, асотирӣ, таърихӣ, сиёсӣ, ҳунарӣ ва

ирфонист. Ҳамин пурбории адабиёти порсии тоҷикист, ки таърихи пурифтихори гузаштаи моро ба ояндагон интиқол додааст. Аз ин рӯ, адабиёт авроқе хомӯшу беҷони иборат аз каломи бадеъ нест. Ҳар саҳифаи он саршор аз шинохти хосу зебоишиносона ва донишҳоест, ки аз қалби ҳассосу чашми нозукбину андешаи латифу зарифи суханвар берун омадааст. Адабиёт инъикос-кунандаи фарозу нишебҳои иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, бозтобкунандаи бовар ва расму оини мардумони он дар давраҳои гуногун будааст. Авзои иҷтимоии ҳар марҳалаи таърихиро дар адабиёти он давра метавон омӯхт.

Инсон ҳамвора пеши худ суол мегузошт: Зиндагӣ чӣ маъно дорад? Ман барои чӣ зода шудаам? Ишқ чист? Мақсад аз офариниши чист? Ва суолҳои бешумори дигар. Агар ба замони пайдо шудани ин гуна пурсишҳо дар таърихи башарият нигоҳе иҷмолӣ афканем, хоҳем дид, ки ниёзҳои отифию маърифатӣ, печидагию душвориҳо ва хастагиҳову хостаҳои равонии инсон онҳоро ба вуҷуд овардааст. Адибони барҷастае чун Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Умари Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Уилям Шекспир, Виктор Ҳюго, Лев Толстой, Фёдор Достоевский, Габриэл Маркес ва даҳҳо адиби дигар заҳамоти зиёде кашиданд, то аз умқи андешаву эҳсосот ва нохудогоҳи инсон арзишҳои бунёдиеро кашф намуда, тавассути он ба бисёре аз суолоти мушкилоти муҳимми аҳли башар посух гӯянд. Адиб ва суханвар дар натиҷаи ба тасвири бадеӣ кашидани саргузашту рӯзгори инсонҳо ба гӯшаҳое аз ҷаҳони ботинии онон даст меёфт, ки ҳатто улуми инсоншиносӣ ба дарёфти он муваффақ нашудааст. Кашфиёте, ки Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ», Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон», У. Шекспир дар «Ҳамлет» ва «Шоҳ Лир», Ф. Достоевский дар романҳои «Бародорон Карамазовҳо», «Аблаҳ», Лев Толстой

дар ««Анна Каренина», «Ҷангу сулҳ», Содиқи Ҳидоят дар «Буфи кӯр», устод Айнӣ дар «Марги судхӯр», «Одина», «Ёддоштҳо», Эрнест Ҳемингвей дар «Мӯйсафед ва баҳр» ва даҳҳо суханвари дигар заҳамоти зиёде кашиданд ганҷинаи бебаҳои маънавии аҳли башар аст. Аз ин рӯ, бо қотеият метавон гуфт, ки осори адабӣ васила ва сомонаи гаронмояву нафисест, ки дар тамоми тули таърих ба ҷамъияти башарӣ хидматҳои беназире кардааст. Бавежа дар замони муосир таҷрибаҳои андӯхтаи суханварон аз анъанаҳои адабии пешин, такомули равандҳои адабӣ, густариши зарфиятҳои забонӣ ва жарфоиши андешаи инсони муосир адабиётро ба дигаргуниҳои моҳиятӣ дучор кардааст. Хонандаи муосир, бо вуҷуди саргармиҳову сардаргумиҳои рӯзгор ҳанӯз ишқу алоқа ба адабиёт дорад, ҳамвора дасти ниёзу иштиёқ ҷониби он дароз мекунад ва ба умеди хондани осоре ҳаст, ки машъалу роҳнамои фурӯзон ва ёру ёвари некуи ӯ дар роҳи пурпечутобу камошнои замони пасомодерн бошад.

Адабиёти бадеӣ беҳтарин ва таъсирбахштарин маҷмуаест, ки метавонад таърихи пурмоҷарои миллатро бо тамоми пирӯзиҳову нокомиҳо ва ситаму озорҳое, ки дар тӯли таърихи хеш кашидааст, таҷассум карда, арзиши воқеии истиқлол ва ҳувияти миллии имрӯзаи кишварро ба тасвири бадеӣ бикашад ва ба ин васила дар қалбу андешаи ҳар фарди ин зодбуми куҳан оташи ишқу алоқаро ба бунёдитарин арзишҳои муқаддаси ватандорӣ барафрӯзад.

Дар замони муосир, махсусан, дар шароите, ки бархӯрди арзишҳои гуногуни фарҳангӣ торафт шиддат мегирад, шоиста нест, ки мо мазмуни асосии адабиётро, ки инсон аст, нодида бигирем, зеро танҳо ҷаҳони густардаву пуртазоди инсони муосир аст, ки сатҳи ҷаҳонбинии адиб ва тавоноиҳои халлоқияти ҳунарии ӯро месанҷад. Адиб чӣ гуна воқеияти имрӯзро ҳунармандона тасвир кунад, ки ба завқу дарки

хонанда мувофиқ бошад? Зиндагӣ комилан дигар шудааст, сабки шеваи зистан тағйир пазируфтааст. Мантиқан ин дигаргунӣ сабку шеваи ҷадиди шоирӣ ва ҳикоят карданро бояд дигар бикунад. Оё адиби имрӯзаи тоҷик дигар шудааст ё ҳамон «Аҳмади порина» аст? То чӣ андоза нубуғи табиии суханвар, ки дар мактаби адабии пешиниёни хеш ҳунари сухангустарияш сайқал хӯрдааст, ӯро ба сӯйи навпардозию тозаҷӯӣ савқ медиҳад ва ҷасорат мебахшад, то чаҳордевори баланду мустаҳками суннатҳои адабиро бишканад ва бо диде ва сабке тоза ба ҷаҳони нави инсон ва ҷомеаи ӯ ворид гардад ва онро воқеъбинона, ҳамон гуна ки ҳаст, бозофаринӣ кунад. Дар чунин вазъият аҳли адаб наметавонад тағйиротеро, ки дар арзишҳои инсонӣ, муҳити иҷтимоӣ, робитаи рӯйдодҳо бо замону макон, таҳаввулоту дигаргуниҳо дар адабиёти ҷаҳон, ки амалан пайомад ва инъикоси муносибату вобастагии инсон ва ҷаҳон аст, нодида бигирад.

Агар ба таърихи адабиёти порсии тоҷикӣ аз ибтидо то имрӯз назари гузаро афканем, хоҳем мушоҳида кард, ки дар замони тасаллути саросарии забони арабӣ дар сарзамини мо ба эҷоди ҳамосаи беҳамто – «Шоҳнома» иқдом намудани Абулқосим Фирдавсӣ беҳикмат набудааст. Ин донишномаи тамомнамои корзори боифтихори миллат, аз як тараф, саргузашти пурифтихори тоисломии миллат, расму оину асотир, тасвири фазои иҷтимоию таърихии замон ва аз ҷониби дигар, муҳити отифию ҳассоси ҷомеа, муҳаббат ба меҳан ва забони модарӣ, худшиносии миллӣ, руҳия ва диди зебоишиносонаи онро дар замоне ба намоиш гузошт, ки ҷунбишҳои миллии мардумони Хуросони Бузург бар зидди истилогарон сартосари он марзу бумро фаро гирифта буд. Ҳар саҳифаи он саршор аз шинохти хосу зебоишиносона ва донишҳоест, ки аз қалби ҳассосу чашми нозукбину андешаи латифу зарифи суханвар берун омадааст. Ин гуна маълумотро

аз осори илмӣ, рисолаҳои таърихӣ ё фалсафӣ наметавон пайдо кард. Бозтоби равшани авзои иҷтимоии ҳар давраро дар адабиёти бадеии он давра метавон дарёфт.

Адиб як мавҷуди иҷтимоист, ки таҳти таъсири ҷомеа қарор мегирад ва ин таъсир дар осори ӯ ранг бӯйи хосе дорад. Пайванди адабиёт бо ҷомеа чунин маъно дорад, ки аз як тараф, ҳаёти воқеии ҷомеа адабиётро ба вуҷуд меоварад ва аз ҷониби дигар, адабиёт ба зиндагию ҷаҳонбинии афроди ҷомеа таъсир мерасонад, зеро ҷаҳонбинии адиб ва афкори ӯ мутобиқ ба муҳит ва ҳолоти ҷомеа шакл мегирад ва дар осори ӯ инъикос мешавад.

Аз ин рӯ, адабиёти бадеиро метавон бо риояи усулҳои шинохтгароии адабӣ (Literary Cognitivism) ҳамчун санади илмӣ ва таърихӣ ҳисоб кард. Тапиши қалби ҷомеа дар матни бадеӣ таҷассуми бештар меёбад. Сарфи назар аз он ки матни адабӣ дар чӣ навъу шаклу ҷинси адабие офарида шудааст, дониш, биниш ва бардошти муаллифи онро аз воқеияти рӯзгор инъикос мекунад. Дар ин навъ матн вожагон ончунон аз назари ҳунарӣ ороставу пероста ҳастанд ва дебои зебои ҳунарӣ ба бар кардаанд, ки то ҳамеша дили хонандаро мерабоянду руҳу завқашро шодию оромиш мебахшанд ва ба донишу таҷрибаҳои андӯхтааш чанд баробар меафзоянд.

Адабиёт дар тарбияи инсон, такомули шахсияти вай, шинохти ӯ аз неку бад, сайқал додани завқи зебоишиносии ӯ аҳаммияти вежа дорад. Адабиёт ба шахс имкон медиҳад, ки аз нигоҳи дигар ба ҳақиқати зиндагӣ бинигарад, аз ҷаҳони мутанаввеъи одамон огоҳ гардад, ахлоқро биомӯзад, аз таҷрибаи дигарон баҳра бигирад. Адабиёт дарвозаеро бар рӯйи инсон боз мекунад, ки бо гузаштан аз остонаи он ба ҷаҳоне комилан дигари саршор аз таҷормуби зиндагии дигаргуна ва саргузашти пурмоҷарои инсонҳо ворид шуда, шинохти ӯро аз ҳаёт бештар мекунад.

Адабиёт мактаби бузурги таълиму тарбия аст, инсонро аз падидаҳои зиште мисли хушунат, ифротгарой, душманӣ бо тамаддуни муосир, бегонаситезӣ, ифротгароии динӣ, инсонбадбинӣ ва дигар олудагиҳои фикрӣ бо змедорад. Тухми зиёновари нафрат ва бадбинӣ, азхудбегонагӣ ва тангназариҳои диниро, ки аз тарафи ҳар гуна ҳаракатҳои ба ном «динӣ» ва «мазҳабӣ» ба воситаи шабакаҳои ҷаҳонии таблиғотии гурӯҳҳои исломии ифротгаро дар тафаккури инсонҳо кошта мешавад, метавон аз тариқи бакоргирии дурусти мероси адабӣ дар фаъолиятҳои фарҳангӣ барчид.

Адабиёт ба монанди рӯзгори мо падидаи зиндаву доим дар таҳаввулу ташаккул аст. Аз ин рӯ, он ҳамвора сухани тоза аз рӯзгори рангини мардум мегӯяд. Чун рӯзгорони гузашта бидуни тағйироте бунёдӣ оҳиста-оҳиста ҷараён дошт, адабиёт низ дар қолабҳои суннатии хеш такомул ва ташаккул меёфт. Аммо ҷаҳони имрӯз дигар аст. Технологияҳои муосири пешрафтаи иттилоотӣ, ки қаблан касе тасаввурашро надошт, чунон рангу рӯзгорони моро дигар кардаанд, ки дар як они воҳид садҳо хабару иттилоъ, навоварию навпардозӣ вориди зиндагии ҷомеа мешаванд ва диду дарёфт, шинохту маърифати инсонро вусъате бештар мебахшанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш пайваста таъкид мекунанд, ки «дар баробари ифтихор доштан бо ин мероси пурғановат ба ҳар яки мо зарур аст, ки онро амиқ омӯзем, ҳамаҷониба таҳқиқ кунем ва барои тарбияи ахлоқию фарҳангии наврасону ҷавонон васеъ истифода намоем. Зеро омӯзишу таҳқиқ ва тарғиби эҷодиёти ниёгони некноми мо беҳтарин восита ва пули пайвандкунандаи гузашта бо имрӯз мебошад. Ба имрӯзиён фаҳмонидани моҳияти аслӣ ва арзиши офаридаҳои ҷовидонии гузашта роҳи бисёр муассири ба камол расонидани

насли ояндаи бедору ҳушманд ва худшиносу худогоҳ ба ҳисоб меравад» [6].

Ҳақиқатан, варақ андар варақи осори адабии гузашта ва имрӯзаи мо афкори муфиду судбахше роҷеъ ба ҷанбаҳои фалсафӣ, фарҳангӣ, равонӣ ва иҷтимоии худшиносии миллӣ ва муҳаббат ба Ватан пайваста таъкид шудааст. Метавон гуфт, ки адабиёти порсии тоҷикӣ аз оғози пайдоиш то имрӯз ҳамвора дар тавлид, парвариш ва тақвият бахшидан ба худшиносии миллӣ хидмат кардааст. Аз ин рӯ, адабиётро метавон ҳамчун воситаи асосии таблиғи арзишҳои асили инсонӣ ва абзори муассире барои эҳёи ҳувияти миллӣ истифода бурд, зеро дар он расму ойинҳо, боварҳо, ақидаҳои фалсафию динӣ, андеша ва ғояҳои миллат инъикос ёфтаанд. Омилҳои ташкилкунандаи ҳувияти миллӣ беш аз манобеи дигар дар осори адабӣ инъикос ёфтаанд. Истифодаи чунин мазомин метавонад нақши бузургу таъсирбахшандае дар бедор кардан ва тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ иҷро намояд. Ин бахши муҳимму пурбори фарҳанг макони тавлиди андешаҳои бузургу сутурги суханваронест, ки бо мантиқи қавии баён ва сеҳрофаринию дилнишинии каломи хеш падидаҳои иҷтимоию сиёсии миллатро дар анвоъу қолабҳои гуногуни адабӣ арза доштаанд. Ин шоҳкорҳои ҷаҳонии арзишманд, ки дар жанрҳои ғиноӣ, таълимӣ ва ҳамосӣ офарида шудаанд, дорои матолиб ва мадорики муҳимми ҳувиятсозе мебошанд. Агар дар жанрҳои ғиноӣ ҳувияти «ман»-и фардӣ бозтоб ёбад, дар осори таълимӣ шинохт ва бозсозии ҳувияти иҷтимоии шахс сурат мегирад ва дар осори ҳамосӣ, ки таърихи пурмоҷарои муборизаҳову қаҳрамониҳои миллиро фаро мегирад, муҳаббат ба хоку буми ватан, эҳёи ҳувияти миллию фарҳангӣ инъикос ёфтааст. Ба ин маънӣ «Шоҳнома»-и Фирдавсиро метавон дастур ва роҳнамои асосӣ

барои таҳкими андешаи миллӣ ва густариши афкори фарҳангию иҷтимоӣ ва фалсафию таърихи миллат шумурд.

Бо вуҷуди он ки дар тӯли таърих минтақаҳои мухталифи сарзамини паҳновари мо бо номи Варазрӯдон пайваста таҳти ҳукуматҳои бегона буда, мардумони он равобити хубе бо ҳам надоштанд, ҳамбастагӣ ва ягонагии миллии хешро ба воситаи забони ягонаи тоҷикӣ ва адабиёту фарҳанги ягона ҳифз намуданд. «Ба ин маънӣ, забони давлатӣ, бешубҳа, таҷассумгари таърихи пуршебу фарози халқи куҳанбунёди тоҷик мебошад. Зеро забони ҳар қавму миллати дунё ёдгории маънавиест, ки дар тӯли асрҳо ҳамроҳ бо наслҳои худ аз мушкилоту монеаҳои гуногун гузаштааст» [3]. Танҳо мероси адабӣ ба забони ягона буд, ки сарфи назар аз мансубияти он ба ҳукуматҳои алоҳида, ҳамчун арзишмандтарин мероси адабию миллӣ аз ҷониби тамоми халқияту миллатҳои қаламрави забони порсии тоҷикӣ пазируфта мешуд. Ҳар падида ва навоварие, ки дар заминаи шеъру адаб рух медод, фавран дастраси тамоми қаламрави фарҳанги порсии тоҷикӣ мешуд, ки далели боэътимоду раднопазири ягонагӣ ва ҳувияти миллии халқи тоҷик буд. Бар ин мабнӣ адабиёти форсии тоҷикӣ комилтарин ва дақиқтарин манбаест, ки ҳувияти миллии моро дар худ хеле равшану возеҳ инъикос кардааст. Дар маҷмӯъ, метавон изҳор дошт, ки афкори баландпояву инсондӯстонаи суханварону андешамандони гузашта, ки дар жанрҳои манзуму мансур сабт гардидааст, дар бозшинохти ҳувияти милии мо нақши боризе дорад. Ҳамон тавр, ки С. Ятимов дар мақолаи пурбори хеш таъкид меварзад: «Моҳияти ҳақиқии адабиёт ва фарҳанги асил тараннум ва ҳимояи манфиатҳои миллат аст. Адабиёти тоҷик – дар тӯли асрҳо комилан адабиёти майдони мубориза буд. Ҳатто дар асарҳои лирикии он оҳанги иҷтимоии озодандешӣ, хирадпазирӣ, ақлсолорӣ, хурофотситезӣ, мазаммати шадиди

тавбафармоёни дурӯяи хилватамал бо қотеият садо медод. Хусусияти озодманишии ин адабиёт тавонист принсипи миллии тоҷикиятро дар ниҳоди мардум ҷой кунад, ба воя расонад, ҳифз намояд. Муносибати аслии мардумиро ба тарзи ҷаҳонбиние, ки нафаси андешаро дар қафас ҳам гулӯгир мекунад, муайян кард. Дар гаҳвора нигоҳ доштани девонҳои Ҳофиз, Бедил, »Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун китобҳои муқаддас – умеди нигаҳдорӣ ва тарбияи ҷигарбанди одамӣ, бо тарзи тафаккури озодагӣ, маърифатпарварӣ ва адолатхоҳӣ аз анъанаҳои воқеии иҷтимоии ин адабиёт буд» [7, 23].

Дар байни ин аҷноси адабӣ ҳамоса ҷойгоҳи хосе дорад. Ҳамоса сурудаест, ки дар худ рӯҳ ва андеша, орзу ву ормонҳои миллии халқро инъикос мекунад. Дар ин гуна осор таърихи куҳани қаҳрамониҳову фидокориҳои миллат барои марзу буми хеш ҷомаи бадеӣ ба бар карда, падидаҳои ахлоқии низоми иҷтимоӣ, ҳаёти сиёсӣ ва дидгоҳҳои фалсафию эътиқодии гузаштагонро инъикос кардааст. Аз ин рӯ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ – ҳамосаи миллии моро чун беҳтарин дастур барои тарбияи ҳувияти миллии ҷомеа метавон истифода кард. Ба гуфтаи Исломии Надӯшан: «Агар «Шоҳнома» намебуд, як диди ҷаҳоншумул нисбат ба зиндагӣ, ки фориғ бошад аз ифтироқҳои қавмию забонию оинӣ, дар тафаккури эронӣ роҳ намеёфт, ки инсоният инсонро ба доду диҳиш бишиносад ва бигӯяд: «*Ту доду диҳиш кун, Фаридун туӣ*» ва он гоҳ ба Мавлавӣ бирасад, ки бигӯяд: «*Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст*» ва сипас ба Саъдӣ, ки ёдоварӣ кунад: «*Банӣ одам аъзои якдигаранд*»… вақте Ҳофиз гӯяд: «*Мабош дар паи озору ҳар чӣ хоҳӣ, кун // Ки дар тариқати мо ғайр аз ин гуноҳе нест*» ва бад-ин гуна қалами бутлон мекашад бар ҳамаи амру наҳйҳо...» [2, 27-32]. Воқеан, «Шоҳнома» донишномаи таъриху фарҳанг ва адаби пурифтихори тамоми ақвоми ориёӣ буда, ҳамаи марҳалаҳои зиндагонии ориёиёнро, ки саршор аз шодию нишот,

орзуву ормон, шигифтию андӯҳ, муҳаббат ба меҳану нафрат ба душман, поси некию нописандии зиштӣ ва ғайра будааст, дар достонҳову қиссаҳои худ инъикос кардааст. Ин ҳамосаи беназир бар иловаи тасвири шуҷоату далерии қаҳрамонони миллӣ, ки ҳамвора дар ҳимояи марзу буми ватани хеш будаанд, маҷмуи расму оини мардумони Хуросони бузургро бо ҳарорати баланди ватандӯстона ва маҳорати бемисли шоирона ба риштаи назм даровардааст. Аз ин рӯ, «Шоҳнома» шоҳасарест, ки ягонагӣ ва иттиҳоди рӯҳии мардумонро дар мубориза бар зидди ақвоми истилогар барои ба даст овардани озодӣ ва истиқлол бо тамоми шукӯҳмандию ҷалолати сухан ба тасвир кашида, дар паҳлӯи ин мазомин расму оинҳои мардумию динӣ ва иҷтимоию ахлоқии гузаштагони моро бо тамоми ҷузъиёти он ба тасвир кашидааст. Ҳамзамон дар ин ҳамосаи пурмоя беҳтарин лаҳзаҳои шодию сурур, айшу нишот ва мубоҳисаҳои пурдоманаи фалсафию динии гузаштагон таҷассум гардидааст. Ин китоби мумтозу беқиёсро метавон чун беҳтарин сарчашма ва дастури раҳнамо барои ташаккули ҳувияти миллӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор дод. Бефоида нахоҳад буд, агар аз ёд донистани як ё якчанд достони «Шоҳнома» дар рӯйхати адабиёти тавсияшаванда дар ҳамаи номинатсияҳои озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» шарти асосӣ бошад.

Адабиёти давраи истиқлол то андозае зодаи вазъи таърихии замони хеш аст. Тағйироти сиёсию иҷтимоие, ки дар ҷомеа ба вуҷуд омад, сабаб шуд адибоне, ки қаблан дар бораи масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ наменавиштанд, ба чунин мавзуъҳо рӯй биоваранд. Як идда адибон ба навиштани осори адабӣ дар жанрҳои таърихӣ пардохта, дар бораи гузаштаи таърихии миллӣ асарҳо офариданд. Ба ин васила адабиёт вазифаи иҷтимоии худро, ки ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад фурӯ гузорад, аз нав ба уҳда гирифт. Чунон ки Жан Пол Сартр мегӯяд «навиштан шакли сонавии амал аст», адибон тибқи

мантиқи раванди адабиёт мебоист камари ҳиммат баста, ба инъикоси воқеияти давр мепардохтанд.

Чунонки пештар ишора шуд, ҳар асари бадеӣ қабл аз он ки баёнгари ҳолоти ботинии муаллифи он бошад, дар бештари мавридҳо вазъияти иҷтимоию фарҳангии ҷомеаеро инъикос мекунад, ки адиб дар он парвариш ёфтааст. Баррасии тамоми равандҳои адабӣ дар робита бо вазъияти замон кори хеле тӯлонист, ки равшан кардани он дар доираи мақолаи мазкур ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, танҳо ба чанд мисоли мухтасар роҷеъ ба давраҳои шукӯҳманди таърихи худшиносии тоҷикон, ки дар устувор кардани пояҳои забону адабиёти миллии мо саҳми беназир гузоштаанд, ишораи гузаро мекунем.

Ин ҳаракат бо талошҳои пайгиронаи Имом Абуҳанифа дар роҳи ворид кардани забони форсии тоҷикӣ ба русумот ва маносики дини ислом оғоз ёфт, ки минбаъд яке аз асосҳои сиёсати давлати Сомониён гардид. Бо амри амирони миллатдӯсту меҳанпарвари сомонӣ тарҷима шудани рисолаи «Ас-саводу-л-аъзам»-и Абулқосим Исҳоқ ибни Муҳаммад Ҳакими Самарқандӣ, машҳур ба Ҳакими Самарқандӣ ва Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ (874-956), ки дар усули ақоид ва каломи мазҳаби ҳанафӣ нигошта шуда, яке аз қадимтарин намунаҳои насри порсии тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ҳамчунин тарҷимаи рисолаи машҳури Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ бо номи «Таъриху-р-русул-ва-л-мулук» («Таърихи паямбарон ва подшоҳон») ба забони порсии тоҷикӣ ба амри Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ аз ҷониби Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ (ваф. байни солҳои 992-997) – муаррих, адиб ва ҳамчунон вазири хонадони Сомониён, бино бар ахбори «Муҷмалу-т-таворих» соли 963 оғоз гардида, ҳудудан даҳ сол идома ёфт [1], ки ба унвони «Тарҷимаи Таърихи Табарӣ» ё «Таърихи Табарӣ» шинохта шуд. Чун Балъамӣ матолиби бисёрero аз манобеи гуногун ба тарҷимаи хеш

илова кард, таҳрири наве аз он рисола падид омад, ки баъдан бо номи «Таърихи Балъамӣ» шуҳрати густардае ёфт. Ин таърихнома аз қадимтарин замон оғоз гардида, то даврони муаллифи он идома меёбад. Китоби дигари арзишманди Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ «Ҷомеъу-л-баён ан таъвили-л-Қуръон» яке аз куҳантарин ва ҷомеътарин тафосири Қуръон ба забони араби аст. Тарҷимаи порсии тоҷикии он ҳамчунон ба амри амир Мансур ибни Нӯҳ ва дар асоси фатвои як гурӯҳ олимону фақеҳони мовароуннаҳрӣ ва ҳамкории бевоситаи Абулфазли Балъамӣ сурат гирифт, ки бо номи «Тафсири Табарӣ» ё «Тафсири Кабир» дар қаламрави забони порсии тоҷикӣ маъруф аст. Ба ин тартиб нубуғи фикрию фарҳангии Сомониён барои бедории миллӣ ва эҳёи фарҳанги куҳани аҷдодӣ мисли нӯшдоруи ҳаётбахше буд, ки тани аз дасти тохтутозҳои аъроб хаставу бемор ва пур аз ҷароҳати миллатро марҳаме гашта, онро бар ҳолати пешини фараҳбори хеш бозгардонд ва ба ин васила наҳзати азими илмию фарҳангии бемисле дар қаламрави он сарзамин падид омад. Ин амали некӯ Абурайҳони Беруниро (973-1048) ба амалҳои сутурге дар ин соҳа барангезонд. Ӯ бо шӯру шавқ ва талошу кӯшиши зиёд дар осори илмии хеш ба ҷои истилоҳоти роиҷи илмии арабӣ муродифоти форсии онҳоро мавриди истифода қарор дод. Масалан, дар рисолаи «Ат-тафҳим», ки дар илми нуҷум ва риёзиёт аст, ба ҷойи «зовияи мунфарриҷа» «зовияи гушода», дар баробари «зовияи ҳода» «зовияи тез», дар муқобили «мутасовию-л-азлоъ» «ростпаҳлӯ», ба ивази «устурлоб» «ситораёб» ва даҳҳои истилоҳи дигари порсии тоҷикиро вориди забони илмӣ кард. Ин навпардозиҳо аҳли илму адабро чунон ба шавқ оварданд, ки ҳар олиме мекӯшид тавоноиҳои забони модарияшро ба намоиш гузорад[1]. Дар идомаи ин қиём

[1]. Дар бораи ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии порсии тоҷикӣ ниг.: [5].

ва ҷунбиши фарҳангие, ки яке аз пояҳои мустаҳками худшиносии миллӣ гардид, Абуалӣ Ибни Сино (980-1037) «Донишномаи алоӣ»-и хешро ба забони модарияш – порсии тоҷикӣ нигошт ва ҳамчунин рисолаҳое дар сарфу наҳви забони порсии тоҷикӣ ба таҳрир даровард, то қудрату нерӯи онро дар баробари андешаҳои носолиме, ки гӯё забони порсии тоҷикӣ тавони баёни масъалаҳои илмиро надорад ва танҳо ба ин забон мешавад осори адабӣ офарид, ба исбот расонид. Илова бар анбуҳи истилоҳоту иборaҳои илми мантиқу фалсафа ба забони порсии тоҷикӣ «Донишномаи алоӣ» як давраи комили фалсафаи машшоъ ва такмилаи фалсафаи Арастуро дар бар гирифтааст. Тавассути ин асари мондагор Абуалии Сино андешаи диниро ба хирад ва фалсафа омезиш дода, шинохти вежаеро аз ҳастӣ матраҳ намуд, ки бо дидгоҳҳои суннатии динии он даврон созгор науфтод ва ба ин сабаб ҳамвора аз ҷониби диндорони мутаассиб мавриди такфиру таҳқир қарор гирифт. Душманони сарсахту ҳасуду нотавонбинаш бар сари ӯ пайваста туҳматҳо бор карданд, ки сурудаҳои зер дар посух ба иттиҳомоти онҳост:

Куфри чу мане газофу осон набувад,
Муҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якю он ҳам кофар!?
Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад!

Дар рубоии дигар Абуалии пури Сино ногузир бо шигифту дареғи зиёд аз намодҳои манфӣ ҳунармандона кор мегирад, то ба падидае номатлуби замонааш, ки ба аҳли донишу хирад эҳтиром қоил набудаанд, бо шӯру ситез фарёд бизанад:

Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд
Хар бош, ки ин ҷамоат аз фарти харӣ
Ҳар к-ӯ на хар аст кофараш мехонанд.

Матлаби сазовори гуфтан ин аст, ки рӯ овардан ба омӯзиши осори адабию илмии Ибни Сино дарвозаҳои хирадгароиро ба рӯи инсон боз мекунад. Гарчанде аз назари замонӣ байни мо ва ин нобиғаи беназир беш аз ҳазор сол фосила аст, вале осори пурбору арзишманди ӯ ҳанӯз таваҷҷуҳи аҳли илму адабро ба худ мекашад.

Адабиёти шукӯҳманди даврони шукуфоии давлатдории Сомониён саршор аз осори гаронмояи адабию илмиест, ки зиндагии он рӯзгоронро бо тамоми шаҳомату шукӯҳаш тасвир кардааст. Оғози нигоштани «Шоҳнома»-и Абулқосимми Фирдавсӣ ба даврони наҳзатҳои худшиносӣ ва истиқлоли миллӣ ва ҳамчунин эҳёи забони модарӣ рост меояд. Ин шоҳкори беназир ба ғайр аз достонҳои асотирию таърихии пурмазмун манзумаҳои бузурге монанди «Достони Эраҷ», «Достони Рустам ва Суҳроб», «Достони Исфандёри Рӯинтан», «Достони Сиёвуш» ва ғайраро дорад, ки дар онҳо рӯҳи миллӣ, муҳаббат ба меҳан, ифтихор аз кешу оини ниёкон ва орзуву армонҳои инсон барои зиндагии осудаву шукӯҳманд бо забони ниҳоят ҷаззобу шево тавассути хомаи тавонову сеҳрофарини шоир тасвир ёфтаанд. Арзишҳое, ки дар ин ҳамосаи бемисл бозгӯ шудаанд, дар рӯзгорони мо аз аҳаммияти бештаре бархӯрдоранд. Барои Фирдавсӣ мафҳуми «ватан» бештар аз хоку буми обоист, ҳастии шоир аст, бе ватан худашро ҳеч мешуморад:

Чу Эрон набошад тани ман мабод!
Дар ин буму бар зинда як тан мабод!

Воқеан яке аз мавзуъҳои меҳварии «Шоҳнома» ишқ ба сарзамини обоию аҷдодии ҳаст. ин мазомин пайваста дар тӯли асар бо авотифу эҳсосоти нишотангез ва сӯзу гудози пуршӯр садо медиҳанд. Шоир ҳимоят аз ватанро, ки бо ифтихор онро «Озодбум», «Шаҳри озодагон» мехонад, вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванд мешуморад ва мардумро ба хотири пуштибонию ҳифозат аз бару буму хонаву фарзанди хеш ба

пойдорию ҷасорат ва устуворию муқовимат дар баробари душманон даъват мекунад:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем!

Барои ҳакими фарзона аз ҳама азизтар ватан аст. Дар саросари «Шоҳнома» бар гиромӣ доштани ватан таъкид мекунад ва ҳаммеҳанони хешро даъват мекунад, ки бар ободу осуда нигоҳ доштани меҳан бикӯшанд ва пойдории истиқлол ва посбонии озодию оромиши сарзаминро муқаддастарин вазифаи хеш донанд:

Намонем, к-ин бум вайрон кунанд,
Ҳаме ғорат аз шаҳри Эрон кунанд!
Нахонанд бар мо касе офарин,
Чу вайрон бувад буми Эронзамин!

Дар саросари ин ҳамосаи пуразамат рӯҳу андешаи миллӣ ва ҷаҳонбинии воҳиди меҳанпарастӣ партав афкандааст. Аз ин паёми ваҳдатофарини Фирдавсии бузург барои барангехтани муҳаббат ба арзишҳои миллӣ бояд пайваста истифода кард. Бо ин роҳ дар замири мухотабон меҳру дилбастагӣ ба хоку буми сарзамин парваронидан лозим аст. Номҳои қаҳрамонони «Шоҳнома» дар ҳамаи хонаводаҳои тоҷикон дида мешавад, ки нишонае аз ишқу алоқаи тоҷикон ба гузаштаи пурифтихори хеш аст. Аз ин рӯ ин ҳамосаи бузург метавонад дар таҳкими ҳувияти миллӣ хеле муфид бошад.

Беш аз ҳазор сол аст, ки сухани пур аз ҳикмати Абулқосимми Фирдавсӣ бар инкишоф ва пешравии илму адаби башарият афзудааст. Дар тӯли таърих дурустӣ ва азамати ин каломи мондагори Ҳакими Тӯсиро аҳли башар дарёфт ва дар заминаи он назарияҳои вобаста ба танзим ва мудирияти донишро тавлид намуд.

Метавон хулоса кард, ки адабиёти порсии тоҷикӣ, бавежа дар қаламрави шеър, аз қадимтарин ва тавонотарин адабиётҳои ҷаҳон аст. Ба сабаби густардагию ғанои зеҳнию маърифатӣ ва адабию фарҳангии худ, адабиёти порсии тоҷикӣ метавонад ба ҳаёти шахсию ҷамъиятии инсон, ба қасду ният ва азму иродаи ӯ таъсири бениҳоят калон расонад. Адабиёти ҳамосӣ рӯҳияи миллӣ ва муҳабббат ба ватанро тавассути тасвири шукӯҳу азамати ва корномаҳои сазандаву ситоишбарангези ниёкон дар кори ҳимоят аз марзу буми меҳан дар инсон тақвият мебахшад.

*Бознашр аз маҷаллаи Суханшиносӣ, № 2(46), 2024, саҳ. 69-80*

## Китобнома


1. Khaleghi-Motlagh, Dj. Amīrak Balʿamī [Electronic Resource] / Dj. Khaleghi-Motlagh // Encyclopædia Iranica. I/9. – P. 971-972. – available online at http://www.iranicaonline.org/articles/amirak-balami (accessed on 16 March 2021).
2. Надӯшан, И. Агар «Шоҳнома» намебуд... / Исломии Надӯшан // Фаслномаи Бож. Соли аввал. Шумораи чаҳорум, зимистони соли 1387. – С. 27-32.
3. Паёми табрикии Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2016. – 5 октябр.
4. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва мулоқот бо зиёиёни кишвар [Манбаи электронӣ] / Э. Раҳмон // Осорхонаи миллии Тоҷикистон. – 2013. – 20 март. – Низоми дастрасӣ: www. URL:http://newnmt.tj/tj/home-4/167-dar-marosimi-iftito-i-osorkhonai-millii-tojikiston-va-mulo-ot-bo-zijoijoni-kishvar
5. Султонов, Мирзоҳасан. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии. На материале научного наследия IX-XI вв. / Мирзоҳасан Султонов. – Palmarium Academic Publishing, 2015. – 444 с.

6. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 700-солагии Камоли Хуҷандӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.URL:http://gst.tj/tj/navidho /item/sukhanronii-peshvoi-millat-emomal-ra-mon-darsimpoziumi-bajnalmilal-ba-iftikhori-700-solagii-kamoli-khu-and.html

7. Ятимов, С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт / С. Ятимов // Илм ва Ҷомеа. – 2018. – №4 (12). – С. 5-39.

**Лутфулло БАРОТОВ**
*ходими пешбари илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ*

# ТАЪСИРИ ГУРӮҲҲОИ ИФРОТИИ ДИНӢ БА ТАФАККУРИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

Дороӣ ва қудрат ҳамеша ва дар ҳама замонҳо инсонҳоро ба худ ҷалб мекард. Аз даврони қадим то имрӯз инсонҳои ҷоҳталаб бо роҳҳои гуногун даромади муфт ба даст меоварданд ва дар ин раванд миллионҳо инсони дигарро бадбахт месохтанд. Баъд аз зуҳуру нуфузи динҳои муташаккил ашхоси ҷоҳталаб дарёфтанд, ки бо суйистифода аз бовару эътиқоди мардум ба даст овардани қудрат ва даромади муфт бамаротиб осонтар аст. Метавон гурӯҳи бузурги одамони эътиқодмандро ба худ ҷалб кард ва аз ҷону моли онҳо барои расидан ба аҳдофи хеш истифода бурд. Аз ҳамон давра ин гурӯҳҳои бадкешу фурсатталаб ин имкониятро истифода бурданд ва мутаассифона, то ҳол истифода мекунанд. Онҳо дар ҳама замону макон фаъолият мебаранд ва раванди муҳоҷирати зиёди меҳнатӣ, ки дар чанд даҳсолаи охир ҷараён дорад, кори онҳоро осонтар намудааст. Мисоли равшани он ҷалб шудани муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Федератсияи Русия ва чанд кишвари дигари хориҷӣ ба гурӯҳи ифротии ДИИШ дар солҳои 2013-2015 буда метавонад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба монанди дигар равандҳои иҷтимоӣ дар баробари манфиатҳо мушкилоти зиёдеро ба ҳамроҳ дорад. Ин раванд муҳити маъмулии кору зиндагии афроди дар он воридшударо дигар намуда, аз як тараф, маҷбур месозад, ки ҳунару кордонии худро сайқал дода, мавқеи худро

дар кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон мустаҳкам созанд, аз ҷониби дигар, афроде, ки иродаи заифтар доранд, дар ҳоли рӯ ба рӯ гаштан бо мушкилоти бархоста аз раванди мазкур тобоварӣ карда наметавонанд ва ба кумаки дигарон эҳтиёҷ пайдо менамоянд. Ин нотавониву эҳтиёҷот онҳоро ба сайди осоне барои гурӯҳҳои ифротии динӣ табдил медиҳад, ки намояндагони ин гурӯҳҳо бо роҳу усулҳои муайян худро барои муҳоҷирон ҳамчун наҷотбахш муаррифӣ намуда, ба дили ин афроди ба нишонгирифтаи худ ҷой мегиранд. Онҳо ҳадафҳои шахсӣ ва гурӯҳии хешро доранд ва яқин аст, ки он наҷоти муҳоҷирони дар мушкилафтода нест, балки истифодаи онҳо дар ростои расидан ба ҳадафҳои манфиатталабонаи худ мебошад. Онҳо тадриҷан бо таъсиррасониҳои гуногуни равониву ҷисмонӣ дар вуҷуди муҳоҷирон нафрату бадбинӣ нисбати дигарон ба вуҷуд оварда, сайди худро ба як асбоби ҷангии зидди дигарандешон табдил медиҳанд.

Дар шароити бад қарор гирифтани як муҳоҷир ин охирин ҳалқа аз занҷираи сабабҳоест, ки ӯ туъмаи гурӯҳҳои ифротии мазҳабӣ мегардад. Пеш аз ҳама, мушкил дар тарбияи кӯдакону ҷавонон аст. Вақте инсон дар шароите ба воя мерасад, ки таъсири дину мазҳаб аз ҳад зиёд аст ва онҳое, ки дар дину мазҳаби худашон нестанд, ҳамчун душману хатокор маҳсуб мешаванд, эҳтимолан дар вуҷуди чунин инсон нафрату бадбинӣ нисбати дигарон эҷод мегардад. Вай то дараҷае ҳадди эътидолро аз даст медиҳад ва ба як мутаассиб табдил меёбад. Ба қавли файласуфи барҷастаи муосири тоҷик Исомиддин Шарифзода, "як инсон вақте ба ҷуз аз дидгоҳи худ дидгоҳи дигареро, ба ҷуз аз назари худ назари дигареро ва ба ҷуз аз бовари худ бовари дигареро ҳатто таҳаммули шунидан ва қазоват кардан надорад, ин ба он маъно аст, ки ин фард ҳадди эътидолро аз даст додааст. Вақте як инсон ҳадди эътидолро аз даст медиҳад, ӯ ворид ба марзи ифроту тафрит мешавад"(6).

Бале, мутаассифона, як қисми калони кӯдакону наврасони мо аз оила сар карда, зери таъсири сахти тарбияи мазҳабӣ, ва яксӯнигарӣ ва хушкандешӣ қарор мегиранд, ки дар ҷомеа он қавитар мегардад. Ин якандешии мутлақ ба таҳаммулпазирии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Албатта, ки ин эҳсосоти манфӣ худ ба худ ва дар ҳама ҷо ҳувайдо намешавад ва ба дигарон зиён намерасонад, вале он як тухми нафрате нисбати дигарандешон дар вуҷуди инсонҳои дар чунин шароит бавоярасида мекорад ва монеи рушди фардӣ ва худшиносии онҳо мегардад. Гурӯҳҳои ифротии фурсатталаб инро медонанд ва ҳамеша дар пайи сабзонидани он ва ба истилоҳ "ҳосил гирифтан" ҳастанд. Гоҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин эҳсоси ҷавонони мо хеле зиёд ба намоиш гузошта мешавад, ки он ҳар як инсони солимфикру меҳанпарастро амиқан нигарон месозад.

Омили дигаре, ки дар осебпазир шудани муҳоҷирон таъсири манфӣ мегузорад ин камсаводӣ ва ё нодонӣ мебошад. Мутаассифона, илму маориф тайи ду даҳсолаи охир натавонист дар баробари қувваҳои иртиҷоӣ ба ҷавонону наврасон таъсиргузор бошад. Дар натиҷа ҷавонони зиёде бесавод монданд, ки роҳи наҷотро дар боварҳои мазҳабиву хурофотӣ дарёфтанд. Албатта, ин ҷо танҳо соҳаи илму маориф гунаҳгор нест ва ҷомеаву оила низ дар ин натиҷаи бад саҳми назаррас доранд. Дар оилае, ки аъзои он хоҳ аз сабаби нодориву камбағалӣ бошад, хоҳ аз сабаби боварҳои иртиҷоӣ бошад, ба мактабу ҷаҳонбинии илмӣ таваҷҷуҳ намекунанд, фарзандон ба эҳтимоли зиёд камсаводу бедониш гашта, ҷаҳонбинии танги худро васеъ карда наметавонанд. Дигар мактабу маориф имкон надорад дар танҳои онҳоро ислоҳ намояд. "Дар ҷомеае, ки дар он ҳарфи як муллои иртиҷоие, ки чанд сатрро аз худ кардааст, аз сухани як устоду академик ё профессору номзади илм ва муҳимтар аз ин, аз як зиёии

саршинос бартарӣ дошта бошад, он гоҳ муллои ифротӣ ҳамчун намоди ҷомеа қарор гирифта, бо ҳарфҳои пучи хурофотии худ мағзҳои ҷавононро олудаву нопок месозад ва онҳоро аз ҷаҳонбинии илмӣ маҳрум месозад, ки ин ба ҷомеа хатарзо хоҳад буд"(6). Бале мавқеи омӯзгору олиму донишманд дар ҷомеаи мо солҳои охир пасттар шудааст ва таъсири онҳо хеле камтар аз мубаллиғони дину мазҳаб аст. Боз ҳам мактабу маориф наметавонад дар чунин шароит вазифаи ҷонии худро, ки босавод кардани наврасону ҷавон ва васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳост, иҷро кунад ва ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад. Дар натиҷа, як қисми аҳолӣ бесаводу тангназар монда, сайди осоне барои гурӯҳҳои ифротӣ мегардад.

Маълум аст, ки ҳеҷ падидае дар ҷаҳон дуранг нест ва инсонҳо низ танҳо ба нодону донишманд ҷудо намешаванд. Дар ростои бовару донишҳои илмӣ низ ҳамчунин аст. Одамон аз дину диндорӣ низ дар сатҳҳои гуногуни мураккабӣ огоҳӣ доранд, айнан ба монанди ҳамоне, ки донишу фаҳмиши инсонҳо оид ба физика ва ё мусиқӣ дар сатҳҳои гуногун қарор дорад. Ин ба вижагиҳои шахсии ҳар як инсон ва қобилияти дарки вай вобастагӣ дорад (1). Азбаски таҷрибаи гурӯҳҳои ифротӣ дар омӯзиши қурбониёни эҳтимолии худ зиёд буда, роҳу усулҳои ҳазорсола такмилёфтаро истифода мекунанд, онҳо бо ҳар гурӯҳи инсонҳо муносибати алоҳида менамоянд ва дар сатҳи донишу фаҳмиши онҳо муносибатро роҳандозӣ менамоянд. Ин аст, ки на танҳо муҳоҷирони дар мушкил гирифторшуда ва маъюсшуда ба доми чунин гурӯҳҳо меафтанд, балки дар баъзе ҳолатҳо афроде ба чунин гурӯҳҳо пайваст мешаванд, ки дар кору фаъолият то дараҷае муваффақ буда, муҳтоҷи касе нестанд. Ҳатто афроди сарватманде пайдо мешаванд, ки ба чунин гурӯҳҳо пайваст шуда, амалиётҳои онҳоро маблағгузорӣ менамоянд. Ин

нишон медиҳад, ки ягон қишри муҳоҷирон аз таъсиргузории гурӯҳҳои ифротии мазҳабӣ эмин нест. Як муҳоҷир метавонад хатмкардаи донишгоҳ ва доранда бошад, вале ҷаҳонбинии танг дошта бошад ва ба доми ин гурӯҳҳои ифротӣ афтад. Дигараш аз фарти бесаводиву тангназарӣ туъмаи осони гурӯҳҳои номбаршуда гашта метавонад. Умуман, дар ин муборизаи худ гурӯҳҳои ифротии динии манфиатхоҳ дар тамоми ҷабҳаҳо амалиёт гузаронида, муҳоҷиронро ба худ ҷалб менамоянд ва аз ҷону моли онҳо суйистифода намуда пули ҳангуфт ба даст меоваранд.

Як сабаби дигари гаравидани босуръати муҳоҷирони тоҷик ба ақидаҳои динии ғайрисуннатӣ ва умуман, ба ҷаҳонбинии динӣ-мазҳабӣ эҳсоси тарс мебошад. Маълум аст, ки дар раванди муҳоҷират хатарҳои зиёде дар пеш истодаанд ва ҳар як муҳоҷир бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад. Дар кишваре, ки фасод зиёд бошад, вазъияти муҳоҷирон бадтар аст. Вақте ҳуқуқи муҳоҷир ба таври бояду шояд ҳифз намешавад, барои вай хатарҳои вуҷудӣ зиёд мегарданд ва тарс вуҷудашро фаро мегирад. Дар чунин ҳолат парвардаи динҳои сомӣ, ки асосашон дар тарсу рӯзи маҳшар аст, дар бештар маврид рӯ ба мазҳаб ва ташкилотҳои динӣ меорад. Дигар ин ба қуввaву қудрати ҷисмонӣ камтар рабт дорад. Ба қавли Артур Ҷ. Вестармайр (Arthur J. Westermayr): "Шуҷоат, ки дар муқобили тарс меистад, ба ду қисм, яъне ҷисмонӣ ва равонӣ, ҷудо мешавад. Як кас метавонад руҳан далер бошад, вале ҷисман тарсу ва мусаллам аст, ки шахси ҷисман боқувввату далер дар шароити муайян метавонад руҳан хеле тарсу бошад. Ҳеҷ инсоне дар баробари ҳама чиз нотарс буда наметавонад"(7). Ин аст, ки новобаста аз қуввaву қудрати ҷисмонӣ муҳоҷирон дар баробари хатарҳои пешомада дар рафти муҳоҷират ба тарс ва ҳолати ноумедӣ гирифтор шуда, тибқи одати дерина ба дину гурӯҳҳои мазҳабӣ рӯ меоваранд. Гурӯҳҳои ифротӣ аз

ин суиистифода карда, бо харҷи камтарин сайди худро ба даст меоранд. Ҳамин тариқ, тарс ба яке аз омилҳои асосии гаравидани муҳоҷирон ба чунин гурӯҳҳои ифротӣ табдил ёфтааст.

Равоншиносон ба ин назаранд, ки бунёди ақоиди динӣ дар баровaрда кардани орзуҳост (1, 73). Ин аст, ки дар ҳолати гирифтор шудани муҳоҷирон ба мушкилоти табииву сунъӣ гаравиши онҳо ба дину мазҳаб зиёдтар гашта, тамоюли онҳоро ба сӯйи мубаллиғони динӣ ва гурӯҳҳои ифротии динӣ бештар месозад. Онҳо орзуи ба таври муъҷизанок баромадан аз ин шароити бадро доранд ва гурӯҳҳои ифротии динӣ дар навбати хеш бо роҳу усулҳои асрҳо санҷидашуда, миёни муҳоҷирон корбарӣ намуда, як қисми онҳоро ба ақидаҳои ғайрисуннативу ағлаб ифротии хеш ҷалб месозанд. Ин муҳоҷирони дар доми гурӯҳҳои ифротӣ афтода ва ба истилоҳ “мағзшӯишуда” барандаву паҳнкунандаи ақидаҳои ғайрисуннативу мамнуи онҳо гашта, барои муҳоҷирони дигар ба як манбаи хатар мубаддал мегарданд. Ҳатто баъди ба ватан баргаштан чунин мағзшӯишудагон дар оилаи худ ва дар ҷомеа таблиғот бурда, мушкилсозӣ менамоянд. Махсусан, оилаҳои онҳо дар ин раванд ранҷи равониву ҷисмонии бештар мебинанд. Занҳо дар ин раванд аз ҳама осебпазиртар ҳастанд.

Мушкили дигар осеби рӯҳӣ-равонии инсонҳост, ки аз замонҳои қадимтарин ба мо ба мерос монда, ҳар лаҳзаи зиндагӣ дар пайи ҳодисаи муайяне рӯ мезанад. “Чун зиндагии мову наздикони мо анҷомпазир аст ва ҳар як инсон бо марг ҳатман рӯ ба рӯ мегардад, травма(осеби руҳӣ-равонӣ) дар бунёди ҳастии мо ҷой дорад. Ҳатто агар мо пештар ин осебро ҳис накарда бошем, ҳар як ҳодисаи нохуше онро бедор месозад ва моро дар рӯ ба рӯи тарс аз марг қарор медиҳад”(1, 124). Гурӯҳҳои ифротии динӣ-мазҳабӣ ва мубаллиғони хизматгори онҳо аз ин осеби руҳӣ-равонии инсонҳо бохабар

ҳастанд ва дар тули таърих аз он истифода намудаанд ва ҳоло ҳам дар асри 21 истифода мебаранд. Қишри миёна ва сарватманди аҳолӣ дар аксар маврид дар ҳамин ҳолатҳо ба доми мубаллиғон меафтанд ва пойбанди ақидаҳои онҳо гашта, вақту дороии худро дар ихтиёрашон мегузоранд. "Дар воқеъ, касе ки метавонад шуморо ба боварҳои пуч водор кунад, метавонад шуморо ба роҳи ҷиноят низ барад"(1, 129).

Хулоса, раванди муҳоҷират мушкилоти зиёде дорад, ки дар якҷоягӣ бо тарбияи нодуруст муҳоҷиронро дар баробари гурӯҳҳои ифротии динӣ ва мубаллиғони мазҳабӣ осебпазир месозад. Муҳоҷирон, аз ночорӣ, тарсу тамаъ, шуҳратталабӣ, осеби руҳӣ-равонии таърихӣ, фасодзадагии кишварҳои муҳоҷирқабулкунанда ва ғайра ба таблиғоти ин гурӯҳҳои ифротӣ таваҷҷуҳ намуда, тақдири худро ба дасти онҳо медиҳанд. Ин ҷоҳталабони садсолаҳо таҷрибагирифта дар навбати худ муҳоҷиронро ҳамчун сайди осону камхарҷ дар роҳи дастрасӣ ба ҳадафҳои нопоки хеш истифода менамоянд. Онҳо динро ба як тиҷорату сиёсат табдил додаанд. Тиҷорату сиёсате, ки ба нодониву камсаводӣ ва эътиқоди куркурона асос ёфтааст. Роҳи осони паҳнсозии чунин эътиқодоти куркурона тарспароканӣ ва бардоштани илму дониш аз аҳли ҷомеа мебошад(1, 73). Ин аст, ки гурӯҳҳои ифротӣ ҳамеша ба донишмандону равшанфикрон душманӣ меварзанд ва бо ҳар роҳу усули ғайриқонуниву ғайриахлоқӣ ба онҳо ҳуҷумҳои лафзиву ҷисмонӣ менамоянд. Аз ҳама хатарноктар барои ҷомеа ин аст, ки онҳо тӯдаҳои нодони ба домашон афтодаро бар зидди донишмандону равшанфикроне, ки ба хилофи ҳадафҳои онҳо илму донишро дар ҷомеа густариш медиҳанд, мешӯронанд. Яке аз намунаҳои бадтарини натиҷаи чунин шӯрониданҳоро мо дар тақдири сиёҳи Фархунда дар Афғонистон соли 2015 дида будем. Таърих ҳазорҳо ҳодисаи монанд ба инро дорад. Илова бар ин, яке аз усулҳои ҷалби

эътиқодмандон аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ ва мубаллиғони динии пайваста ба онҳо ин "коҳиш додани арзиши зиндагӣ дар назди мардум ва таҳрифи воқеияти дунёи воқеӣ бо шеваи ҳазёнӣ, ки ҳадафи бунёдии он ҳазфи хираду андеша дар вуҷуди инсонҳост"(1, 76), мебошад. Онҳо ҳамеша андеша кардану зери суол бурдани ақоиди мазҳабиро накуҳиш намуда, шахсони ҷӯёву пӯёро бо роҳҳои гуногун аз пурсидану андеша кардан сари ин масоил бозмедоранд. Чун аксари мардум дар ҷомеаҳои эътиқодмеҳвар дорои фарҳанги хитобаӣ ҳастанд ва тафаккури интиқодӣ надоранду чунин таълим гирифтаанд, ки зери суол бурдан ва аз тарозуи ақл гузаронидану санҷидани ақоиди динӣ-мазҳабӣ гуноҳи вазнин аст, онҳо ба осонӣ зери бори гурӯҳҳои ифротӣ ва мубаллиғони вобаста ба онҳо мераванд ва қурбони ҳадафҳои шуми онҳо мегарданд.

Роҳҳои мубориза бар зидди гурӯҳҳои ифротиву мубаллиғони динии муздури онҳо ва пешгирии ифротишавии муҳоҷирони меҳнатӣ, ба мақсади кам кардани хатарҳо ва таъмини оромии ҷомеа, метавонанд ба таври зер бошанд:

1. Ба таври системавӣ ба роҳ мондани ислоҳоти фикрию фарҳангӣ дар ҷомеа. Ин ислоҳот бояд ҷаҳонбинии аҳолиро дигар намуда, дар натиҷа роҳу усули нави тарбияи насли нав дар ҷомеа роҳандозӣ гардад. Аз тарафи дигар, ин гуна ислоҳот густариши ҷаҳонбинии илмиро таъмин намуда, гуногунандеширо ҳамчун як арзиши инсонӣ дар зеҳнҳо ҷой мекунад. Ба ростӣ, то замоне, ки мо таълиму тарбияи дурусту саривақтиро, ки ба рушди фардӣ ва худшиносиву соҳибназарии инсон тамаркуз менамояд, ба роҳ намемонем, дар баробари хатароти ифротгароӣ осебпазир боқӣ хоҳем монд(1, 134). Ин ислоҳот манзараи илмии ҷаҳон ва роҳҳалҳои воқеии мушкилоти мавҷударо ба аҳолӣ ошно намуда, донишро зиёд, ҷаҳонбиниро васеъ, тарсро кам ва орзуҳои

инсонҳоро бо роҳу усулҳои ақлониву илмӣ бароварда сохта, ба бунёди хурофоту ифротгароӣ зарба зада, дасти гурӯҳҳои ифротиро аз сари мардум дур менамояд.

2. Ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаи илму маориф. Илм дар ҳама давру замон муҳаррики рушду пешрафт ва қудрати ҷомеаву давлатҳо буд. Ҷаҳонбинии илмӣ хеле мураккаб буда, қобили дарку тасаввури аксари аҳолӣ нест. Бо вуҷуди ин, набояд илмро ба сатҳи тӯдаҳо пойин овард ва ҷаҳонбинии динӣ-мазҳабиро ба долонҳои ниҳодҳои илмӣ раҳ дод. Ин, албатта, мубориза бо дину мазҳаб нест, балки таъмини мустақилият ва рушди озодонаи ҳар ду мебошад. Маориф низ паҳнкунандаи илму дониш ва ҷаҳонбинии илмӣ аст. Беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия як воқеияти оддӣ аст, ки ҷойи баҳс надорад, вале аҳамияти ҷаҳонбинии илмиро таъкид намудан зарур ба назар мерасад. Бо вуҷуди он ки назарияи такомул бо бовару эътиқоди динӣ рост намеояд, бояд ҳамчунон бунёди таълим дар мактабу донишгоҳҳо бошад. Ин як алтернатива мебошад, ки мавҷудияти он дар баробари бовармандиҳои офаринишӣ, ки дар оилаву ҷомеа ҳукмрон аст, шиддати ифротгароиву хурофотро дар ҷомеа кам месозад ва кори гурӯҳҳои ифротиро, ҷиҳати суистифода аз бовару эътиқоди мардум, бамаротиб душвор месозад.

3. Ба роҳ мондани низоми мукаммали хизматрасонии равонпизишкӣ ва равоншиносӣ дар ҷомеа. Одамон дар тули умри худ борҳо бо фоҷеаҳову ҳодисаҳои нохуши такондиҳанда рӯ ба рӯ мешаванд. Дар ин ҳолат осеби руҳӣ-равонӣ рӯ мезанад ва онҳоро дар баробари ҳуҷумҳои гурӯҳҳои ифротӣ осебпазир месозад. Ҳатто агар мубаллиғи динии суннатӣ ҳам дар чунин ҳолат бо онҳо кор барад, эҳтимол дорад, ки нодониставу нофаҳмида, онҳоро барои қабули ақидаҳои ғайрисуннатӣ наздиктар намояд. Ин аст, ки барои як ҷомеаи муосир мавҷудияти равонпизишкону равоншиносон шарт ва

зарур аст. Аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ мебинем, ки дар ҳар вазъияти душвор равонпизишкону равоншиносон бо мардум кор мекунанд ва бо роҳҳои илмӣ онҳоро аз вазъияти душвори руҳӣ-равонӣ берун мекунанд. Дар ҷомеаи мо чунин низом ба таври бояду шояд таҷриба нашуда ва ташаккул наёфтааст. Ба роҳ мондани чунин низом пеши роҳи яккатозии мубаллиғони динӣ-мазҳабиро дар ин ҷода мегирад ва хатари гурӯҳҳои ифротиро барои ҷомеа бамаротиб кам месозад.

4. Бештар кардани ҳамкориҳо бо кишварҳои шарик дар соҳаи муҳоҷират, ҷиҳати коҳиш додани мушкилоти муҳоҷирон. Муҳоҷират як раванди такондиҳанда барои инсон аст ва осебҳои руҳӣ-равонии нуҳуфтаи онҳоро берун мебарорад. Махсусан, дар кишварҳое, ки ҳуқуқи муҳоҷирон ба таври бояду шояд таъмин карда нашудааст, онҳо ба мушкилот рӯ ба рӯ шуда, роҳҳои алтернативии ҳалли мушкили худро меҷӯянд, ки дар ин роҳҳо гурӯҳҳои ифротии динӣ-мазҳабӣ омодаи ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Таъмини ҳаққу ҳуқуқи муҳоҷирон тариқи ҳамкориҳои бештар дар сатҳи давлатӣ яке аз роҳҳои пурсамари ҳалли мушкилоти ифротгароӣ мебошад. Ҷомеа ва давлат метавонад шароити беҳтари кору зиндагиро барои муҳоҷирон бо роҳи ҳамкорӣ бо кишварҳои қабулкунанда таъмин намояд ва фаъолияти зиддиинсонии мубаллиғони гурӯҳҳои ифротӣ ва барандагони ақидаҳои ғайрисуннатиро ба маротиб маҳдуд созад. Қайд намудан зарур аст, ки ин ҳамкорӣ барои кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон низ хеле муфид аст. Чунки афроди мағзшӯишудаи ифротӣ, пеш аз ҳама, метавонанд ба ҳамон ҷомеа зарар расонанд ва баъдан ба меҳани худ баргашта, дастуру супоришҳои хоҷагони ифротии хешро иҷро намоянду амнияти мардумро халалдор созанд.

Наметавон гуфт, ки аз миён бардоштани як сабаб мушкилоти ифротгароиро дар як кишвар ё минтақа бартараф месозад. Мубориза бо ин вабои асрҳо вуҷуддошта, бояд ҳадафмандона ва муташаккилона бошад ва дар ҳоле, ки гурӯҳҳои ифротии динӣ-мазҳабӣ дар ҳама ҷабҳаҳо ҳузур доранду фаъолият мекунанд, ҷавоби ҷомеаву давлатҳо низ бояд ҳамаҷониба бошад. Танҳо бо як стратегияи мукаммалу доимо беҳтаршаванда ва бо ҷиддият амалӣ сохтани он, метавон дар баробари гурӯҳҳои ифротии динӣ-мазҳабӣ истодагарӣ намуда, мардумро аз шарри онҳо эмин нигаҳ дошт.

## Сарчашмаҳо


1. Dianna Theadora Kenny, "God, Freud and Religion: The Origins of Faith, Fear and Fundamentalism", Book · February 2021, 226 p.
2. Marc Helbling, Daniel Meierrieks, "Terrorism and Migration: An Overview", WZB Berlin Social Science Center, Berlin, Germany, 17 December 2020, https://www.cambridge.org/core/ journals/british-journal-of-political-science/article/terrorism-and-migration-an-overview/2D92D099D870D7D8E606C39E683D3E89.
3. INTERNATIONAL ORGANIZATION FOR MIGRATION, "MIGRATION, VIOLENT EXTREMISM AND SOCIAL EXCLUSION", 2018, https://publications.iom.int/ system/files/pdf/infosheet_no_9_wmr_2018_en.pdf.
4. INTERNATIONAL ORGANIZATION FOR MIGRATION, "EXPOSED TO EXTREMISM: HOW CENTRAL ASIAN MIGRANTS BECOME VULNERABLE TO RADICALIZATION?", https://weblog.iom.int/exposed-extremism-how-central-asian-migrants-become-vulnerable-radicalization.
5. Shreya Sinha, "Migration and Terrorism in Europe: A Nexus of Two Crises", The International Journal on Responsibility (IJR) (ISSN: 2576-0955), Volume 5, Aprile 7, 2022, https://commons.lib.jmu.edu/cgi/viewcontent.cgi?article=1059&context=ijr.
6. Шарифзода Исомиддин, "Нодониву таассуб - решаҳои ифротгароӣ", Самак, №36(669), 5 сентябри соли 2024.
7. Arthur J. Westermayr, The Psychology Of Fear, https://opensiuc.lib.siu.edu/cgi/viewcontent.cgi?article=2949&context=oc

**Зебонисо ЗИЁЕВА**
*ходими калони илмии*
*Институти фалсафа,*
*сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба*
*номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

## МАЪНО ВА МАҚСАДИ ЗИНДАГӢ АЗ НАЗАРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Қабл аз ҳама бояд таъкид намуд, ки посухи мушаххаси ин саволро, ки «Мақсад ва маънои зиндагӣ чист?»-ро аз ягон осори хаттии адабӣ, фалсафӣ, илмӣ ва ҳатто китобҳои осмонӣ наметавон пайдо намуд. Барои ҳамин ҳар андешае, ки дар ин фасл оварда мешавад, танҳо андешаи ин ва ё он мутафаккири ҳудогонаест, ки онро метавон кӯшиши ӯ барои посух гуфтан ба саволи матраҳшуда эътироф кард. Агар мо имкони пурсидани сад одамро дошта бошем сад посухеро шояд ба даст оварем, ки андешаи шахсии яке аз онҳо мебошад. Мавқеъҳо, ҷаҳонбиниҳо, фаҳмишҳо, даркҳо ва ҳиссиёту эҳсосоти одамон гуногунанд. Масалан, рӯҳониёну диндорон маъно ва ҳадафи офариништро дар он мебинад, ки инсон тавассути ҳама нерӯҳо ва истеъдодҳояш бояд Худоро бишносад ва ин раванди шинохт бояд бо анҷом додани амалҳои хайр, ахлоқи ҳамида, ситоишу шукргузорӣ, ибодати мунтазаму пайваста, корҳои савоб, ба даст овардани ризояти Худо ва ғ. анҷом ёбад.

Масъалаи маъно ва ҳадафи зиндагӣ масъалаи хеле кӯҳан ба назар мерасад ва дар ҳар давру замон одамоне тавлид меёфтанд, ки сари ин масъала ба андеша фурӯ рафтаанд. Табиист, ки дар тӯли таърих ҳар як шахси оқил ҳадди ақал як лаҳзае сари андешаи он рафтааст, ки маъно ва ҳадафи зиндагӣ

чист. Осори файласуфони ЮнонзаминуМашриқу Мағриб ва муассисони адёни бузург далели он аст, ки омӯзиши амиқ ва ҳаматарафи фалсафаи ҳадаф ё маънои зиндагӣ мавриди тааммул ва андеша дар бораи «Ман»-и инсон ҳама вақт ҳамчун як қисмати ҳастӣ мавриди омӯзиш ва андеша қарор доштааст. Дар фарҳанги исломӣ низ ин масъалаи ҳаётӣ возеҳу равшан ифода гардидааст, зеро Қуръон дар оятҳои зиёде дар бораи зиндагӣ ва ҳадафи зиндагӣ сухан рафтааст. Муносибат ба ин масъала дар тӯли таърихи инкишофаш гуногун будааст: баъзеҳо онро бемаънӣ ва баъзеҳо мавҳудияти онро танҳо дар сатҳи шуури инсонӣ эътироф намудаанд. Дар асри ҳозир асри пешрафти илму техника ва ё бо қавли дигар «асри оҳан», «асри мошину асбобу олатҳои техникӣ» меноманд, муносибат ба ин масъала то андозае сатҳӣ, бефурӯғ, бе рӯҳ ба назар мерасад.

Кашфиётҳои нав ба нави илмӣ арзишу қиммати инсонро хеле арзон дарёфт намуда, ба хотири ҳадафҳои ғаразноки худ ба истеҳсоли «воситаҳои нав ба нави қатли оммавӣ инсоният» даст зада, ҳаёти инсониятро зери хавфу таҳдид қарор додаанд. Табиист, ки барои чунин «абармардони техникӣ» зиндагии инсон аз ҳама маъниву ҳадаф холӣ буда, ҳаёти инсон дар баробари ҳадафҳои онҳо аз ҳама гуна арзишу муқаддасот маҳрум аст.

Табиист, ки ҳоло сухан на дар бораи шарҳҳои биологӣ, физиологӣ ва фалсафии ҳаёт нарафта, сухан танҳо дар доираи мавзӯи мавриди назар, яъне маъно ва мақсади зиндагӣ меравад. Барои мо кифоя аст, ки майлу хоҳиши ҳар мавҳуди зиндаеро барои зиндагӣ эҳсос намоем, ки барои ҳар як мавҳуди зинда он муқаддас мебошад ва туфайли он дорои эҳсос, завқу ҳаловат, ғамгиниву шодӣ, бо гиряву ханда дар роҳҳои гуногун ва фарозу шеби зиндагӣ сарсону саргардон мебошад. Ӯ ҳақ дорад бипурсад, ки:

Бо ҳама ранҷу азоби зиндагӣ,
Одамиро қиммати дастор нест.
Пас чаро дар саҳнаи буду набуд,
Ҳеҳ кас аз зиндагӣ безор нест?

Ва ё ҳадафи омаданашро дар «сӯзи ниҳони дил» дида, фарёд мебарорад:

Ғараз аз омадан бар ин ҷаҳон чист?
Бигӯ бар дил ҳама сӯзи ниҳон чист?
Намедонам куҷо ҳастам равона,
Вале дар синаам шӯру фиғон чист?

Мавзӯи мавриди назар ниёз ба омӯзиши амиқ ва ҳамаҷонибаи мутахассисони соҳаҳои гуногун дорад ва мо имкони онро надорем, ки онро бо ҳама ҷанбаҳояш мавриди назар қарор диҳем.

Ҳар инсон худро ҷузъи ҳастии олам, ҳисса, зарра ё порае аз ҳастии кулл эҳсос мекунад, ки дар он махлут (омезиш) ёфтааст. Ӯ худро болотар аз ҳаводису падидаҳо эҳсос мекунад, вале ҳанӯз ҳам посухи саволи «Ман аз куҷо омадаам ва ба куҷо равон ҳастам?»-ро барои худ пайдо накардааст. Фикру андеша ӯро дар ҳалли ин муаммо сарсону саргардон нигоҳ медорад. Дилаш ором намегирад, аз посухҳои дигарон қаноатманд шуда наметавонад, вале ӯ ҳанӯз розӣ шуда наметавонад, ки ӯ низ ба мисли набототу ҳайвонот пайдо шуда, рӯзе фаро хоҳад расид, ки ноилоҷ бояд бимирад. Наход ӯ маҳз барои ҳамин ба дунё омада бошад? Наход, ки омадану рафтани одамӣ ҳамсони ҳайвонот бошаду аз онҳо фарқ надошта бошад?

Дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ масъалаи маънои зиндагӣ дар тобишҳои гуногун шарҳу баён ёфтааст, ки мо кӯшиши посух гуфтани донишмандонро дар ашъори аксари шоирони давраи классикии худ дар ин ва ё он шакл пайдо карда метавонем. Барои мисол мо чанд намунаеро ба хотири тааммулу андеша пешкаш менамоем ва ҳамин нуқтаро

фаромӯш накунем, ки касе то ҳол нуқтаи охирини андешаи фалсафиро нагузоштааст ва посухи ягонаи масъала маъно ва ҳадафи зиндагӣ на дар Ғарб ва на дар Шарқ вуҳуд надорад.

Гуфтан метавон, ки маъно ва ҳадафи зиндагӣ дар намояндагони адабиёти классикӣ мушаххасан пешниҳод нашуда, бо роҳҳои гуногуни шарҳу баёни «ҳиссӣ-эҳсосотии» он ҳузъиёт - ахлоқи ҳамида, одамият, камолот, ба маҳбуб пайвастан, худшиносӣ, худошиносӣ, аз маъсияту гуноҳ дур будан, мастӣ, ишқварзӣ, хирадмандӣ, мақоми хешро ёфтан ва ғ. айният дода мешавад. Масалан, Хайём аслан «барои чӣ овардану бурданаш»-ро намедонад:

З-овардани ман набуд гардунро суд,
В-аз бурдани ман ба иззу ҳоҳаш нафузуд.
В-аз ҳеҳ касе низ ду гӯшам нашунуд,
К-овардану бурдани ман баҳри чӣ буд.

Ҳои дигар ӯ инсонро «мақсуди офариниш», «ҳавҳари биниш» ва «нақши нигини ин доираи ҳаҳон» хондааст:

Мақсуд зи ҳумла офариниш моем,
Дар чашми хирад ҳавҳари биниш моем.
Ин доираи ҳаҳон чу ангуштарест,
Бе ҳеҳ шакке, нақши нигинаш моем.

Ҳои дигар омадану рафтани одам – «омад-шудан»-ро ба магасе ташбеҳ мекунад:

Як қатраи об буд, бо дарё шуд,
Як зарраи хок ба замин якто шуд.
Омад-шудани ту андар олам чист?
Омад магасе падиду нопайдо шуд.

Ё ҳои дигар:

Ҳар чанд, ки рангу рӯи зебост маро,
Чун лола руху чу сарв болост маро.
Маълум нашуд, ки дар тарабхонаи хок,
Наққоши азал баҳри чӣ орост маро?

Мавлоно маънои зиндагиро дар пайдо кардани «инсон»-е, ки ҳавобгӯи ҳама талаботи «одамият» мебошад, зеро ӯ аз «деву дад», «ҳамраҳони сустаносир» дилмонда ва малул гаштаву «инсон», «Шери Худову Рустами дастон»-ро дар рӯзи равшан дар бозор бо чароғ меҳӯяд:

Ди шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
К-аз деву дад малуламу инсонам орзӯст.
Гуфтанд: Ёфт менашавад ҳӯстаем мо,
Гуфт: он кӣ ёфт менашавад онам орзӯст.
З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами дастонам орзӯст.
Ҳои дигар ӯ мефармояд:
Рӯзҳо фикри ман ин асту ҳама шаб суханам,
Ки чаро ғофил аз аҳволи дили хештанам.
Ба чӣ кор омадаам, омаданам баҳри чӣ буд?
Ба куҳо меравам охир, бинамоӣ ватанам.

Саноӣ ҳам дар суроғи «одамият» будаву, мабдаи ӯро «сиришта аз фариштаву шайтон» дониста, ба он ишора мекунад, ки ӯ дар интихоби хеш мухтор аст: метавонад фариштаву шайтонро интихоб намояд, вале фаромӯш набояд кард, ки агар сӯи шайтон равад, аз ҳадди ӯ ҳам поинтар хоҳад афтид, вале агар роҳи фариштаро баргузинад, мақому мартабааш аз онҳо ҳам болотар хоҳад шуд:

Одамизода турфа маъҳунест,
К-аз фаришта сириштаву зи шайтон.
Гар равад сӯи ин шавад кам аз ин,
В-ар равад сӯи он беҳ аз он.

Ба андешаи Сартр «Одамӣ чизе ҳузъ амал нест. Башар вуҳуд надорад, магар дар ҳадде, ки тарҳҳои худро таҳаққуқ бахшад, бинобар ин инсон ҳуз як силсилаи амал ва иқдом нест. Дастгоҳе ҳаст, маҳмӯаи равобите аст, ки ин иқдомҳоро ба вуҳуд меоварад…дар одамӣ анбӯҳе аз истеъдодҳо, завқҳо,

имконҳои ба кор наяфтода ва монданӣ вуҳуд дорад, ки арзиши зиндагии ӯ баста ба онҳост…».

Мавлоно:

Пас ба сурат одамӣ фаръи ҳаҳон,
В-аз сифат асли ҳаҳон инро бидон.
Зоҳирашро пашшае орад ба чарх,
Ботинаш бошад муҳити ҳафт чарх.

Дар назари Ҳофиз ҳам мақому мартабаи «одамият» басе болову рафеъ аст, зеро ӯ «мурғи боғи малакут» аст, на «аз олами хок»:

Мурғи боғи малакутам, наям аз олами хок,
Ду-се рӯз қафасе сохтаанд аз бадам.
Ҳон, ки аз олами улвист, яқин медонам,
Рахти худ боз бар онам, ки ҳамон ҳо фиканам.
Хунук он рӯз ки парвоз кунам то бари Дӯст,
Ба ҳавои сари кӯяш пару боле бизанам.

Оре, инсон ин мавҳуди ношинохта, «шоҳбайти» ғазали Худовандӣ ва «боғи малакут» ва «ашрафи махлуқот» аст, ки имкон дорад бо ба кор андохтани андеша ва равон ба болотарин мақомҳо бирасад ва ба қавли Мавлоно «аз фариштагон бартар парад ва он чи андар ваҳм ҳам наояд он шавад»:

Бори дигар аз малак қурбон шавам,
Он чӣ андар ваҳм наояд он шавам. Мавлоно

Ба андешаи Насриддини Тусӣ: «Камоли инсонӣ ва шарафи фазилати ӯ ҳавола ба фикр ва рӯъят ва ақл ва иродаи ӯ омада ва калиди саодат ва шақоват ва тамомӣ ва нуқсон ба дасти кифояти ӯ боз дода. Агар бар вифқи маслиҳат аз рӯи иродат бар қоидаи мустақим ҳаракат кунад ва ба тадриҳ сӯи улум ва маориф ва одоб ва фазоил гарояд, шавқе, ки дар табиати ӯ ба найли каромат маркуз аст, ӯро ба тариқе рост ва қасди маҳмуд аз мартаба ба мартаба ва аз уфуқ ба уфуқ мерасонад, то нури

илоҳӣ бар ӯ тобад ва муҳоварати Маълои аъло ёбад ва аз муқаррабони ҳазрати самадӣ шавад ва агар дар мартабаи аслӣ сукун ва иқомат ихтиёр кунад ва зимом ба дасти табиати худ диҳад, ӯро ба тариқи интикос рӯй ба самти асфал гардонад ва шавқе фосид ва майле табоҳ монад шаҳватҳои раддия, ки дар табоеъи беморон бувад, бо он изофат шавад, то он ки рӯз ба рӯз ва лаҳза ба лаҳза ноқистар мешавад ва инҳитот ва нуқсон ғалаба меёбад. То монанди санге аз боло ба нишеб гардонанд ба камтар муддате ба дараҳаи адно ва мартабаи ахас расад ва ин мақоми ҳалокат ва бавори ӯ бувад. Чунонки гуфтаанд: (он нафас аст, ки агар ӯро маҳмал гузорӣ мулозимати хасосат гирад ва фурӯмоягӣ ёбад ва агар ба ҳунбишаш оварӣ мутамоилаш созӣ ба ҳониби фазоил, шефта ва ҳарис гардад)».

Инсон аз назари ҳисмонӣ мавҳудест бас ҳақиру нотавон ва дар қиёс бо бузургии ҷаҳон табиати бениҳоят кӯчаку ночиз, чунонки бештари  ҳайвонот ва паррандагон, ҳатто ҳашароти заъифҳуссае аз қабили пашша ва парвона дар ҳадди худ-қудрати баданӣ ва нерӯи пойдориашон дар баробари гармо ва сармо ва боду борон бо гуруснагӣ ва ташнагӣ ... ба маротиб аз одамон бештар аст. Тусӣ дар ин маврид гуфтааст: «Аксари ҳайвонот аз инсон комилтаранд ва бар муроди хеш қодиртар, чунонки мушоҳида меафтад аз тамаъи саг бар хӯрдан ва шаъфи хук бар шаҳват рондан ва савлати шер дар қаҳру шикастан ва амсоли эшон аз дигар аснофи сибоъ ва баҳоим ва мурғон ва ҳайвоноти об ва ғайри он».

Вале ба қавли Саъдӣ шарофати тани одамӣ ба ҳони ӯст ва шахсияти воқеӣ ва ҳамоли ҳақиқии ӯ «на чашм асту зулфу оразу хол».

Тани одамӣ шариф аст ба ҳони одамият,
На ҳамин либоси зебост ҳони одамият.
Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,
Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.

Хайём баъзан аз маъюсию навмедии хеш аслан омадан ба ин ҷаҳонро кори хато меҳисобад:

Гар омаданам ба ман будӣ номадаме,
В-ар низ шудан ба ман будӣ кай шудаме.
Беҳ з-он набудӣ, ки дар ин дайри хароб,
На омадаме, на шудаме, на будаме.

Чунки ба андешаи ӯ, дар ин олам - «шӯристон», одамӣ хушбахт касест, ки аслан зуд омадаву зуд рафтааст, вале осӯда касест, ки аслан ба ҷаҳон наомада бошад:

Чун ҳосили одамӣ дар ин шӯристон,
Ҷуз хӯрдани ғусса нест то кандани ҷон.
Хуррам дили он, ки з-ин ҷаҳон зуд бирафт,
В-осӯда касе, ки худ наёмад ба ҷаҳон.

Ба андешаи Асадии Тусӣ, инсон ягона офаридаест, ки дорои истеъдоди рушди маънавӣ ва расидан ба офаридгорро дорост ва камоли матлуби ӯ ва иллати ғоии офариниш ва зиннатбахши замин ва ҷомеи тамоми некӯиҳост:

Хирад, ҷонвар беҳ зи мардум надид,
Ки мардум тавонад ба Яздон расид.
Замини Эзид аз мардум оростааст,
Зи гетӣ варо хонад ҳамноми хеш.
Ҳама некӯиҳо ба мардум накӯст,
Зи Яздон тамоми офариниш бад-ӯст

Набояд, ки андешаи шаҳриёр,
Бувад ҷуз писандидаи кирдгор.
Зи Яздон шиносад ҳама хубу зишт,
Ба подоши некӣ биҷӯяд биҳишт.

Дар назари Фирдавсӣ дар ин олам чизе беҳтар аз «илму дониш» нест:

Зи дониш беҳ андар ҷаҳон ҷеҳ нест,
Тани мурдаву ҷони нодон якест.

Думболи ӯ Низомӣ фармуда:
Чу бад кардӣ машав эмин зи офот,
Ки воҳиб шуд табиатро мукофот.

Мавлоно ин ҳаҳонро кӯҳ ва рафтори инсонро он нидое медонад, ки дар зиндагӣ танҳо ҳамон «садои худро» мешунавад:

Ин ҳаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,
Боз ояд сӯи мо аз кӯҳ садо.
Чунки бад кардӣ битарс эмин мабош,
З-он ки тухм асту бирӯёнад Худош.
Кай каҳӣ кардӣ туву кардӣ ту шар,
Ки надидӣ лоиқашдар пай асар?
Кай фиристодӣ даме бар осмон,
Некие аз пай наомад мисли он.

Ҳои дигар Мавлоно инсонро «ҳавҳар», «ғараз» - яъне асосӣ ва дунёро «араз»- яъне дуввумдараҳа, «фаръ» фармуда:

Тоҳи каррамност бар фарқи сараш,
Тавқи аътайнокаст овези бараш.
Ҳавҳар аст инсону чарх ӯро араз,
Ҳумла фаръу поянду ӯ ғараз.
Баҳри илме дар наме пинҳон шуда,
Дар се газ тан, оламе пинҳон шуда.[2]

Иқбол маънои зиндагиро дар «лаззати парвоз», «одамиятро дар эҳтироми одамӣ», шӯру шавқ, мастию сӯз, сӯзу гудоз, орзӯю таманно, дунболи ҳадафҳо рафтан, «каргасӣ накардан», «шоҳинзода зистан», «Андар ин олам мақоми худ шинос», ҳаракат, саъй талош - «як нафас осуданаш нобудан аст», «худӣ», «маҳкуми тан нашудан», аз «боз боз будан», «аз

[2] Мавлоно. Маснавии маънавӣ, дафтари панҷум аб. 1005.

шоҳин шоҳин будан», «аз шер шер будан», «аз булбул булбул будан»-ро талаб кардааст.

Албатта, доманаи ин масъала басе ҳаззобу дилкаш аст, аммо наметавонем онро беш аз ин дунболагир бошем, вале ҳар касе дар бораи маъно ва ҳадафи зиндагӣ чиз нагуфта бошад, ҳар инсон ҳуқуқҳои фитрӣ –модарзодӣ, қонунӣ ва дар қонунҳои асосии кишвар сабт ёфтаанд. Ҳар касе ҳуқуқ дорад зиндагии худро дорои маъно ва ҳадафи муайян кунад: дӯст дорад, саодатманд бошад, ба орзӯҳояш бирасад, фатҳи қуллаҳои баланди зиндагиро ихтиёр намояд. Дунё бекарон аст, барои ҳар касе ҳои ишқ варзидану таҳсил кардану оила ва фарзандонашро хушбахт гардонидан, корнамоиҳо, қаҳрамониҳо вуҳуд дорад, ки онҳоро анҳом диҳад. Аммо ҳамеша одаму одамияти худро бо сифатҳои ҳамидаи инсонӣ музайяну ороста гардонида, ҳуқуқҳои дигаронро барои зистан дар рӯи замин, зери шуъои офтобу моҳтоб будан, халалдор накарда умр ба сар барад, то ҳар меҳмони хонадони худро сари дастархони пурнозу неъмат даъват карда, як пиёла чой бо ҳам нӯши ҳон карда тавонад. Таҳқиру озор, ахлоқи разилона, душманиву адоват, қаллобиву нашъаҳаллобӣ, таҳсил накардану илм наомӯхтан, чоплусию косалесӣ, дуздиву ғоратгарӣ, бесаводию ҳоҳилӣ ва дигар сифатҳои бади ахлоқӣ касеро саодатманд нагардонидааст. Баръакс, ҳар касе ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дошта бошаду тибқи дастурҳои китобҳои осмонӣ, риояи қонуну конститутсияҳои дунявӣ зиндагиву кору эҳод карда бошад, хайроти зиндагӣ тамоми кору бори ӯро саршори фараҳу шодӣ, одаму одамият, саодатманду хушбахт, лабрези ишқи зиндагиву зану фарзандон, хонаводаву кишвараш мегардонад.

Беҳуда нест, ки нақши худшиносӣ барои Мавлоно он қадар манзалати олӣ дошт, ки ӯ инсонро ба худшиносии ахлоқии

худ даъват карда, чизи дигареро беҳтар аз «хушахлоқӣ» намедонист ва ҳозир буд пеши пояш худро қурбон кунад:

Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ,
Ҳеҷ аҳлият беҳ аз хулқи накӯ.
Ҳар киро хӯи накӯ бошад бираст,
Ҳар касе кӯшишаи дил бошад шикаст.
Дон, ки хушхӯ он бувад, к-ӯ дар ҳамул,
Бошад аз бадхӯйиву бад туғён ҳамул.
Пас бидон, ки сурати хуби накӯ,
Бо хисоли бад наярзад як тасӯ.
Вар бад сурати ҳақиру нопазир,
Чун бувад хулқаш накӯ, дар пош мир.

## БАРДОШТУ ХОТИРОТ

**Мирзодавлат НИДОЗОДА**
*омӯзгори Гимназияи давлатии*
*ноҳияи Панҷ*

### ЗИНДА БОШӢ, ЭЙ ҲАКИМУ ФАЙЛАСУФИ НОМДОР!

*(хотироте дар заминаи истиқболи 80-солагии файласуфи миллӣ устод Комил Бекзода)*

Ман, Мирзодавлат Нидозода сокини Ҷамоати Озодагони ноҳияи Панҷам. 18 феврали соли 1971 дар деҳаи Турдишайхи Ҷамоати деҳоти Сармантой (ҳозира Ҷамоати деҳоти Озодагон) дар хонаводаи зиёӣ ба дунё омадаам. Факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муаррих ва муаллими таърих хатм кардаам. Солҳои дароз дар мактабҳои миёнаи умумии №4, 2, Литсейи давлатӣ ва Гимназияи давлатии ноҳияи Панҷ аз фанни таърих дарс додаам. Феълан омӯзгори фанни таърихи Гимназияи давлатии ноҳияи Панҷ мебошам.

Ба воситаи дӯстам Нозим Нурзода бо донишмандону муҳаққиқону зиёиёни саршиноси миллию ватанӣ бо шумули устод Комил Бекзода, равоншод Мирзо Боқӣ, Меҳр Собириён, Нуриддин Шаҳобиддин, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Исомиддин Шарифзода, Номвар Қурбон, Меҳрдод Субҳонӣ, Фирдавс Ниёзӣ, Назрӣ Асадзода, Бозорбой Ибодӣ, Нурмуҳаммад Сафарзода, Алии Муҳаммадӣ, Муҳаммадалӣ Музаффарӣ, шодравон Саъдулло Раҳим ва садҳои дигар шинос шудам ва ошноӣ бо бузургони ҷумҳуриро ҳамчунон идома медиҳам.

Рости гап, ошноӣ бо файласуфи фарзонаву озодаи тоҷик устод Комил Бекзодаро ҳадяи сарнавишт мешуморам, зеро ки

баъди шиносоӣ ва чанд дидору мулоқот бо ин симои намоёни фалсафаи муосири миллӣ ва шахсияти барҷастаи фарҳангӣ, ки дар донишу маърифат ва хоксорию тавозуъ дар қаламрави мамлакат ҳамто надорад, худро бакуллӣ дигар хел дарёфта, дар зиндагии шахсию ҷамъиятиам таҳаввулоти назаррасеро эҳсос намудам. Ҳар замоне ки ошноиамро бо ин шахсияти нодири фалсафа ва фарҳанги муосири тоҷик ёд меоварам, ногузир маро эҳсосоти хушоянде фаро мегирад. Эҳсосоте, ки руҳу равонамро болида месозад ва қудрату тавоноии фикрию эҷодиамро тақвият мебахшад.

Дар яке аз суҳбатҳои ахирӣ бо Нозим Нурзода, ки 20 августи соли ҷорӣ дар ҳавлии мо сурат гирифт, масъалаи таҳияи ёддошту хотирот роҷеъ ба шахсияти устод Бекзода пеш гузошта шуд ва бо маслиҳату машварати дӯстам Нозим Нурзода тасмим гирифтам, хотиротамро мухтасаран рӯйи коғаз биёварам. Ва ҳоло ки дар арафаи ҳаштодсолагии устод Комил Бекзода қарор дорем, хотироту ёддоштамро аз ин шахсияти истисноии илму фалсафаи миллӣ дар чанд нуктаи мухтасар баён менамоям. Ёдовар мешавам, ки ошноии банда бо устод Комил Бекзода дар чанд марҳила ва ба истилоҳ лаҳзаи хотирмон иттифоқ афтодааст. Бинобар ин, ба назарам, баёни матлаби ёддоштӣ бо таъкиди марҳилаҳои шиносоӣ ва лаҳазоти хотирмони зиндагӣ айни муддаост. Пас, аз он мароҳил ва лаҳазоти ширини зиндагӣ шуруъ мекунам.

**Якум.** Дар бораи устод Комил Бекзода ва шахсияти фалсафию фарҳангию ахлоқию отифии ӯ охири солҳои навадуми садаи бист (солҳои 1998-1999) ва ибтидои солҳои duҳазоруми асри бисту як аз забони як тан аз дӯстону фарҳангиёни он замон ҷавони деҳотӣ Нозим Нурзода, ки ифтихори шогирдии устод Бекзодаро доштанду доранд, зиёд шунида будам. Бо Нозим Нурзода аз охири солҳои ҳаштодуми асри бист дӯстӣ дорам ва дӯстии мо дар имтидоди солҳо то ба

дараҷаи бародарӣ ва хешу таборӣ расидааст. Он замон бо Нозим зиёд атрофи масъалаҳои гуногуни таърихию фалсафию фарҳангӣ суҳбат мекардем. Нозим аснои суҳбат дар бисёр мавридҳо аз сатҳи баланди донишу биниши дӯстону шарикдарсони донишгоҳиаш Ҳафиз Холиқзода, Нуриддин Шаҳобиддин, Абдусабури Абдусамад (Озод) ва Усмон Камолиён, ки аъзои фаъоли маҳфили фалсафии "Ҷаҳони андеша"-и устод Бекзода ва аз муассисони маҳфили илмию адабии "Зиндарӯд"-и факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд, ёд карда, бахусус аз фарзонагию озодагӣ ва шеваи суханварию салиқаи фалсафии садри маҳфили фалсафии "Ҷаҳони андеша" устод Комил Бекзода сухан дар миён оварда, ғолибан хислату мушаххасоти ахлоқӣ, ҳувиятӣ, маърифатӣ, фалсафӣ, илмӣ, адабӣ ва инсонии мунҳасир ба фарди устод Бекзодаро васфу ситоиш менамуд. Ман, ки таърифу ситоиши устод Бекзодаро аз забони Нозим шунида будам, бештару бештар мароқ зоҳир мекардам, то бо ин шахсияти бузурги фалсафию илмӣ аз наздик ошно шавам. Ин буд, ки ҳар бори гуфтугӯю мулоқот бо Нозим ҳисси кунҷковиам роҷеъ ба устод Бекзода боло гирифта, аз Нозим суолоти зиёде атрофи файласуфи озодаву фарзонаи миллӣ мекардам. Аз тарзи ҷавобу посухгӯйии Нозим ба пурсишҳои мутааддиди банда хиёлан қиёфа, тарҳи рӯйю андом ва портрети устодро дар зеҳни худ тарсим мекардам ва чеҳраи нуронӣ ва пур аз отифати Бекзодаро дар тасаввури худ ҷо дода, дар олами руъёи шахсӣ ҷараёни сухангӯйӣ, симои отифӣ, забони суфтаю сода ва баёни фалсафии мавсуфро бо кайфияти тамом тамошо мекардам.

**Дуюм.** Бояд ёдовар шуд, ки дӯстам Нозим Нурзода ҳар тобистон ба аёдати падару модар, додару хоҳарон, хешу ақрабо ва ёру дӯстонаш ба деҳа меомад ва омадани ӯ барои мо дӯстону ҳамнишинон василаи хуби суҳбат ва ба истилоҳ,

чақчаққои фарҳангӣ буд. Бо омадани Нозим фарҳангиёну рӯшангарони маъруфи деҳотӣ шодрамон Давлатёри Азиз (1930-2007, аз ҷумлаи муаллимони машҳури минтақа ба шумор рафта, то расидан ба синни нафақа дар вазифаи омӯзгори таъриху ҷамъиятшиносии мактаби миёнаи №4-и ноҳияи Панҷ фаъолият карда, Аълочии маорифи халқи Иттиҳоди Шуравӣ буд), Аҳтамшоҳ Авазӣ (1938-2006, донишманд ва равшанфикри шинохтаи деҳотӣ, ҳамсабақи устод Бозор Собир буд ва солҳои тулонӣ вазифаи мудири қисми таълими мактаби миёнаи №4-и деҳаи Турдишайхро ба уҳда гирифта, солҳои охири ҳаёт вазифаи директории мактаби миёнаи №20-и деҳаи Сафедорони Ҷамоати деҳоти Озодагонро бар уҳда дошт), Шамси Раҷаб (1931-2013, мактаби олӣ нахонда буд, вале марди ҳунару мутолеа ва донишманди ҳоҳиирҷавоб буда, тоби шунидани дурӯғу музахрафоту хурофотро надошт ва бо табақаи хурофотию мутаассиб доимо даргир мешуд ва аҳли таассубу хурофот аз неши забони ӯ метарсиданд), Раҳматулло Нидозода (1929-2019, рӯшангари машҳури музофотӣ, ки солҳои дароз вазифаи директории мактабро бар дӯш дошта, дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавони минтақа саҳми муносиб гузоштааст) ва Искандар Абдураҳмонов (1924-2016, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюби дараҷаи якум, танҳо маълумоти синфи ҳафтумро дошт, аммо пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вазифаҳои котиби Ҷамоати деҳот, муншии Хоҷагии дастҷамъӣ (колхоз), мудири бахши чорводории Хоҷагии ба номи Дзержинскийи ноҳияи Панҷ, сардори бахши мудофиаи шаҳрвандии Хоҷагии ба номи Дзержинскийи ноҳияи Панҷ фаъолият карда, бо мавқеъгирии давлатӣ ва ҷаҳоншиносии хуби сиёсӣ миёни доираҳои расмию давлатӣ ва мадании минтақа обруманд буд) ба хонаи падариаш ташриф меоварданд ва нишастҳои ҷолибе бо ҳузури эшон сурат мегирифт. Ман низ аз ин гуна суҳбату

нишастҳо зиёд баҳра мебурдам ва маъмулан, шабҳо, пас аз масруфиятҳои хонаводагӣ, ҳамроҳи Нозим нишаста, соатҳои тулонӣ, ҳатто то як поси шаб дар хусуси масъалаҳои адабию фарҳангию фалсафию илмию иҷтимоӣ суҳбат мекардем. Дар ҷараёни ин гуна суҳбатҳои тулонӣ ҳам, Нозим бо тақозои мавзуъ ва масъалаи баҳсӣ аз устод Бекзода ёдовар мешуд ва тазаккур медод, ки яке аз вижагиҳои ахлоқию ҳувиятии устод он аст, ки ба аъзои маҳфили "Ҷаҳони андеша" (муассиси маҳфил худи устод Бекзода буданд ва онро соли 1993 таъсис додаанд) ва умуман, ҳаводорони илму маърифат китобҳои заруриро барои мутолеа медиҳад. Ин хислати наҷиби устод боиси он шудааст, ки садҳо ва ҳазорон ихлосмандони илму фалсафа ва фарҳангу маънавиёт назди устод меоянд ва ба баракати саховати маънавии ӯ аз илму фалсафаи миллию ҷаҳонӣ огоҳ шуда, масири худшиносию худогоҳиро мепаймоянд.

**Сеюм.** Ҳамин тариқ, июли соли 2000-ум таври муфассал бо шахсияти илмию фалсафии устод Бекзода аз тариқи суҳбати дӯстам Нозим ошно шудам. Тафсилоти мухтасарро меоварам. Нимаи аввали рӯзи **21 июли соли 2000-ум** ба дидори дӯстам Нозим Нурзода, ки ба аёдати падару модар ва ёру бародар ба зодгоҳаш омада буд, ба манзили падариаш рафтам ва Нозимро масруфи анҷом додани баъзе умури хонаводагӣ дарёфтам. Нозим ба ҷамъ овардану мураттаб ба коҳдон ҷо кардани ғарами коҳ машғул буд ва пас аз салому алайк аз саломатию кору бори дӯстони душанбегиаш пурсон шудам. Нозим пас аз салому алайк ба кори худ идома дода, аз вазъи маърифатию мадании пойтахт гап кушода, бадеҳатан дар бораи равиши кор, сабки андеша, шеваи мутолеа ва фалсафаи устод Бекзода сухан кард. Ман, ки қаблан дар хусуси ин шахсияти бузурги миллӣ ва илму фалсафаи ватанӣ аз забони Нозим суханҳои муқаддимотие шунида будам, зуд ба суолу

пурсиш гузаштам ва барои беҳтар ошно шудан бо ин симои нотакрори илму фалсафаи тоҷик кунҷковиҳо намудам.

Ба ҷунбуҷули Нозим, ки аз ҷамъоварию ба коҳдон мураттаб ҷо кардани анбуҳи коҳ иборат буд, кумак карда, ҳамзамон оромонаю иштиёқмандона ба суханони ӯ гӯш медодам ва дар мавориди зарурӣ суволот пеш меовардам. Нозим гоҳе бо ҷиддият ва гоҳе ба шӯхтабъӣ, ки аз устод Бекзода бевосита омӯхтааст, ба суолоту пурсишоти ман ҷавоб медод ва аз кору пайкори фикрию фарҳангии устод қисса мекард. Махсусан, нақлу қиссаҳои Нозим дар хусуси маҳорати арабидонии устод Бекзода дар Донишгоҳи Қоҳираи Миср, ошноӣ бо файласуфони бузурги Донишгоҳи маъруфи Қоҳира, тарзи тадрис дар донишгоҳҳои арабӣ, сатҳи донишу биниши донишҷӯёни мисрӣ, маҳорати фавқулодаи тарҷумонии ӯ дар Яман ва батамом хондани китобхонаи яке аз шаҳрҳои Яман, ки устод онҷо тарҷумонӣ мекард, хеле ҷолибу хотирмон буданд. Суҳбати назди коҳдон ончунон мароқовару ҷолиб буд, ки ҳар ду гузашти вақтро эҳсос накардем ва ҳамин тур, наздик ба чаҳор соат, бидуни танаффус гуфтугӯ намудем. Дар меҳвари гуфтугӯҳои мо, албатта, шахси Бекзода қарор дошт ва симои меҳварии гуфтумонамон маҳз ӯ буд. Ба ин маъно, нахустин маротиба **21 июли соли 2000-ум** ба таври муфассал дар бораи устод Бекзода тавассути дӯстам Нозим Нурзода маълумоти дақиқ пайдо кардам ва шуълаи иштиёқи дидору мулоқот бо ӯ дар дилам фурӯзон шуд.

**Чорум**. **Декабри соли 2004**, ҳангоми интизор шгудани нақлиёти ҷамъиятӣ дар истгоҳи Боғи ҳайвонот (он замон дар шуъбаи ғоибонаи факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил мекардам), тасодуфан шахсеро дидам, ки дар сар кӯлоҳ ҳамроҳи нафари дигаре суҳбаткунон пойи пиёда ҷониби маҳаллаи Қарияи Боло қадам мезанад. Нақлҳои Нозимро ба ёд оварда, тахмин задам, ки марди кӯлоҳбасар

шояд устод Бекзода бошад, чаро ки дӯстам ҳамеша аз тарзи фавқулодаи пӯшидани кӯлоҳи устод зиёд таъриф мекард. Оромона дунболи кӯлоҳбасар ва нафари ҳамсафараш равон шудам ва ба суҳбатҳои мусоҳибон нозукона аҳаммият додам, то ин ки шахсияти марди кӯлоҳбасарро дақиқ намоям. Аз тарзи гуфтугӯйи самимона ва тавзеҳоти олимонаи кӯлоҳбасар дақиқ кардам, ки устод Бекзода аст, вале ҳамоно ҷуръат намекардам, ки пештар оям ва худро шиносонам. Хушбахтона, дар маҳаллаи Қарияи Боло мусоҳибин ҳар ду хайрухуш карданд ва марди кӯлоҳбасар ҷониби маҳаллаи Калинин (ҳозира Меҳробод) қадамзаниро идома дод. Фурсатро ғанимат шумурда, ҷуръат пайдо намуда, ба кӯлоҳбасар муаддабона салом додам ва суол кардам:

Бубахшед, Шумо устод Бекзода нестед?

Устод як ба ҷониби ман назар андохта, ҷуръатмандона гуфтанд:

- Бале, ман Бекзода ҳастам, вале шуморо нашинохтам. Аз куҷо маро мешиносед?

Ман, ки аз дуруст баромадани гумонам хушнуд шуда будам, бо эҳсосот гуфтам, ки ғоибона дар бораи шахсияти Шумо аз тариқи нақлҳои дӯстам Нозим Нурзода ошноям ва чун орзуи дидори Шуморо доштам, дидан замон пайгириатон кардам ва бо ёфтани фурсати муносиб худро шинос намудам.

Устод Бекзода бо шунидани исми Нозим ва яқин кардани он ки аз ҷумлаи дӯстони ӯ ҳастам, симои кушодаи худро кушодатар намуда, пурсупосро бо ман давом дод ва ҳамин тур, то маҳаллаи Калинин ҳар ду суҳбаткунон рафтем. Аз он лаҳза ба баъд ошноии мо ба таври айнию ҳузурӣ оғоз ёфт.

**Панҷум. Нимаи дуюми ҳоҳи июни соли 2008** ба Душанбе барои анҷом додани баъзе корҳо омадам ва зуҳри **21 июни ҳамон сол** дар барномаи мустақими телевизионии “Пайванд” (дар шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон) суҳбати дӯстам

Нозим Нурзодаро дар мавзуи “Шахсияти фалсафии устод Рӯдакӣ ва мушаххасоти шеъри фалсафии замони Сомонӣ” тамошо кардам ва баъди анҷоми барнома зуд зангаш задам, то ки табрикаш намоям. Тамос гирифта, табрикаш намудам ва арз доштам, ки дар Душанбе қарор дорам ва бегоҳ ба аёдатат мерасам. Нозим арзи сипос намуда, хабарам дод, ки баъди ним соат дар Кӯли ҷавонон ҳозир шавам. Онҷо устод Бекзода ҳамроҳи дӯст ва шарикдарси донишгоҳии Нозим Нуриддин даъват шудаанд. Бо Нозим хайрухуш карда, зуд гӯширо ҷояш гузоштам ва тарафи Кӯли ҷавонон роҳ паймудам. Аллакай соати 13:30 дар истгоҳи Кӯли ҷавонон ҳозир шудам ва баъди чанд дақиқа Нозим омад ва ҳар ду барои мулоқот бо устод Бекзода ва Нуриддин ба ошхонаи Кӯли ҷавонон ворид гардидем. Дар ошхонаи Кӯди ҷавонон аллакай устод Бекзода ва Нуриддин машғули чойнушӣ буданд. Ин дувум маротиба буд, ки бо устод Бекзода вомехурдам. Бо ҳам даст додем ва ҳолпурсӣ намудем. Бори дигар Нозим маро бо устод Бекзода ва дӯсту шарикдарси донишгоҳиаш Нуриддин шинос намуд.

Нишасти онрӯзаи мо, ки чаҳор соат идома ёфт, дар хотирам сахт нақш бастааст. Онҷо устод Бекзода ва Нуриддини Шаҳобиддин, ки имрӯз аз ҷумлаи файласуфони матраҳи миллист, дар боби нақши фалсафа ва огоҳӣ дар рушди зеҳнии миллат ва таҳаввулоти фикрию ичтимоии башар суҳбати ҷолиб карданд. Ростӣ, ба суҳбати гуворою дилкаши устод Бекзода бодиққат гӯш медодам ва аз тарзи суҳбаторойӣ, калимасозӣ, ҷумлабандӣ ва фаҳмондадиҳии устод лаззат мебурдам. Дар ҷараёни нишасти онрӯза устод баъзан аз ман ҳам суол мекард ва аз вазъи фарҳангу маорифу рӯшангарии деҳотӣ мепурсид. То он ҷо ки медонистам ва масоили пурсишро дарк мекардам, посух медодам ва бо ироаи нуқтаназарҳои содаю обшустаи худ ба баҳсу мунозираҳо ворид мегардидам. Устод бо тамкину тавозуъи ба

худ хос ба суханҳои содаи банда гӯш медод ва ба дафтарчааш нукоте ёдддошт мекард ва қайду ишороте ҳам менамуд. Одати устод ҳамин будааст, ки бардошташро аз ҳар мулоқоту вохуриҳо мухтасаран сабт мекард ва ҳар нуктаи муҳиммеро, ки зарур мешумурд, дар дафтарчааш ёддошт менамуд. Хулласи калом, аз дидору мулоқоти онрӯза **(21 июни соли 2008)** ҳаловат бурдам ва то имрӯз муҳтавои он нишастро ба ёд оварда, афсус мехурам, ки чаро имкони сабти он лаҳзаҳои ҷовидониро наёфтам.

Рӯзи дигар (22 июни соли 2008) бо хиёлоти рангин ва қаноатмандии тамом ба деҳа баргаштам. Пас аз як ҳафта Нозим хабарам дод, ки муҳтавои суҳбати онрӯзаро устод Бекзода дар ҳафтономаи мустақили "Зиндагӣ" таҳти рубрикаи "Зиндагӣ чӣ мегӯяд?" ба нашр расонида, зимни баёни матолиб аз мани содаи музофотӣ ба унвони "рӯшангари деҳотӣ" ёд кардааст. Нусхаи ҳафтономаро Нозим ба ихтиёрам вогузошт ва чун саҳифаи махсуси онро варақ задам, ҳуш аз сарам парид. Устод он чанд калимаи саруло шикастаи маро обутоб дода, чунон таъриф кардааст, ки хиҷолатзада шудам. Акнун бубинед, устод чӣ сон шахсияти фавқулода аст ва чӣ гуна хайрхоҳӣ мекунад?! Аз ин пас, меҳру муҳаббатам нисбати устод ҳазорон маротиба афзуд ва ҳар гоҳ ки ба Душанбе меомадам, ҳатман ба аёдати устод мерафтам, то ҷойе ки дидорбинию хабаргирӣ ба урфу одати ҳамешагиам табдил ёфтааст.

**Шашум**. Лаҳзаи дигари хотирмоне, ки бо диидору мулоқоти устод иртиботи бевосита дорад, **18 феврали соли 2012** иттифоқ афтодааст. Дар курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар шаҳри Қурғонтеппа (ҳозира Бохтар) қарор доштам ва хостам бо дӯстонам Нозим ва Сорбон ҷашни зодрӯзамро дар шаҳри Душанбе таҷлил намоям. Ба ин муносибат, саҳари 18 феврали соли 2012 аз масъулини курси

такмили ихтисос вва бозомӯзии муаллимони шаҳри Қурғонтеппа ҷавоб гирифта, озими Душанбе шудам ва дар Душанбе Нозимро вохурда, якҷо тарҳи ҷашнро кашида, тадорукоти мелодиро муҳайё намудем. Дӯсти мо Сорбон (Сорбони Зиёратшоҳ аз зумраи ҳуқуқшиносон ва рӯшангарони деҳотист, ки солҳои зиёд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Панҷ кор карда, феълан дар Руссия қарор дорад) ҳам омад ва қарор додем, ки маҳфили ҷашниро дар маҳаллаи Калинин (Меҳрободи имрӯза) дар ҳавлии бародарам Назруллоҳ Нидозода (бародари азизам Назруллоҳ Нидозода собиқадори мақомоти умури дохилӣ буда, солҳои тулонӣ дар гӯшаву канори шаҳри Душанбе масъулиятҳои ихтисосӣ анҷом дода, дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятии пойтахт то имрӯз саҳми муносиб мегузорад) гузаронем. Шоми 18 феврали соли 2012 устод Бекзода ва писаркучакашон Дидавар Бекзодаро ба ҷашни мелод даъват намудем ва дар манзили бародарам Назруллоҳ нишасти хуби илмию фарҳангӣ бо ҳузури фаъоли устод Бекзода доир гардид (дар нишасти хуби оншаба дар баробари Мирзодавлат Нидозода, Нозим Нурзода ва Сорбони Зиёратшоҳ, ҳамчунин иддае аз ҷавонони бофарҳанги деҳотӣ бо шумули Фозилҷон Нурзода, Файзуллоҳ Нидозода ва амсоли онҳо низ ҳузур дошта, аз суҳбатҳои ҷолиби устод Бекзода баҳра бурданд). Он шаб табъу руҳам хеле болида буду сарам ба осмон мерасид, чаро ки дар хонаи мо файласуфи озода ва фарзонаи миллӣ Бекзода ҳузур доштанд ва бо суҳбатҳои гуворо хотири моро шоду болида мегардониданд. Ҳар қадар маҳфил тул мекашид, ҳамон қадар ҳозирин аз гармии суҳбати устод ҳаловат мебурданд. Ҳаво сард буд, аммо гармии сухани устод хонаву ҳозиринро гарм нигоҳ медошт ва сардии зимистониро ба гармои баҳорӣ иваз менамуд. Табъи устод Бекзода ҳам хеле болида буд: бо мароқи тамом суҳбат мекард, ёддошту хотироташро ироа менамуд,

қиссаҳои ҷолибу шуниданӣ нақл мекард, аз рӯзгори бузургони фалсафа сухан ба миён меовард, бо шӯхтабъии махсус ширинкорӣ мекарду латифаҳои ҷолиб мегуфт ва хотири ҳамагонро шод медошт. Аҷаб маҳфилу нишасте...

**Ҳафтум.** Дар он нишаст (манзур нишасти 18 феврали ссоли 2012 аст) бо устод наздиктар ошно шудам, то ҷойе ки минбаъд устодро дар базму сурҳои хонаводагии бародарам Назруллоҳи Нидозода даъват менамудам ва дар яке аз чунин базмҳо устод Бекзодаро бо падарам Раҳматуллоҳи Нидозода шинос кардам. Падарам Раҳматуллоҳ Нидозода (1929-2019), ки як умр муаллимӣ ва раҳбарӣ карда, аз шахсиятҳои сиёсию фарҳангии ноҳияи Панҷ ва қаламрави кӯҳистон маҳсуб мешуд, ба таърих ва фарҳанги миллию ҷаҳонӣ зиёд мароқ дошта, баҳсу мунозираҳоро дар атрофи масъалаҳои муҳимми зиндагӣ дӯст медошт, аз суҳбатҳои гуворои устод лаззат бурда, нисбат ба ин шахсияти илмӣ ихлосу самимияти хосса пайдо намуд. Ҳар гоҳ ки Душанбе мерафтам, падарам исрор меварзид, ки ҳатман устод Бекзодаро мулоқот намуда, салому паёмҳои роӯшангарони минтақаро расонам.

**Ҳаштум. 23 ва 24 марти соли 2019** устодро бо ҷумлаи дӯстони душанбегӣ бо шумули Дидавар Бекзода, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Исомиддин Шарифзода, Нурмуҳаммад Сафарзода дар деҳаи меҳмон гирифтем. Нимаи дуюми рӯзи 23 марти соли 2019 меҳмонони душанбегиро дар ҳавлии Пирмуҳаммади Нур истиқбол гирифтем ва то суҳбату гуфтугӯҳои фарҳангию мадании устод Бекзода ва ҷамъи меҳмонон то як поси шаб идома ёфт. Рӯзи дигар меҳмондорӣ бар уҳдаи банда вогузор шуд ва суҳбату гуфтумонҳои илмию адабию фарҳангии устод Бекзода дар сатҳи баланд давом кард.

Дар ҷараёни ду рӯзи меҳмонӣ аз ҳузури устод Бекзода зиёд истифода бурдем ва аз суҳбати ширину гуворои ӯву меҳмонони душанбегӣ, воқеан, завқи бадеию эстетикии худро

тақвият додем. Суҳбат дар шакли ширу шакар сурат гирифт, ба ин маъно ки устод аз тариқи суҳбатҳои ҷолиби фалсафӣ ва латифаҳои намакини мардумӣ моро ба ваҷд меоварданд ва дар айни замон, ҳунарманди варзидаи маҳаллӣ равоншод Абдушукур Сафарзода (1938-2023) бо суруду оҳангҳои дилнишини касбию халқӣ хотири ҳозиронро шод мегардониданд. Махсусан, субҳи рӯзи **24 марти соли 2024** меҳмононро барои тамошо ба кӯҳсори ноҳия бурдем ва дар он муҳити афсонавии баҳорӣ устод Бекзода бо табъи баланди шоирона ва ҷуръати файласуфона сари масъалаҳои гуногуни вуҷудию фарҳангӣ гуфтугӯ карда, бо таҳлилу арзёбиҳои фалсафию илмӣ маҳфилу нишасти моро рангинтар сохт. Шоми ҳамон рӯз ба манзил баргаштем ва дар ҳавлии мо бо ҳухури меҳмонони душанбегӣ ва пирони маърифатпарвари деҳа Пирмуҳаммади Нур, Раҳматуллоҳ Нидозода, Абдушукур Сафарзода ва дигарон суҳбати мондагоре иттифоқ афтод. Он ду шаб, дарвоқеъ, ифтихор мекардем, ки файласуфи фарзонаи миллӣ ҳамроҳи шогирдони мактаби фалсафии "Ҷаҳони андеша" меҳмони мо ҳастанд. Аз ин ба баъд худро шогирду пайрави мактаби фалсафию инсонии устод Бекзода меҳисобам ва аз ин тасмим меболам.

**Нуҳум.** Устод ба мо китобҳои зиёде барои мутолеа ройгон додааст ва феълан чандин китоби илмию тадқиқотӣ ва оммавии устод Бекзода рафҳои китобхонаамро зеб медиҳанд. Аз ҷумла китобҳои файласуфи рус Николай Фёдоров, файласуф ва орифи ҳиндӣ Шри Раҷниш Ошо, муҳаққиқ ва сиёсатмадори амрикоӣ Фредерик Старр ва дигар бузургони илму фалсафаи ҷаҳонӣ дар китобхонаи шахсиам маҳфузанд, ки онҳоро бароям устод Бекзода ройгон туҳфа кардаанд. Ба тариқи ошноӣ бо устод Бекзода сари мутолеаи китобҳои ҷиддӣ тамаркуз карда, ҷаҳонбиниамро сифатан тағйир додам ва ҳангоми дар Федератсияи Руссия қарор доштанам, ба

чандин китобхонаҳои шаҳрӣ роҳ ёфта, дар баробари асарҳои таърихию фарҳангӣ, аз осори файласуфони маъруфи аврупоӣ Артур Шопенҳауэр, Фридрих Нитше, Ҷон Пол Сартр, Албер Камю, Мартин Ҳайдеггер ва дигарон огоҳ шудам. Аз сӯйи дигар, ҳамнишинӣ бо устод Бекзода дари фалсафа ва донишҳои фалсафиро ба рӯям боз кард ва мероси арзишманди файласуфони ҷаҳониро ҳар куҷое бинам, харидорӣ мекунам ва мавриди мутолеа қарор медиҳам.

**Даҳум.** Дар ҳақиқат, аз ошноӣ бо ин ҳаким ва файласуфи муосири миллӣ ифтихор мекунам. Зимнан, устод Бекзода на танҳо ифтихори мо шогирдон, балки ифтихори миллатанд, зеро ки тамоми талошу ибтикороташонро ба хотири огоҳию бедории миллат кардаанд ва дар ин роҳи мушкилписанди зиндагӣ то имрӯз бардамона гом бармедоранд. Дар охир, бо истифода аз фурсат ба устод Бекзода сиҳҳатию саломатӣ, умри бардавом ва саодату хушбахтии рӯзгорро таманно мекунем. Воқеан:

Зинда бошӣ, эй ҳакиму файласуфи номдор,
Ифтихор аз ошноӣ бо ту дорам, ифтихор!

## ТАҚРИЗ

**Олимҷон ХОҶАМУРОДОВ**
*профессор*

## БОЗХОНИИ МАКТАБИ ФОРМАЛИЗМИ РУСӢ

*(Нигоҳи иҷмолӣ ба дарсгуфторҳои Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ «Растохези калимот». Муқаддима, тасҳеҳ, шарҳ, тавзеҳот ва замимаи Ш. Суфизода. -Душанбе, 2023. -400 саҳ.)*

Ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ баргардон ва нашри яке аз асарҳои илмӣ-назариявии донишманди маъруфи Эрон доктор Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ «Растохези калимот», ки дарсгуфторҳои эшон перомуни назарияи дабистони адабии формализми рус маҳсуб мешавад ва он ҳам бо шарҳу тавзеҳ ва муқаддимаву замимаи китобшиносии формалистони русӣ, барои дӯстдорони адабиёт ва мутахассисони ҷавони адабиёти форсии тоҷикӣ хидмати арзандаест. Зеро имрӯз дар адабиётшиносии ҷаҳони Ғарб ин равиши таҳқиқи осори бадеӣ мақоми хосаеро дорост. Тафсиру ироаи муҳаққиқонаи орои ин дабистори адабӣ, ки мавриди корбурди густардаи пажуҳишгарони адабиёти Ғарб қарор гирифтааст, барои ҷомеаи форсизабон танҳо дар тавони фарде чун устод Ш. Кадканӣ, ки дорои иҳотаву дониши жарфе аз фарҳангу адаби форсӣ, арабӣ ва ҷаҳон аст, имконпазир буд. Бо вуҷуди он ки устод Кадканӣ бо мактаби формализми русӣ тавассути тарҷумаи англисии осори эшон ошноӣ пайдо кардааст, орову андешаи пайравони ин нахларо хело дақиқу мӯшикофона дар қиёсу тақобул бо марҳалаҳои рушди адабиёти форсии тоҷикӣ

ва осори классиконамон барои донишҷӯёни пӯёву муҳаққиқини адабиёти форсӣ ироаю тафсир кардааст.

Ин дарсгуфторҳо аз он ҷиҳат дорои арзиши илмист, ки муаллиф зимни шарҳу тафсири назарияи формалистони русӣ, ба вижа андешаҳои поягузорони ин наҳлаи илмӣ-назариявӣ В.Б. Шкловский, Ю.Н. Тынянов, Б.М. Эхенбаум ва Р. Якобсон аз шеъри форсии тоҷикӣ шоҳид оварда, рагаҳои ин усули адабиро дар адабиёти классикиамон ҷустуҷӯ намудааст. Дар ин бора худи устод Ш. Кадканӣ дар пешгуфтори мухтасари китоб таъкид кардааст, ки ҳеҷ гоҳ ҳадаф надоштааст, «дар ҳадди як мутарҷими сифр боқӣ» бимонад ва он ҷо ки суратгароёни рус «ишорае ба як вижагӣ дар шеъри Пушкин ё Лермонтов кардаанд, ба ҷон кандану овонависӣ кардани он иборат», ки барои худам ва хонандаи ман номафҳум мемонд, иштиёқ варзидам. «Ҳамин ки фаҳмидам баҳс бар сари чӣ масъалаест, кӯшидам, ки шоҳиде барои он аз шеъри Мавлавию Хоқонӣ ва Саъдию Ҳофиз пайдо кунам».

Устод Ш.Кадканӣ маҳз аз ҳамин дидгоҳ ба муаррифӣ ва таблиғи мактаби формалистони русӣ иқдом карда ва аз он ҷиҳат маҷзуби он гаштааст, ки «... ин мактаб аз он мактабҳои халқуссооте нест, ки мисли коғаз оташ гирифта, дар як лаҳза шуълавар мешаваду таваҷҷуҳи ҳамагонро ҷалб мекунад ва сипас барои ҳамеша хомӯш мешавад. Ҳазфи ҷараёни фурмолизми русӣ аз таърихи назарияи адабию ҳунарии ҷаҳон, бегумон, амрест муҳол». Ба андешаи устод Ш. Кадканӣ: «Зеро ин мутафаккирон илова бар ҳарфҳои муҳимме, ки дар ҳавзаи масоили муртабит ба адабиёт, забони шеър, такомули адабӣ, ваҷҳи ғолиб ва пайранг худ гуфтаанд, сабаб шуданд, ки чандин ҷараёни бузурги давронсози дигар ҳам дар гӯшаву канори ҷаҳон, аз ҷумла дар Прог ва Порис ба таъсири ҳарфҳои эшон шакл бигирад».

Тавре ки Шодимуҳаммад Суфизода дар дебочаи китоб барҳақ ишора кардааст, дилбастагии устод Ш. Кадканӣ ба дабистони суратгароёни рус «аз он маншаъ гирифтааст, ки ба бештари назарияҳои ин мактаби илмӣ дар осори балоғиёни гузаштаи мо ишораҳое шудааст ва ин шабоҳати дидгоҳҳо таваҷҷуҳи ӯро ба ин таълимот барангехтааст».

Шарҳи муҳтаво ва бобу фаслҳои ин китоби судмандро ба хонандаи хушзавқ ҳавола мекунем. Гузашта аз ин, доир ба пайдоиши мактаби формализми русӣ дар даҳҳаи аввали асри ХХ ва иллатҳои парокандашавии он низ таваққуф намекунем. Зеро ҳам худи муаллифи китоб дар раванди гуфторҳои хеш ва ҳам Шодимуҳаммад Суфизода дар пешгуфтори арзишманди хеш перомуни ин масъала маълумоти кофие ироа доштаанд.

Дар ин мухтасар, банда ба ду мазоёи ин китоб мехоҳам таваққуфи иҷмолӣ намоям: Нахуст, дар бораи ташреҳу тавзеҳ ва ироаи муҳаққиқонаи устод Ш. Кадканӣ дар муаррифии назарияи формализми русӣ бо шоҳид аз адаби форсӣ ва дар қиёсу тақобул бо андешаву орои булағо ва шуарои пешинамон перомуни ин мақулоти суратгароёни рус. Дувум, роҷеъ ба кайфияти баргардон, шарҳу тавзеҳ ва замимаи китобшиносии мукаммал ба забонҳои русӣ ва англисӣ, доир ба ин мактаби адабӣ.

Дар даромади сухан устод Ш. Кадканӣ таъкид медорад, ки «бо ҳама арзише, ки суратгароии русӣ дар таърихи назарияҳои ҳунарию адабӣ доштаасту ҳанӯз ҳам дорад» донишҷӯён ва хонандагони худро намехоҳад «ба як суратгарои рус» мубаддал созад. Ҳадафаш дар ин китоб «чашмандозе ба мероси суратгароёни рус гушуда шавад ва баъзе аз зароифи ҳарфҳои эшон дар бораи ҳунару адабиёт дар зеҳну замири хонандаи ҷавони эронӣ ҳузури равшан биёбад» маҳсуб мешавад.

Яке аз вижагиҳои дарсгуфторҳои устод Кадканӣ дар тафсиру муаррифии дабистони формализми русӣ дар он аст, ки ӯ талош кардааст, то сарчашмаи пайдоиши ин таълимотро ҷустуҷӯ кунад. Решаи ин наҳларо дар ҷараёни нумодгароён (символистҳо)-и рус, ки дар боби масъалаи «арзиш» ба тааммул пардохта ба робитаи «фурм ва муҳтаво» таваҷҷуҳ кардаанд, тафаҳҳус намуда, ба натиҷае мерасад, ки ин таълимот аз андешаҳои фалсафаи И. Кант дар мақулаи «замон ва макон» об мехурад. Бад-ин робита бо як афсус тазкор медиҳад: «Боз, ба ёди беҳосилии «шибҳи фалсафа»-и худамон афтодам, ки дар тули ҳазору дивист сол, дасткам ҳар сол, кучактарин асаре ба ҷараёнҳои фарҳангию ҳунарӣ ва иҷтимоии мамлакати мо надоштааст». Сипас таъкид медорад, ки дар тули ҳазор сол хуб ё бад чандин ҷараёнҳои ҳунариву адабӣ ба вуҷуд омадаанд, аммо «дар ҳеҷ як аз ин ҷараёнҳову сабкҳо» радди пойи «фалсафа»-и худамонро наметавон пайдо кард. Аз ин рӯ, воқеъбинона ва бо сароҳат ёдрас мешавад, ки «решаи тамоми ҷараёнҳои хурду бузурги ҳунарию адабӣ ва сиёсию иҷтимоии Ғарбро бо тамоми ҷузъиёти он метавон дар андешаҳои фалсафии Ғарб ҷустуҷӯ кард, мисли ҳамин қазияи пайдоиши фурмолизм ё самбулизм».

Бад-ин робита дар қиёс бо афкори фалсафии Ғарб дар ташаккули пайдоиши ҷараёнҳо ва сабкҳои адабӣ, ишора ба он мекунад, ки ҷои файсафаро дар фарҳанги мо илми калом ва бештар ирфон ба дӯш гирифтаанд. Аз ин рӯ, муътақид аст: «Дар он сӯйи сабки шоирии Фирдавсӣ ва Носири Хусрав, бегумон тааммулоти муътазила нақши пинҳони худро дорад ва дар он сӯйи сабки шоирии Аттору Мавлавӣ- тааммулоти ашоира».

Баъдан масъалаи таъсири мероси маънавии ниёгонамонро дар ҳунару адабиётамон матраҳ намуда, чунин суолгузорӣ мекунад: «Оё мабҳаси «уқули ашара», ё мабҳаси «асолати

вуҷуд», «асолати моҳият», «иштироки вуҷуд» ва ё «ҳудуси даҳрӣ» кучактарин таъсире дар таҳаввулоти ҳунарию адабӣ ва иҷтимоию сиёсии мо доштааст ё на? «Ба ин суол худи устод чунин посух медиҳад ва бо он мутолиоте, ки эшон доранд, барҳақ аст: «То ҷойе ки дарсашро хондаам ва мухтасари ошноӣ бо ин мабоҳис ва таҳаввулоти фарҳангию иҷтимоии Эрону ислом дорам, ҳар чӣ мекӯшам ҷойи пое барои ин гуна мабоҳис дар ин гуна умур биёбам, ба кучактарин нишонае роҳ намебарам. Аз боби эҳтиёт менависам, ки агар пайдо шавад, бисёр нодир аст ва он нодир бисёр гаронбаҳост ва дар айни ҳол к-ал маъдум».

Тавре ки мулоҳиза шуд, устод Ш.Кадканӣ танҳо мубаллиғу муаррифи наҳлаи суратгароёни рус нест, балки ҳар як мақула ва ё андешаву орои ин мактабро дар қиёс бо адабу фарҳанги форсӣ ба муҳокима мегирад.

Ҳангоми шарҳу тафсири «Ҷараёни формализми рус» зимни таъкиди он ки бархе аз муҳаққиқин ҷараёни формализм ба далоили он ки «баъзе аз усули кори эшон бо «Бутиқо»-и Арасту» шабоҳат дорад, онро « зери чатри наварастуиён қарор доданд». Аз ин рӯ, ин андешаро зери суол қарор дода, устод Ш. Кадканӣ ибрози андеша мекунад, агар аз зовияи дигар ба ин ҷараён бингарем, рагаҳои ин ҷараёнро дар адабиёти милали мухталиф ва дар миёни назарияҳои адабии «мавҷудаи дунёи наву куҳан» метавон мушоҳида кард. Барои тақвияти андешаи хеш ин ҷараёнро дар абъоди суннати адабии форсӣ, ҳатто кишварҳои исломӣ ҷустуҷӯ мекунад.

«Агар дақиқ мулоҳиза кунем, -иброз медорад муҳаққиқ,- тарҳи кулли нигоҳи адибонамонро як тарҳи фурмолистӣ мебинем». Ба ақидаи эшон, Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ як фурмулисти бебаҳост. «Зеро,-тазаккур медиҳад муҳаққиқ, - дар таърихи адабиёти ҷаҳон ва дар таърихи назарияи адабӣ, шояд дар дунёи қадим, ҳеҷ касеро дар фурмолистӣ будан

натавон рӯёрӯйи ӯ қарор дод». Аз дидгоҳи устод Ш. Кадканӣ натанҳо Ҷурҷонӣ, балки Ҷоҳиз (мутакаллим ва адиби маъруфи араби қарни сеюми ҳиҷрӣ - О.Х) ҳам «як фурмолисти комилъиёр аст». Доктор Ш. Кадканӣ ёдрас мешавад, ки Ҷоҳиз «шеърият»-и як шеърро дар «нуқтаи тааҷҷуббарангезӣ»-и он мутамарказ мекунад, ва муътақид аст, ки «шеър чизест, ки қобили тарҷума нест, зеро дар тарҷума «нуқтаи тааҷуббарангезӣ»-и он аз миён меравад». Аз нигоҳи устод Кадканӣ, ин андешаи Ҷоҳиз баён ё паҳлуи дигар масъалаи марказии формализми русӣ - «ошноизудоӣ» (тарҷумаи хело дақиқи истилоҳи «остранения»-и русист - О.Х) маҳсуб мешавад.

Сипас қайд мекунад, ки агарчи дар баёни Ҷоҳиз ва Ҷурҷонӣ дар мавриди мафҳуми «ошноизудоӣ» сухане нест, «вале амалан ин ду тан пазируфтаанд, ки меъёри эстетикӣ дар ҳунар ва дар шеър «ҳамон нуқтаи тааҷҷуббарангезӣ»-и он аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ дар абъоди формалистӣ чунин ибрози андеша мекунад. «Ҳунарманд ва шоир бо халлоқияти худ моро ба шигифтӣ вомедорад. Вақте такрорӣ шуд, дигар тааҷҷуб намекунем, то ҳунарманди дигаре биёяд ва бо навъе ошноизудоии моро ба шигифтӣ водорад». Гузашта аз ин, устод Кадканӣ ба иртиботи ин мақула таъкид медорад, ки бештари баҳсҳое, ки дар адабиёти классикии мо перомуни масъалаи шеър сурат гирифтааст, «сурати диқиқу фаннии онро» дар «мабоҳиси сабкшиносии устодони форсизабони шибҳи қораи Ҳинд, аз қабили Сироҷиддин Алихони Орзу метавон мушоҳида кард, инҳо ҳама нигоҳи фурмолистӣ ва суратгароёна ба мақулаи шеър ва ҳунар» маҳсуб мешаванд.

Яке аз масоили бунёдии суратгароёни русӣ масъалаи «адабият» мебошад, ки истилоҳи русии он «литературность» аст. Аз нигоҳи суратгароёни русӣ, адабият ҳамон омилест, ки «модда»-и адабиро табдил ба як «асари адабӣ» мекунад. Аз ин

рӯ, тамоми саъю талоши ин мактаб ба омили кашфи он тамаркуз ёфтааст.

Сипас муҳаққиқ ба ироаи андешаи формалистҳои рус мепардозад. Аз назари эшон, муҳтаво чизе ҷуз ангезиши фурмҳо наметавонад бошад ва адабият ҳангоме оғоз мешавад, ки «ҳунарсоза»-ҳо (тарҷумаи зебои истилоҳи русии «художественный прием» - О.Х), ки ҳам бешуморанду ҳам муштарак (ҳадаф воситаҳои тасвири бадеист - О.Х) ва «аз ҳолати мафъулу ошно ва такрорию ғайрифаъоли худ» берун оянд ва тавре ба хонанда худро ошкор кунанд, ки гӯё «нахустин бор бо ин ҳунарсозаҳо рӯ ба рӯ шудааст». Кадканӣ барои дарки ин андешаи суратгароён байти зерини Ҳофизро шоҳид меорад ва онро аз зовияи диди суратгароён таҷзияву таҳлил мекунад:

Чу офтоби май аз машриқи пиёла барояд,
Зи боғи орази соқӣ ҳазор лола барояд.

Муаллиф дар тафсири ин байт ёдрас мешавад, ки ҳунарсозаҳое чун «офтоби май», «машриқи пиёла» ва «боғи ораз» ташбеҳҳоеанд, ки дар адабиёти форсию арабии то рӯзгори Ҳофиз ба такрор дида мешавад. Аммо он чи ки боиси ангезиши ин ташбеҳот дар ин байти Ҳофиз шудааст, «он амали зеҳнии шоир аст, ки бо ин «низоми нав» форме (қолабе) ба вуҷуд овардааст, ки дар он ин ҳунарсозаҳо аз нав фаъол ва хонандаро маҷзуб месозад. Аз нигоҳи суратгароён, «кори нависандаву шоир ин аст, ки ҳунарсозаҳоро фаъол кунад».

Бад-ин робита назарияи «адабият»-и суратгароёнро ба таври муъҷаз ба хонандаи форсизабон чунин ироа медорад: «Дар даруни ҳамин назарияи «адабият» ва фаъол кардани ҳунарсозаҳост, ки такомули осори адабӣ дар бистари бекаронаи таърихи адабиёти милали мухталиф шакл мегирад ва тамоми «мутиф»-ҳои нотавон ва ҳама ҳунарсозаҳои

берамақу аз кор уфтода фаъол мешаванд ва бо чеҳраи дигаре худро ошкор мекунанд».

Устод Кадканӣ зимни ташреҳи андешаҳои суратгароёни рус дар боби тамсил ба тавзеҳ пардохта ёдрас мешавад, ки ҳар «вожа» сиккаест, ки ду рӯй дорад». Инсонҳо дар гуфтугӯи рӯзмарра танҳо бо як рӯи он сарукор доранд, ки маъное ё паёмеро ба мо мерасонад, аммо рӯйи дигари сикка, ки ваҷҳи ҷамолшиносӣ (эстетикӣ - О.Х)-и ӯст, ғолибан, аз мо нуҳуфта аст! «Ва танҳо шоир аст, ки бо халлоқияти хеш он рӯйи дигари сиккаро ба мо бармало месозад, то масҳури он гардем. Ва хулоса мекунад, шеъри ноб он аст, ки мо қабл аз он ки «фаҳмида» шавад, масҳури зебоӣ ва ваҷҳи ҷамолшиносии он мешавем».

Дар таъйиди андешаҳои суратгароёни рус ёдовар мешавад, ки гоҳо мо «соатҳо масҳури як байти Саъдӣ ё Ҳофиз, ё Мавлавӣ, ё Фирдавсӣ мешавем ва онро бо худ замзама мекунем ва ҳаргиз ба маънии он коре надорем. Ҳамон ҳолати растохези калимаҳост, ки моро маҷзуби худ мекунад ва... ҳаргиз рӯйи паёмрасонӣ ва ҷониби маъноии ҷумдаро ба ёд намеоварем».

Дар мавриди мақулаи форма ё ба тоҷикӣ «шакл» ё «сурат» устод Кадканӣ пеш аз он ки вориди ташреҳи орои суратгароёни рус шавад, як сайри кӯтоҳе перомуни ин мақула дар илми фалсафа, забоншиносиву мантиқ менамояд. Аз ҷумла, тазаккур медиҳад, ки масъалаи «форма» ба чашмандозҳои гуногун ва дар тақобулҳои мухталиф мавриди таваҷҷуҳи фалсафа будааст. Аз ҷумла истилоҳи «ҷавҳар» (субстансия) ва сурат (форма) ва модда (материя) ҳамеша мавриди баҳси соҳибназарон будааст.

Бад-ин робита устод Кадканӣ ёдовар мешавад, ки дар тамаддуну фарҳанги Эрони асри исломӣ тақобуле миёни ҷавҳар ва араз ё моддаву сурат, ё айн ва араз, ё ҳаюлову сурат

мавҷуд аст, ки як навъ давоми ҳамин гуна муқобилгузорӣ буда, бо чашмандозҳои гуногун худро таборуз медиҳад.

Сипас ин баҳсро аз диди суратгароёни рус ба доираи тасрифу тавҷеҳ кашида, чунин ибрози назар мекунад, ки мо дар мактаби формализми русӣ «бо як тақобули дигаре рӯ ба рӯ мешавем, ки меҳвари тамоми мабоҳиси эшон аст». Ин тақобул ба таври куллӣ аз тақобулҳои пешин тафовут дорад, зеро ин тақобул миёни модда \ ҳунарсоза ё таъбири русӣ миёни материал\приём аст. Аз ин рӯ, таъкид медорад, ки «мо пеш аз ин моддаро дар баробари сурат ва руҳ, маънӣ ва ҳаюло медидем», аммо дар ин ҷо «модда» рӯёрӯйи «абзор» ё «ҳунарсоза» қарор мегирад. Ва зимни ташреҳи назарияи суратгароёни рус дар мавриди тақобули модда\ҳунарсоза, барои хонандагони эронӣ ин масъаларо ба тариқи зайл ташреҳ мекунад: «Мо дар як шеър бо «модда»-и забони рӯзмарра сару кор дорем ва аз тариқи ҳунарсозаи вазн, қофия, радиф, тасвир, мусиқии калимот ва ғайра «шеър» ба вуҷуд меоварем.

Баҳси меҳварие, ки суратгароёни рус онро қабул надоранд, ин тақобули деринаи «сурат» ва «муҳтаво» ё «шакл» ва «мазмун» аст. Онро амре бемаънӣ ва ғалат ҳисоб мекунанд. Аз назари эшон муҳтаво ҳамон чизест, ки аз тариқи сурат ба вуҷуд меояд.

Устод Кадканӣ ин назарияи суратгароёни русро бо баҳси «лафз»- «маъно»-и дар суннати адабиёти гузаштаамон ривоҷдошта, ки «тарафдорони лафз дар муқобили маъно ё тарафдорони маъно дар муқобили лафз» гуфтаанд, ба муқоиса гирифтааст. Ин баҳси қудаморо устод Кадканӣ, аз дидгоҳи Ҳофиз, ки дар байте фармудааст: «Чун ҷамъ шуд маонӣ, гӯйи баён тавон зад» оғоз карда, чунин ибрози назар намудааст: «Яъне дар чашмандози ӯ (Ҳофиз-О.Х), дастикам дар ҳамин байт, аввал бояд чизе ба номи «маъно» дар зеҳни шоир

шакл бигирад ва баъд, вақте шоир он маъноро дар шеъри хеш адо кард, он гоҳ масъалаи баён зоҳир мешавад. Аммо иддае буданд дар қадим ва ҳастанд дар ҳамин асри мо, ки хулосаи ҳарфашон акси назарияи Ҳофиз аст ва онҳо ақида доранд, ки «вақте баён аён шуд, ҳозир шавад маонӣ».

Сипас устод Кадканӣ иброз медорад, ки 'адибони классики мо бештар тарафдори назарияи аввалӣ, яъне ҳамон чизе ки Ҳофиз бад-он ишора кардааст, буданд. Аммо дар он давра онҳое, ки асолатро бо алфоз медодаанд ва «маонӣ»-ро матруҳе дар тариқ медидаанд, ба ҳамин нигоҳ расида будаанд».

Устод Кадканӣ ёдрас мешавад, ки суратгароёни русӣ бар ин ақидаанд, ки маъно ҳамон сурат аст ва сурат ҳамон маъно. Ва тамоми баҳси суратгароён бар сари фурми ҳунарист. Зеро дар ҳавзаи забон ҳеҷ чизе нест, ки аз дидгоҳи забоншиносӣ фурм надошта бошад, вале вақте ин шаклҳои забонӣ дар хидмати халлоқияти шоир қарор мегирад, фурми ҳунарӣ касб мекунанд. Барои дарки ин андеша устод Кадканӣ нахуст ду байти Ҳофиз бо корбурди халлоқони вожаи «оҳ» ва мисрае аз Манучеҳрӣ «Хезеду хазоред, ки ҳангоми хазон аст»-ро мавриди таҷзияву таҳлили сохторӣ ё ба қавле формалистӣ қарор дода, сипас ҳамчун намунаи беҳтарин ва боризтарин масъалаи фурми ҳунарӣ дар адабиёти классикимон ба достони « Рустаму Исфандиёр»-и Фирдавсӣ мепардозад.

Муаллиф дар он назар аст, ки дар «Рустаму Исфандиёр»-и Фирдавсӣ «тамоми моягониҳои ҳаммосӣ ва ривоятгарӣ даст ба дасти ҳам додаанд, то як фурми калон ва як пайранг (сужаи-О.Х)-и густардаро сомон диҳанд». Аз ин рӯ, муҳаққиқ чунин андешаронӣ мекунад: «Тақобули бунёдии ин шоҳкори ҳунарӣ реша дар таорузи «нав» (Исфандиёр ва оини Зардушт) ва куҳан» (Рустам ва оинҳои дерини сигзиён) дорад. Ҳар порчае аз он фурми калони ҳунарӣ қобили таҷзия ба фурмҳои кучаку кучактар аст».

Барои исботи ин андешаи хеш дар абъоди назарияи суратгароёни русӣ, устод Кадканӣ, хело муҳаққиқона ва бо як маҳорати бузурги хеш ин ду байти зерро таҷзияву таҳлил кардааст, ки то ба имрӯз аз ин дидгоҳ он таҳлили адабиётшиносӣ нашудааст:

Бибинем, то асби Исфандиёр,
Сӯйи охур ояд ҳаме бесавор.
Ва ё бораи Рустами ҷангҷӯй,
Ба айвон ниҳад бе худованд рӯй.

Баъд аз таҷзияи сохтории ин порча шеър чунин натиҷагирии муҳаққиқона мекунад:

«Бибинед, он чизе, ки Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ онро таваххӣ [~ҷустуҷӯ] мехонд ва банда онро ҳамеша «қудрати эҳзори калимот» тарҷума кардаам, чӣ мекунад: Исфандиёр ҳеҷ гуна сифате надорад, фоқиди васф ё эпитет аст, вале овардани сифати «ҷангҷӯй» барои Рустам, бо ҳама содагии калима, қудрати балоғии аҷиберо дар худ нуҳуфтааст...аҳли балоғат... калимаи «ҷангҷӯй»-ро ба унвони як «васф» epithet мебинанд ва таъсири равонии онро дар мухотаб ба гунае нохудогоҳ эҳсос мекунанд.. ва ба таъбири суратгароёни рус чӣ гуна мояи ангезиш ё ангехтагии (мотиватсия)-и тамоми аҷзои ин ду байт мешавад ва тамоми моягониҳои достонию трагедиро ба ҳаракат дар меоварад».

Бо овардани чанд намунаи дигар ва тавзеҳу таҷзияи онҳо аз дидгоҳи суратгарони русӣ, доктор Кадканӣ чунин натиҷагирӣ мекунад; «...ҳақ ба суратгароёни рус аст, ки фурмро ҳосили ҳамкории мутақобилаи аҷзои як матн медонанд ва ин назарияи эшонро шумо дар тамоми осори ҳунарию адабии ҷаҳон метавонад мавриди озмоиш қарор диҳед».

Гузашта аз ин, устод Кадканӣ муоидили «фурм»-и суратгарони русиро дар адабу фарҳанги эронӣ ҷустуҷӯ намуда, бо табаҳуре, ки аз адабу фарҳанги арабӣ ва форсӣ

дорад, онро чунин тавзеҳ додааст: «фурм» дар чашмандорзи суратгароёни русӣ чизест муодили «инсиҷом» дар зеҳну замири ҳунармандони эронии асри исломӣ ва муаллифони кутуби балоғат ва низ гузинишгарони шоҳкорҳои бемонанди адабиёти қадим».

Мақулаи ошноизудоиро зимни ташреҳи назарияи суратгароёни рус, устод Кадканӣ ба таври мӯъҷаз чунин таъриф кардааст: «ошноизудоӣ дар

назари суратгароёни рус ҳар навъ навоварӣ дар қаламравии сохту суратҳост ва ҳар падидаи кӯҳнаеро дар сурати наве даровардан; яъне «ҳунарсоза»-ро аз нав зиндаву фаъол кардан. Масалан, як ташбеҳро, ки ба иллати такрор дастмолӣ шуда ва наметавонад фаъол бошад, аз тариқе фаъол кардан» аст.

Барои ба хонанда рӯшан шудани мақулаи «ошноизудоӣ» устод Кадканӣ, аз адабиёти форсӣ мисоли содае меорад. Ӯ нишон медиҳад, ки ташбеҳҳои «чеҳраи маъшуқ чун офтоб» ва « ҷоми шароб монанди хуршед», хело забонзада ва ҳунарсозаҳои аз кор афтодаанд ва ҳеҷ таъсире ба хонанда намекунаду «паёме»-ро намерасонад, аммо дар шеъри як шоири начандон машҳури давраи Сафавӣ ё Қоҷор чунин ошноизудоӣ шудааст.

Офтоб аз сари майхона магзар, к-ин ҳарифон,
Ё бибӯсандат, ки ёрӣ ё бинӯшандат, ки ҷомӣ.

Сипас таъкид медорад, ки шоир ҳамон ҳунарсозаи дастмолшудаву мубтазилро сурате тоза бахшида ва аз он ошноизудоӣ кардаву ба он зиндагӣ бахшидааст». Ин амали ошноизудоист, зеро ба таъбири суратгароёни рус, ҳунарсозаеро, ки дигар корию ҳаёт надоштааст бо навоварии худ «зиндаву фаъол кардааст».

Аз ин манзар ба қавли устод Кадканӣ «саросари девони Ҳофиз мазҳари ошноизудоист».

Дар зимн устод Кадканӣ ба андешаи В. Шкловский, ки миёни ошноизудоӣ ва фурм як навъе вобастагии ҳамдигариро таъйид медорад, ба баҳс пардохта, ва ин нуктаро гумроҳкунанда меҳисобад ва қотеан изҳор медорад: «На ҳар фурме фурми ҳунарист ва на ҳар ошноизудоӣ халлоқиятӣ ҳунарист».

Муҳаққиқ муоидили «ошноизудоӣ»-ро дар шоирони сабки ҳиндӣ низ ҷустуҷӯ карда ба натиҷае расидааст, ки шоирони пайрави ин сабк, фаъол кардани хунарсозаҳоро «маънии бегона» мехондаанд ва дар ҷавҳари андешаи эшон ҳам чизе аз навъи ошноизудоӣ вуҷуд доштааст, ки ба сурати «маънии бегона» худро нишон медодааст.

Аз ин рӯ, ба хулоса омадааст, ки «тамоми навовариҳои дар ҳавзаи адабиёт ва хунар, ҷуз дар мавориде бисёр истисноӣ ва нодир, аз мақулаи ошноизудост».

Дар боби мақулаи «Ваҷҳи ғолиб ва ангезиш» муодили русии он «Доминант и мотиватсия», устод Кадканӣ бо зикри назарияи суратгароёни рус зимни андеша перомуни масъалаи такомули адабиёт ва

дар дохили он рушду такомули як жанро чунин тавзеҳ медиҳад, ки бо далелҳои таърихию иҷтимоӣ унсури фаромӯшшуда ногаҳон вориди саҳна мешавад ва «табдил ба ваҷҳи ғолиб мегардад». Маҳз ин унсури ҷадид ба ҳайси ваҷҳи ғ-олиб муддатҳо дар саҳна боқӣ монда аносури дигарро низ фаъол кунад. Барои шарҳи ин назарияи суратгароёни рус, муҳаққиқ ба адабиёти классикиамон мурочиат мекунад ва изҳор медорад, ки ин фаъолшавии аносирро дар партави зуҳури як ваҷҳи ғолиб агар хоҳем дар адабиёти худамон пайдо кунем он зуҳури муҷаддади аносири маздоӣ дар даруни адабиёти ирфонии мост.

Ёдрас мешавад, ки: «Вақте парадигмаҳои муғу муғбача ва зуннору дайри муғон, ки бо зухури ислом аз саҳна хориҷ шуда

буд ё ба каноре ронда шуда буд, дубора зинда мешавад ва вориди шеъри зуҳду ирфони қарни панҷум мешавад, ногаҳон ҳама темҳову (мавзуъҳову - О.Х) мутифҳои рокиду барканормондаро низ фаъол мекунад ва ин кор дар шеъри Саноӣ марҳалаи дурахшону чашмгири худро нишон медиҳад». Ва ин ваҷҳи ғолиб, яъне аносири шеъри муғонаи форсӣ... то қарнҳо (шояд то зухури сабки ҳиндӣ ва зуҳури ваҷҳи ғолиби дигар) ин зуҳур ҳамчунон барҷост ва дар шеъри Ҳофиз авҷи худро нишон медиҳад.

Бозхонии ҳамаи масоили матраҳи ин китоби арзишманд аз маҷоли як мақола хориҷ аст ва ба таври хулоса ҳаминро метавон ёдрас шуд, ки боқӣ масоил ва мақулоти аз тарафи суратгароёни русӣ мавриди ғавру баҳс қарор додаро устод Кадканӣ барои хонандаи форсизабон хело чирадастона бо овардани шавоҳид аз адабиёти форсии тоҷикӣ ва тавре ки мулоҳиза шуд, дар муқоиса бо марҳалаҳои рушди адабиёти кишвар тафсиру ташреҳ кардааст. Банда бар ин ақида аст, ки ин китоб барои адабиётшиносони ҷавони мо як роҳнамо ва манбаи назариявии хубест, дар ғавру баррасии комплексии осори адабӣ.

Ба иртиботи ин мавзуъ ёдовар мешавем, ки дар таҳқиқи адабиёту фолклори тоҷик истифодаи ин равиши таҳлили сохтории мактаби формализми русӣ дар солҳои 60-70-уми қарни гузашта кӯшишҳое сурат гирифта буд. Аз ҷумла, яке аз фолклоршиносҳои маъруфи тоҷик, доктори илми филология, шодравон Бозор Тилавов дар таҳқиқи арзишмандашон «Поэтикаи зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикӣ» (ба забони русӣ, соли 1967) ва дар таҳқиқи бунёдии мустошриқи доғистонии шуравӣ доктори илми филология, профессор шодравон Муҳаммаднурӣ Усмонов зери унвони «Сабки шеъри форсии тоҷикӣ (асрҳои 1Х-Х)» -М., 1974 (ба забони русӣ) ба чоп расидааст, аз шигирдҳои суратгароёни русӣ ҳатталимкон

истифода шудааст. Шодравон Бозор Тилавов аз шогирдони бевоситаи яке аз узви фаъоли ин наҳлаи илмӣ В.Пропп буда, рисолаи илмии худро соли 1962 дар ш.Ленинград (ҳоло Санк-Петербург) дифоъ карда ва аз махзари ин донишмандони арсаи ҷаҳонӣ мустафиз шудаанд.

Мутаасифона, ин ҳар ду асари бо шеваи дар он замон нави таҳқиқ дар доираҳои илмии ховаршиносӣ, ба вижа дар Тоҷикистон тарафдороне пайдо накард.

Нуктаи дигаре, ки мехостам рӯи он таваққуфи иҷмолӣ намоям, хидмати арзандаи Шодимуҳаммад Суфизода дар амри баргардон, тавзеҳу ташреҳи баъзе нукоти барои хонандаи тоҷик торик, ироаи пешгуфтори муҳаққиқона ва замимаи китобшиносии муфассали осори формалистони русӣ ва таҳқиқот перомуни оро, андеша ва таъсири ин наҳлаи илмӣ дар ташаккули дигар наҳлаҳои илмӣ-адабии қарни XX ва XXI Ғарб, ки бо забонҳои русӣ ва англисӣ муштамил аз 692 номгӯй, қобили ситоиш аст. Матни китоб ба алифбои имрӯзи тоҷикӣ бо амонатдории дақиқ баргардон шудааст, ки хушбахтона, чунин баргардониҳо имрӯзҳо хело ба нудрат аст. Пешгуфтор ва китобшиносии замимашуда, баёнгари дарки амиқи ин донишманди хоксору фурӯтан аз мактабҳои модерни ҷаҳонист, ки пажуҳишҳои илмиаш тасдиқи ин гуфтаҳост.

Воқеан, нашри «Растохези калимот» бо алифбои тоҷикӣ барои насли ҷавони адабпажуҳи тоҷик армуғони хубест.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

### Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 18.07.2024*
*Барои нашр имзо шуд 20.07.2024*
*Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70х100[1]/[8].*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва** ______________________________